# АЛӢ БОБОҶОН

# ТОҶИКИСТОНИ МАН





АЛӢ БОБОҶОН

# ТОҶИКИСТОНИ МАН

НАШРИЁТИ «МАОРИФ»
ДУШАНБЕ 1983

84 Тоҷик 7
Б 74
Тоҷик²

БИБЛИОТЕКА
Инв. № 646571
Пединститута

**Бобоҷон, Алӣ**

Б 74 Тоҷикистони ман: (Маҷмӯаи очеркҳо, шеърҳо ва публицистика. Барои бачагони синни миёна ва калони мактабӣ).— Душанбе: Маориф, 1983.

Китоби нави шеърҳо ва очеркҳои Алӣ Бобоҷон аз гузашта, ҳозира ваояндаи республика, таърихи сохтмонҳои азим, сарнавишти қаҳрамонони панҷсолаҳо, корнамоии нахустин коммунистону комсомолон, равнақи илм ва маданияти РСС Тоҷикистон ҳикоят мекунад. Маҷмӯа ба ҷашни фархундаи 60-солагии РСС Тоҷикистон ва Партияи Коммунистии Тоҷикистон бахшида мешавад.

**Бободжан, Али**
Мой Таджикистан

**Тоҷик²**

Б $\frac{4802010000-215}{М\ 504(13)-83}$ 122—83

© Нашриёти «Маориф», 1983

## БАЙРАҚИ РЕСПУБЛИКА

Ҳамеша бар сари Қасри Ҳукумат
Чу рамзи ҳуррият ҳастӣ парафшон.
Падидор аст дар шӯҳии мавҷат
Шукӯҳи Вахшу Варзобу Зарафшон.

Зи ранги сурхи ту бар хотири кас
Расад он рӯзҳои тираву сахт,
Ки шуд полуда бас хуни муқаддас
Барои ин ҳама озодиву бахт.

Бимонад ранги сурхат бар шарора,
Ки он бархост аз қалби падарҳо.
Ба зулматҳои шаб мисли ситора
Ҷило бахшид дар роҳи зафарҳо.

Бувад аз ранги сурхат, дар таҷалло
Шафақҳои зарандуди диёрам,
Шафақҳои дами субҳи дилоро,
Ки ман аз тобашон серӣ надорам.

Рахи сабзи ту бошад боғманзар,
Бувад рамзи баҳори зиндагонӣ.
Ба зери гунбади минои кишвар
Шукуфта ғунчаҳои навҷавонӣ.

Зи ранги сабзи ту бошад намоён
Зумуррадгун замини серҳосил,
Ки аз дасти саховатманди деҳқон
Диҳад сад файз бар маъвою манзил.

Зи ранги сабзи ту бошад ҳувайдо
Сари сабзу ҷавони Тоҷикистон,
Раги сабзи ҳазорон наҳру дарьё,
Ҷабини мардуми сабзинаи он.

Ту гӯи ранги нилият бипайваст
Ба лавни ҳар ниҳоли пахтазорон,
Ки дар айни нумӯи худ кабуд аст,
Ба мисли обҳои чашмасорон.

Чунон ранги сафедат софу дилкаш,
Ки шири модаронро оварад ёд,
Ҳамон шире, ки аз тобу тавонаш
Бишуд сахт устухони одамизод.

Сафедиро гирифтӣ ошкоро
Ту аз мӯи сари пирони тоҷик,
Ҳамон пирон, ки роҳи дури моро
Ба неруи хирад карданд наздик.

Сафедӣ, чун нишони софии дил,
Барои ҳар касе нури умед аст.
Ба фардо эътимоди мост комил,
Ба ранги субҳ роҳи мо сафед аст.

Ливои мо, ба фарқат досу чаккуш
Нишони ваҳдати поянда бошад.
Ман аз истораи сурхи ту дилхуш,
Ки пайки некии оянда бошад.

Тамоми рангу бори навбаҳорон
Маро аз ҷилваю нурмат ҳувайдост.
Ҳама авҷу камоли Тоҷикистон
Зи се ранги диловези ту пайдост.

## ЛИВОИ ОКТЯБРЬ

Ҳар гоҳ, ки ба Москва сафар кунам ва ба Майдони Сурх наздик шавам, чашмам беихтиёр ба байрақи сурхе, ки дар болои гумбази қасри олишони Кремль парафшон аст, дӯхта мешавад. Аз дидани ин байрақ, ки дос ва болғаи рӯи он рамзи ягонагию иттифоқи коргару деҳқон ва ситораи сурхи панҷгӯшааш тимсоли якдилии заҳматкашони ҷаҳон аст, чашм нур мегирад.

Ливои арғувонии мо тимсоли садоқат ба кори революция ва таълимоти абадзиндаи ленинист. Большевикон тахти ҳамин байрақ синфи коргару деҳқонро ба штурми Қасри зимистонӣ мебурданд. Ранги сурхи ин байрақ рамзи хунҳоест, ки баҳри озодии халқҳо рехта шудаанд.

Таърихи байрақи сурх таърихи муборизаи синфии пролетариат буда, бисьёр воқеаҳоро ба ёд ва пеши назар меорад.

Охири соли 1876 дар Петербург намоиши сиёсии пролетарҳои рус барпо гардид. Ин намоиш якумин хурӯҷи мардуми заҳматкаш бар зидди ҳукумати подшоҳӣ буд бо пешоҳангии коргарон, ки ба онҳо студентон — аъзоёни ҷамъияти махфии «Замин ва озодӣ» ҳамроҳ буданд. Дар фуроварди он намоишгарон Яков Потапов ном коргари ҷавонро болои даст бардоштанд ва ӯ байрақи сурхеро бар сари коргарон барафрошт.

Якуми маи соли 1900 дар Харьков намоише ба вуқӯъ омад, ки дар он даҳ ҳазор коргар иштирок дошт. Коргарон рӯзи кори ҳаштсоата талаб мекарданд ва дар рӯи алвонҳо шиорҳое навишта буданд, ки ба сарнагун сохтани ҳукумати подшоҳӣ ва капитализм, барои озодӣ ва ҳуқуқи аҳли заҳмат даъват менамуданд.

Боде, ки аз оғози тӯфон хабар меоварад, боди муроде, ки мардум дер боз интизораш буданд, байрақи сурхро бар сари иштирокчиёни ин намоиш ва намоишҳои сершумори баъдина ҷилвагар месохт. Солҳои 1905—1907, вақте ки синфи коргар бо роҳбарии партияи марксистии Ленин ба шӯриши яроқнок бархост, нахустин бор байрақҳои сурх дар фазои Москва ба ҷилва омаданд. Киштии «Потёмкин» шӯриш бардошт ва байрақи сурх барафрошт. Нахустин революцияи рус ҳукумати подшоҳӣ ва сохти буржуазӣ-помещикии Россияро то беху бун ба ларза андохт. Сипас, соли 1917 Революцияи Кабири Социалистии Октябрь ғалаба карда, байрақи сурх байрақи аввалин дар ҷаҳон давлати социалистӣ қарор дода шуд.

Шашуми июли соли 1924 халқи мо солонаи қабули аввалин Конституцияи Советиро ҷашн гирифт. Ба ин муносибат дар майдони Октябри шаҳри Москва митинг оростанд, ки дар он вакилони конгресси панҷуми Коминтерн ҳам иштирок доштанд. Дар ҳамин митинг вакилони коммунистони Франция байрақи коммунарҳои Парижро ба коргарони Москва тӯҳфа доданд. Михаил Иванович Калинин дар нутқи худ гуфт: «Дар ин солгарди аввалини хокимияти коргару деҳқон ба ҳукумати мо байрақи коммунарҳои Париж, ки 53 сол муқаддам ҳукумат доштанд, тӯҳфа расидааст. Иттифоқчии мо, пролетариати Франция байрақи сурхи худ, байрақи аввалини коммунарҳои Парижро ба мо ҳадья фиристодааст». Ин байрақ то кунун дар Музеи марказии Владимир Ильич Ленин бо камоли эҳтиёт нигаҳдорӣ мешавад.

Соли 1920 дар зери гунбади нилии Бухоро байрақи сурхи фирӯз баланд гардид. Ин ливои Республикаи Халқии Бухоро буд, ки ба мазлумону фақирон муждаи озодӣ расонда, ба муттафиқию ҳамрайъӣ даъват мекард.

Зодагони Инқилоби Октябрь ҳанӯз дар тулӯи субҳи замони нав байрақи советиро ба сари Боми Ҷаҳон зада буданд. Соли 1928 бо декрети махсуси КИМ-и РАСС Тоҷикистон ба баландтарин қуллаи кӯҳи Помир номи В. И. Ленин дода шуд. Аз ҳамон вақт ин ҷониб дар сари ин қулла байрақи сурх парафшон аст, кӯҳнавардон дар зери он муҷассамаи Ленинро мебинанд.

Байрақи сурх барои ҳар яки мо азизу муқаддас аст. Мактаббачаҳо вақти ба сафи пионер қабул шудан ба гардан галстуки секунҷа баста, бо тантана ваъда меди-

ҳанд, ки дар мубориза ба кори Партияи Коммунистӣ доимо тайёранд. Ин галстуки секунҷа парчае аз байраки сурхи Революцияи Октябрь, рамзи иттифоқи се насл: коммунистон, комсомолон ва пионерон аст.

Ҳангоме ки пионерон узви комсомол мешаванд, дар назди байраки сурх савганд мехӯранд, ки сазовори номи олии Иттифоқи ҷавонони ленинӣ бошанд. Ҳазорон нафар ҷавонони мамлакат ҳар сол дар пеши байраки сурх қасам ёд мекунанд: «Ман, гражданини Иттифоқи Республикаҳои Советии Социалистӣ, ба сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ дохил шуда, қасам мехӯрам, ки ҷанговари поквиҷдон, диловар, боинтизом ва зираку ҳушьёр бошам!».

Агар байраки диёратро дар хориҷа, дар сафоратхона, ки як порча замини Ватан аст, бубинӣ, дил аз ғояти шодию ҳаяҷон метапад. Боре дар пойтахти як мамлакати хориҷӣ автобуси мо, сайёҳон, дар назди дарвозаи сафоратхонаи советӣ қарор гирифт. Ин вақт мошини сафири советӣ омад, ки байракчаи сурхи давлати моро дар пеш дошт. Мо, ки қариб ду ҳафта ин ҷониб дур аз Ватани будем, аз дидани ин як порча матои муқаддас ба ваҷд омадем.

Дар он дам байраки давлатии Республикаи Советии Социалистии Тоҷикистон ба ёдам расид, ки чор рахи рангаи уфуқӣ дорад: ранги рахи сурхи болояш нисфи бари байракро ташкил медиҳад; рахи сафед панҷьяки бари байракро, рахи сабз даҳьяки бари байракро ва рахи сурхи поёнаш панҷьяки бари онро ташкил медиҳад. Дар қисми сурхи болои байрақ дар наздикии даста тасвири досу болғаи заррин ва дар болои он ситораи сурхи панҷгӯша бо ҳошияи зарҳалӣ акс ёфтааст. Аз дидани ин ливои чун уфуқ лолагун чашми ман серӣ надорад.

Дар он лаҳза мавҷи байракҳои қирмизӣ дар чашнҳои пуртантана пеши назарам омад. Кӯдакони дӯстрӯи диёрамро ёд овардам, ки дар намоишҳои идона ҳамроҳи волидайни худ аз шодӣ байракчаи сурхи оҳариро алвонҷ дода, аз назди минбари бошукӯҳ мегузаранд.

...Боре ба мо муборизи роҳи озодӣ Абдулло Нуъмонович Валишев нақл кард, ки соли 1931 дар яке аз задухӯрдҳои хунин тири босмачиён сардори отряди ихтиёриён Қаршӣ-оқсаққол Одинаевро аз по афтонд. Вай

дар ҳолате, ки сахт маҷрӯҳ буд, ба ҳамсараш супориш фиристод:

— Ба Санам гӯед, ки байрақи отрядро пинҳон дорад.

Санам Одинаева супориши шавҳарашро содиқона ба ҷо овард. Байрақи сурхро чун хотираи рӯзҳои ҷанг солҳо нигоҳ дошт. Баъд онро ба ихтиёри музей дод. Байрақро собиқ аъзоёни отряди ихтиёриён, хешовандони Одинаев — Қарокӯл Холов ва Қурбон Сафаров аз Ёвон ба Душанбе оварда, дар вазъияти ботантана ба Музеи кишваршиносии республика супурданд. Валишев ба ҳозирон аз корнамоиҳои муборизи роҳи озодӣ Каршӣ-оқсаққол ва меҳрубониву диловарии ҳамсари ӯ Санам, ки ба чекистҳо ёрӣ мерасонд, нақли муассире кард.

Аз хотир мегузарад, ки чӣ тавр сарбозони советӣ дар муҳорибаҳои шадид байрақи сурхро даст ба даст пеш мебурданд. Лозим ояд, дар ҳифзи байрақ, ки шаъну шарафи қисми ҳарбист, ҷон медоданд.

Моҳи сентябри соли 1944 Бюрои информационии советӣ дар бораи байрақи қисми ҳарбиро ҳифз кардани зане хабар дод. Ин зан сокини Виската ном деҳаи вилояти Ленинград Антонина Миронова буд. Байрақро тӯпчӣ — ҷанговари сахт маҷрӯҳ ба ӯ супурда, чунин таъкид кардааст:

— Эҳтиёт кун, модар! Чун гавҳараки чашм эҳтиёт кун! Вақте ки аскарони мо бармегарданд, бигӯй, ки қисми ҳарбӣ то охирин нафас ҷангид, ҳалок шуд, вале супоришро иҷро кард. Бигӯй, ки байрақро бадном накардаем, хоки поки русро мурдор накардаем!

— Гирья накун, писарам! — гуфт модар ба тӯпчии ҷавон, ки ӯро ба госпиталь мебурданд. — Хотирҷамъ бош, ман супоришатро иҷро мекунам!

Антонина Миронова медонист, ки ҷанговарон байрақи қисми ҳарбиро чӣ тавр ҳифз карда, то ба имрӯз овардаанд. Инро ҳам медонист, ки агар фашистон байракро ёбанд, ӯро амон нахоҳанд гузошт. Вай байракро пинҳон нигоҳ медошт. Дере нагузашта фашистҳо дар қатори дигар бошандагони деҳа ӯро низ ба лагери концентрационӣ бурданд. Баъди як соли азобу шиканҷа ӯ озод шуд. Вале дар ҳамон шароити душвор ҳам байракро эҳтиёт кард. Вақте ки ҷанговарони советӣ баргаш-

танд, колхозчизани ватанпарвари рус Миронова байраҳи ҳарбиро ба онҳо супурд ва гуфт:

— Ин аст амонате, ки дер боз нигоҳ медоштам.

Онҳое, ки дар душвортарин лаҳзаҳо байраҳи ҳисми ҳарбиро аз душман эҳтиёт мекунанд, бо ордени «Шараф» мукофотонида мешаванд. Яке аз шонздаҳ нафар дорандагони ҳамаи дараҷаҳои ордени «Шараф» дар Тоҷикистон, сокини деҳаи Ёваи райони Хуҷанд Аҳмадҷон Рӯзиев низ дар ҳифзи байраҳ ҷонбозӣ намудааст.

Аввали моҳи маи соли 1945. Дарвозаи Бранденбурги шаҳри Берлин. Охирин штурми лонаи фашистон. Байраҳбардори полк, сарбози рус байраҳ дар даст аз байни ҷанговарон пеш медавид. Ногоҳ ӯ тир хӯрд ва аз по афтод. Байраҳро Аҳмадҷон ба даст гирифт. Вай захмдор буд, бо вуҷуди он байраҳро бардошта пеш бурд. Ба Аҳмадҷон Рӯзиев баъди муддате табобат дар назди дарвозаи Бранденбург генерал Горбатов ордени «Шараф» дараҷаи якум супурд.

Ҷанги хонумонсӯз, ки Германияи фашистӣ сар карда буд, анҷом меёфт. Дивизияи 150-уми тирандозӣ (фармондеҳаш генерал-полковник Василий Шатилов) пешсаф буд. Ҷанговарони советӣ ба бинои парламенти фашистӣ наздик мешуданд. Дивизия фармон гирифт, ки хати мудофиаи гитлерчиёнро рахна кунад ва дар болои Рейхстаг байраҳи зафарро занад.

Бинои Рейхстаг зери тиру оташ буд. Осмони Берлин аз дуди ғализи борут сиёҳранг метофт. Дар айни долу зарби муҳориба ба Михаил Егоров ва Мелитон Ҳантария байраҳи полкро супурданд. Ҳомандир ба онҳо гуфт: «Фаромӯш накунед, ин байраҳ бояд чун рамзи фирӯзӣ бар фашизми гитлерӣ шавад. Аз ин даҳиҳаҳо дуи шумо разведкачӣ не, балки байраҳбардор ҳастед. Зафар ёратон бод!» Ҳомандир инро гуфту зону бар замин зада байраҳро бӯсид.

Вазифа фавҳулодда мураккаб буд. Вопасин ҷангҳои пуршиддат дар маркази Берлин идома доштанд. Дар сари роҳи аскарони советӣ ДОТ-у ДЗОТ-ҳои сершумор меистоданд. Фашистҳо махсусан, мудофиаи Рейхстагро мустаҳкам карда, даромадгоҳи онро бо воситаҳои пурзӯри оташфишонӣ ҳимоя мекарданд, ба майдони набард ҳуввbooҳои нав ба нав мефиристоданд. Вале афзалияти лашкари Советӣ ва заволи рейхи гитлерӣ баръало маълум буд. Агар мо бигӯем, ки ҳамаи он мил-

лионҳо нафар аскарони дар ҷанг ҳалокшуда дар роҳи мағлубияти Берлин байрақбардор буданд, хато нахоҳем кард. Байрақро аз дасти маҷрӯҳон дигарон мегирифтанд ва ин эстафетаи мардонагӣ қадам ба қадам аз Сталинград, аз Курск, даштҳои Украинаю бешаҳои Белоруссия, аз Варшава ва Краков гузашта, ба Берлин наздик мешуд. Бисьёриҳо дар аснои хуҷум ба Рейхстаг тир хӯрда ҳалок мегаштанд, ҷои онҳоро зуд дигарон гирифта, ғалабаро лаҳза ба лаҳза наздик меоварданд. Дар байни ин хуҷумгарон сержантҳо Михаил Егоров ва Мелитон Кантария байрақро пеш мебурданд. Фашистҳо аз атрофи Рейхстаг беист тир меандохтанд. Ба ақиби онҳо гузаштан ё ба боми Рейхстаг баромадан— яке аз дигаре душвортар буд. Байрақбардорон аз зинаҳо ҷаҳида, гранатаҳоро ба кор андохта, ниҳоят, ба гунбази Рейхстаг расиданд. Ба аспи биринҷии болои бом наздик шуда, ба атроф назар андохтанд, тамоми Берлин намудор буд. Болотари гунбаз баромада, байрақи полкро мазбут насб карданд. Ниҳоят, якуми май дар гумбази Рейхстаг Байрақи Ғалаба барафрошта шуд. Ҳамаи аскарони советӣ ба ин байрақ нигариста, ҳамдигарро табрику таҳният мегуфтанд, ашки шодӣ мерехтанд, мерақсиданд, суруд мехонданд ва савганд мехӯрданд, ки дигар ба пайдоиши фашизм роҳ намедиҳанд.

Халқҳои Ватани мо дар тахти байраки сурх харобаҳои ҷангро барқарор карданд, ҳазорон-ҳазор фарсах замини нокорамро ба кор андохтанд, маҷрои дарьёҳои азимро дигар карданд, силсилаи станцияҳои электрӣ ва шаҳрҳои нав сохтанд. Байраки Ленин аз Замин то ба кайҳон парафшонӣ кард.

Соли 1975 бо ташаббуси комсомолон мусобикаи социалистӣ барои шарафи ба сурат афтодан дар назди байрақи ғалаба равнақ ёфт. Байрақ дар ҷои фахрии Музеи Қувваҳои Мусаллаҳи Иттифоқи Советӣ гузошта шуд. Ин Байрақи Советӣ ҳарбии Армияи сеюми зарбазанест, ки онро Егоров ва Кантария бар болои лонаи ҷаллодони фашистӣ барафроштаанд. Ин байрақ ба насли ҷавон хотираи хуни муқаддасест, ки падару бобоён дар ҷангҳо рехтаанд; хотираи курбониҳои бузурги халқи советист, ки бахри озодӣ ва истиқлоли Ватан дода шудаанд. Писарону духтарон дар назди ин байрақ ба сурат афтода, барои баробар шудан бо касоне, ки дар

солҳои озмоиши душвортарин дар зери ин байрақ ғалаба ба даст овардаанд, қасам ёд мекарданд.

Москва. Арафаи 30-солагии ғалаба. Дар вазъияти ботантана дар назди Байрақи Ғалаба ба сурат гирифтани ғолибони мусобиқа, ки ба ин шараф муяссар гардидаанд, сар шуд. Ҷавонони гуногунмиллат аз як зал ба зали дигар гузашта, бо экспонатҳо шинос мешуданд, ҳуҷҷатҳои нодир, варақаю рӯзномаҳои ба мурури замон зардшударо мехонданд. Аз зали шонздаҳум, ки Зали Ғалаба аст, чунин суханҳо чун савганд ба гӯш мерасиданд: «Ҳуқуқи фахрии ба посбонии байрақи ғалаба истодан дар сисолагии ғалабаи Иттифоқи Советӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои комьёбиҳои меҳнатӣ, эҷодӣ, илмию техникӣ, таълиму тарбия ва корҳои ҷамъиятӣ ба одамони зерин...»

Ҳамроҳи ғолибони мусобиқа дар назди байрақ лашкаркаши машҳур, Маршали Иттифоқи Советӣ И. Х. Баграмян, ду карат Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ, генерали армия П. И. Батов, маршали авиация С. А. Красовский, иштирокчиёни штурми Рейхстаг М. А. Егоров, М. В. Кантария ва бисьёр дигарон меистоданд. Дар назди байрақи муқаддаси Ватан, дар паҳлуи ветеранҳои ҷанг ва меҳнат насли наврас савганд ёд карданд, ки ба анъанаҳои пуршарафи революционӣ содиқ мемонанд. Комсомолони пойтахти Ватанамон чунин қарор доданд, ки аз номи қурбониёни ҷанг низ кор кунанд.

Байрақи сурхи Давлати Советӣ дар тантанаҳои ҳар як ғалабаи бузурги меҳнатӣ низ барафрошта мешавад. Танҳо дар маросимҳои мотами умумихалқӣ, дар рӯзҳои дафни беҳтарин фарзандони Ватан, барои хотираи шаҳидон ва мубориони матини роҳи идеалҳои олӣ сари байрақҳоро хам мекунанд.

Доҳии бузурги халқ Ленини кабир дар рӯзҳои Октябрь байрақи озодиро барафрошта, аз байни обу оташҳои шадид то ба манзили мурод расондааст. Имрӯз ҳам ӯ ба кору бори мо аз рӯи ин ливо менигарад. Ҳар дафъа дар тахти ин байрақи Октябрь, ки дар фарози гунбади қасри Кремль парафшон аст, Партияи Коммунистӣ съезди таърихии худро гузаронда марҳилаҳои нави ҳаёти мо, роҳу мароми халқро ба сӯи фардо муайян ва равшан менамояд.

Партия, ҳастии мо бо ҳастият пайванд шуд,
Зери байроқи ту рафтан, зистан савганд шуд!

## СУРУДИ МИЛЛАТ

Эй гимни Тоҷикистон,
Овози давлати мо,
Шеъри ягонаи халқ,
Овози миллати мо.

То ҳар ҳиҷову ҳарфат
Ояд латифу мавзун,
Лоҳутии суханвар
Сад бор шуд ҷигархун.

Ту болу пар гирифтӣ
Аз иттиҳоди ҷовид,
Чун нури нав гузаштӣ
Аз пеши Моҳу Хуршед.

Шаҳди забони тоҷик
Мерезад аз ҳавоят,
Оҳанги ваҳдати мо
Мехезад аз навоят.

Сабт аст дар ниҳодат
Шарҳи садоқати мо,
Бар дӯстони ҷонӣ
Арзи рафоқати мо.

Ҳамчун суруди миллат,
Вирди забони мой.
Аз тори дил дамида,
Оҳанги ҷони мой.

## ҚИМАТТАРИН ЁДДОШТ

Ҳар гоҳ ки аз Владимир Ильич сухан равад, дар назари ӯ симои зиндаи доҳӣ муҷассам мегардад ва беихтиёр падарашро ёд меорад. Шаҳобиддин пешвои заҳматкашони ҷаҳонро аз аввалин рӯзҳои Инқилоби Октябрь ғоибона мешинохт. Падараш, ки дар Фарғона муаллим буд, ба ӯ баъзе асарҳои Ленин ва китобҳои дар бораи ӯ навиштаи ҳамкорону ҳамсафонашро оварда медод, дар хусуси Ильич фикру андешаи худро мегуфт.

Шаҳобиддин аз фаъолияти доҳӣ торафт бештар воқиф мешуд. Дере нагузашта ӯ ба кори матбаа даромад, акнун худаш ҳам варақаю рисолаҳои дар матбааи шаҳри Фарғона нашршударо оварда, шабҳо мутолиа мекард. Шабе ба падараш декретҳои В. И. Ленинро дар бораи сулҳ ва замин хонда дод. Падараш аз суханони оташбори пешво мутаассир шуда гуфт: «Таърих мисоли ин гуна табаддулотеро, ки шуда истодааст, намедонад. На танҳо ман, балки бобою бобокалонҳоямон ҳам ин хел дигаргуниҳоро дар умрашон надидаву нашунидаанд. Давлати нави шӯравӣ, ки манфиати аҳли меҳнатро ҳимоя мекунад, дар таърих саҳифаҳои нав мекушояд».

Моҳҳо ва солҳои пурошӯб мегузаштанд. Комсомолон ва ҷавонони ҷасур бо роҳи нишондодаи Ленин рафта, барои мустаҳкам кардани Ҳокимияти Шӯро ба муқобили қувваҳои мусаллаҳи аксулинқилобӣ — босмачиёни водии Фарғона мубориза мебурданд, ки дар сафи онҳо Шаҳобиддин ҳам буд.

Соли 1920 омада буд, соле, ки аввалин орзуҳои ширини одамизод ҷомаи амал мепӯшид, соле, ки дар уезди Хуҷанд бӯи ҳаёти нав меомад. Дигар адолат бар

разолат ғалаба мекард. Зиндагӣ обу ранги нав, мазмуни нав мегирифт. Ҳар рӯз як ҳодисаи нав, як воқеаи фараҳангез ба амал меомад. Аз байни мардум одамони қавиазму суботкор — муборизони диловари роҳи озодӣ ба камол расида, бар зидди тартиботи кӯҳна мебаромаданд. Беҳтарин фарзандони халқ ба Россия сафар карда, анъанаҳои инқилобии коргарони рус ва большевиконро дида, бо таассуроти амиқ бармегаштанд. Суханони «Ленин», «Большевик», «Пролетариат» ва «Советҳо» торафт баланд садо медоданд.

Тирамоҳи ҳамон сол отряди комсомолии Шаҳобиддин Хоҷаев ҳамроҳи отряди қирғизони Исобек Бектемиров, отрядҳои рафиқон С. А. Қирасиров, Ҳидоят Гиззатуллин бар зидди дастаи босмачиёни Норқӯзӣ-қӯрбошӣ ҳуҷум сар кард. Қисми зиёди душман торумор гардид ва кони ангишти Сулукта аз хавфи ҳуҷуми босмачиён эмин гардонда шуд. Ба отряди комсомолон барои далерона ва бомуваффақият ҷангиданаш истироҳати якмоҳа доданд. Командирии отряд ба политрук Николай Озернов супурда шуд ва отряд ба шаҳри Хуҷанд рафт.

Шаҳобиддин Хоҷаев барои гузаронданн конференцияи якуми комсомолони райони Драгомирово монд. Вақте ки ӯ дар бинои ячейкаи комсомолии кон менишаст, узви комсомол Султон Боймуродов бо имзои котиби комитети партиявии райони Драгомирово Муҳаммадҷон Назаров телеграмма оварда супурд, ки зудтар ба Тошканд равад.

Дар Тошканд ба Шоҳобиддин Хоҷаев (Садруллин) хабар доданд, ки бо даъвати Комитети Кишварии Туркистон бояд ба Москва, ба Съезди сеюми Умумироссиягии комсомолон равад.

Москва! Дили Ватани маҳбуб. Пешвои халқ Владимир Ильич Ленин дар ҳамин ҷо зиндагӣ ва ба халқ роҳбарӣ мекунад. Шаҳобиддин аз китобҳо хонда буд, ки Москва чӣ ҷоест. Мурғи хаёлаш пайваста ба сӯи он парвоз мекард. Охир, барои вай барин фарзанди ранҷбар дидани чунин шаҳри азим бахти калон аст. Вай мехост ба дидори доҳии муаззами халқ мушарраф шавад. Аммо вохӯрӣ ва мулоқот бо Ленин дар хоби шабаш ҳам надаромада буд.

Бист нафар комсомолони Туркистон ба Москва равон шуданд. Онҳо аз якдигар мепурсиданд: «Оё Ленин-

ро дидан ба мо муяссар мешуда бошад?». Мехостанд ҳарчи зудтар ба Москва бирасанд. Аммо дар пеш роҳи дуру дароз тӯл мекашад. Бо поезд қариб ду ҳафта роҳ паймуданд. Ҳар қадар ба Москва наздик шаванд, меҳри он зиёдтар дар дили онҳо маъво мегирифт.

Дар съездҳои якум ва дуюми Умумироссиягии Иттифоқи Коммунистони Ҷавонон намояндагони комсомоли Туркистон иштирок карда натавонистанд, чунки дар мамлакат задухӯрдҳои сахт мерафт. Шаҳобиддин худро хушбахт мешумурд, ки дар сафи аввалин намояндаҳои комсомоли Туркистон ба съезд меравад.

Съезди сеюми Умумироссиягии Иттифоқи Коммунистии Ҷавонон кушода шуд. Дар байни вакилон аскарони сурх, баҳрнавардон, роҳиоҳанчиён, коргарон, фиристодагони ҷавонони батрак ва деҳқонон низ буданд. Шаҳобиддин дар қатори вакилон менишасту аз дил мегузаронд, ки ҳозир Ленин ба съезд даромада меояд. Дар тасаввуроти вай Ленин як одами босалобати тануманд менамуд.

Рӯзи дуюми октябрь садри маҷлис эълон кард:

— Сухан ба Раиси Совети Комиссарони Халқии Умумироссия Владимир Ильич Ульянов (Ленин) дода мешавад!

Дар зал нидои хурсандӣ ва табрику таҳният танинандоз гардид. Ҳамаи ҳозирон аз ҷой хеста, ташкилотчии революцияи пролетарӣ В. И. Ленинро самимона, гарму ҷӯшон, бо чапакзаниҳои пурмавҷи давомдор пешвоз гирифтанд. Чашмони аз меҳру муҳаббат шӯълабори ҷавонон ба доҳии бузург дӯхта шуданд.

Шаҳобиддин номи Ленинро аввалин бор соли 1917 шунида буд. Ҳангоми дар чопхонаи «Ситора» кор карданаш бо имзои ӯ декретҳо дар бораи сулҳ, замин ва ғайра чоп шудан гирифтанд. Он фармоннномаҳоро Шаҳобиддин бо ҳуруфоти тоҷикӣ чида, бо дасти худ чоп мекард. Ҳамон рӯзҳо овозаҳо паҳн шуда буд, ки дар Россия Ленин ном одами камбағалпарвар ҳокимияти подшоҳиро сарнагун сохта, зимоми роҳбарии давлатро ба даст гирифта, ҳокимияти нави коргару деҳқон таъсис кардааст. Вай одами бисьёр оқилу одил ва ҳомии сулҳу амонӣ будааст, замину обро ба ихтиёри камбағалон додааст. Аз ин рӯ, мардум Ленинро «пайғамбари замон» меноманд, аммо чунон ки Шаҳобиддин бо наш-



БИБЛИОТЕКА
Инв. №
Пединститута

ми худ дид, ӯ пайғамбар не, балки як одами тамоман оддӣ ва хоксор будааст.

Баъди чапакзаниҳои ғулғуланок, вақте ки Ленин ба сухан сар кард, дар зали съезд чунон хомӯшии том ба миён омад, ки ҳама гӯё тапиши дили худро мешуниданд. Вакилон нутқи таърихии ӯро доир ба вазифаҳои иттифоқи ҷавонон бо камоли иштиёқ мешуниданд. Владимир Ильич аз моҳияти маромномаи Партияи большевикӣ сухан ронда, вазифа гузошт, ки ҷавонон барои барпо ва мустаҳкам кардани ҷамъияти нави коммунистӣ муборизаи оштинопазир баранд. Шаҳобиддин нағз дар ёд дорад, ки доҳӣ таъкид кард: «Вазифаи ҳақиқии барпо кардани ҷамъияти коммунистӣ асосан дар пеши ҷавонон меистад... Шумо медонед, ки дар мамлакати бесавод бино кардани ҷамъияти коммунистӣ мумкин нест. Барои ин лозим аст, ки худи насли ҷавон ин корро ба даст гирад. Коммунизм аз он иборат аст, ки ҷавонписарон ва духтароне, ки дар сафи Иттифоқи ҷавонон мебошанд, бигӯянд: ин кори мост, мо муттаҳид мешавем ва ба қишлоқҳо меравем, то ки бесаводиро нест кунем, то ки дар байни насли навраси мо бесаводон набошанд»...

Иштирокчиёни съезд нутқи пешворо бо камоли диққат мешуниданд. Владимир Ильич дар бораи вазифаҳои навбатии ҷавонони советӣ бо ҷӯшу хурӯш ҳарф зад. Вазифаи программавии комсомолро дар соҳаи сохтмони коммунистӣ махсусан қайд кард. Бисьёр масъалаҳои муҳиму мураккабро дар таълим ва маданияти социалистӣ амиқу возеҳ шарҳ дод. Ҷавононро даъват кард, ки боз ҳам хубтар хонанду омӯзанд.

Лекин нутқашро ба охир расонд. Дар зал боз чалакзании пурмавҷи давомдор ғулғулаандоз шуд. Ҳама аз ҷой бархостанд, нидоҳои «Зинда бод Ленин!» ва «Поянда бод Ҳокимияти Советҳо!» баланд шуд.

Нутқи пурҳарорати Ленин ба дилҳо таассуроти амиқ бахшид. Шаҳобиддин ба меҳмонсарой баргашта, дер гоҳ дар бораи он вазифаҳое, ки Владимир Ильич дар назди ҷавонон гузошта буд, фикр мекард. Ҳамон шаб маълум шуд, ки Ленин роҳбарони Туркистонро қабул мекардааст. Рӯзи дигар Шаҳобиддин ва рафиқонаш Дадобой Холматов ва Абдуллохон Бобохоновро раиси Комитети Иҷроияи Марказии республикаи Туркистон Абдулло Раҳимбоев ҳамроҳ ба қабули Ленин бурд.

Инак, онҳо дар Кремль мунтазири ба назди доҳӣ даромадан. Аз шодию ҳаяҷон ҳама чизро фаромӯш карда буданд. Ленин онҳоро пешвоз гирифта, ҳамроҳашон нишаст. Ба ӯ аз халқҳои Туркистон салому паём расонданд. Сӯҳбат авҷ гирифт. Доҳӣ бештар доир ба фронти Туркистон, кору рӯзгори большевикон, фаъолияти комсомол, органҳои ҳокимияти маҳаллӣ ва талабу эҳтиёҷоти мардум саволҳо дод. Пурсид, ки дар Туркистон пас аз революция чӣ дигаргуниҳо ба амал омад, кай баислоҳоти обу замин сар мекунанд, аҳволи халқ чӣ хел аст, занҳо ба ҳаёти нав чӣ хел менигаранд... Ҳамон вақт таҳти роҳбарии бевоситаи Ленин дар Бухоро революция ғалаба карда, амири охирин Олимхон сарнагун шуда буд. Роҳбарони Туркистон аз рафти корҳои худ, аз нахустин комьёбиҳое, ки халқ бо ивази муборизаҳои хунин ба даст оварда буд, ҳикоят мекарданд. Владимир Ильич аз ҳар кас гап мепурсид. Банохост ба Шаҳобиддин, ки дар тан шинели аскарӣ дошт, рӯ оварда пурсид:

— Шумо аскари сурхед?

— Не, ман комсомол, — гуфт беихтиёр Шаҳобиддин.

Владимир Ильич табассум намуд:

— Аз нишони сари синаатон маълум, ки узви комсомолед.

Шаҳобиддин қадаре шарм дошта, аз изтиробу ҳаяҷон чӣ гуфтанашро надониста монд. Котиби якуми Комитети Марказии комсомоли Туркистон Ғанӣ Муродбеков ӯро ба доҳӣ шиносонд:

— Ин кас Шаҳобиддин Хоҷаев (Садрулин), командири дружинаи ҷавонон, котиби масъули комитети комсомолии уезди Хуҷанд.

Сӯҳбат мухтасар ва пурмазмун гузашт. Ҳама бо навбат дасти Ленинро фушурда, берун мебаромаданд. Шаҳобиддин ҳам дасти ӯро фушурд. Доҳӣ ба онҳо гуфт:

— Ба туркистониҳо аз номи ман салом расонед.

Вакилони Туркистон аз қабулгоҳи Ильич бағоят хурсанду рӯҳбаланд баромаданд. Тамоми рӯз симои гарми хоксортарини хоксорон, бузургтарини бузургон — Ленин аз пеши назарашон дур намерафт. Ба меҳмонсарой баргашта, гуфтугузори байни онҳо ва пешво шударо гаштаю баргашта такрор менамуданд, дар дафтарчаи кисагиашон менавиштанд. Ҳатто хӯрок хӯрдан ҳам аз хотирашон фаромӯш шуда буд. Онҳо сӯҳбат карда

менишастанд, ки як шахси низомӣ ва аз пасаш ду аскари сурх бо коғазпечҳо ба утоқашон даромада пурсиданд;

— Меҳмонони туркистонӣ шумоед?

— Бале, моем, — ҷавоб доданд онҳо.

— Ана инҳоро гиред, ба шумо аз Владимир Ильич Ленин...

Туркистониҳо ҳайрон шуда, коғазпечҳоро кушода диданд, ки Ленин ба онҳо сарулибос тӯҳфа фиристодааст. Ба Шаҳобиддин комплекти пурраи либоси ҳарбӣ расид.

Аз он рӯзи фирӯз, аз он вохӯрии фаромӯшнопазир солҳои сол гузашт. Дар ин муддат Ватани мо бо нишондодн пешво пеш рафт, ба авҷи тараққиёт расид ва гул-гул шукуфт. Дар арзи ин фосилаи таърихӣ, дар тӯли ин солҳо Шаҳобидин ҳам воқеаҳои хурду калон, неку бад ва ғайриоддиро бисьёр аз сар гузаронд, вале аз ҳама ҳаяҷонбахшу пурмазмунтарин лаҳзаи ҳаёти ӯ, қиматтарин ёддошти ӯ ҳамон вохӯрӣ ва мулоқот бо Ленин аст. Баромади доҳӣ дар съезд, бо дасташ ба ҳайати вакилон ишоракунон сухан рондани ӯ, вазифашиносӣ, одамдӯстӣ, қадрдонӣ, дастфишории самимона, пазирой — ҳамаи инҳо дар лавҳи хотири Шаҳобиддин Садрулин абадӣ нақш бастаанд. Вай аз мактаби комсомол гузашта, узви партияи Ленин шуд. Тамоми қувваи худро дар роҳи иҷрои васиятҳои доҳӣ сарф кард. Ҳар вазифае, ки партия ба ӯ бовар карда супурд, аз Ленин донист ва алоқадри ҳол ба ҷо овард. Билети расми Лениндори партиявӣ дар шодию ғам, тӯю мотам, дар ҷабҳаи мубориза ҳо ба дили Шаҳобиддин қувват бахшид, ӯро далер кард ва дар ҳама кору фаъолият раҳбалад шуд. Ӯ — дастпарвари комсомоли тоҷик аз хушбахттарин шахсонест, ки бо пешвои Инқилоби Октябрь вохӯрда, дасташро фишурда, аз мулоқоташ баҳра бурдаанд.

## ГУЛБОҒИ ТОҶИК

Мисли як гулбоғи тоҷик,
Шаҳри ман, шаҳри ҷавонӣ.
Хонаи бахтат мунаввар,
Ғарқаи нури замонӣ.

Аввалин таҳкурсии ту
Қори сарбозони сурх аст.
Ҷовидон бо номи онон
Барзану кӯи ту пайваст.

Аввалин ҳайкал ба Ленин
Қад кашид андар бари ту.
Аз нигоҳи Ленин омад
Рӯҳи нав дар пайкари ту.

Рӯдакӣ аз тахти мармар
Бингарад бо чашми бино.
Ҷаста аз банди ҳаводис
Дар канорат Ибни Сино.

Устувор истода Айнӣ
Байни як майдони гулпӯш,
Мекунад аз қасри санъат
Савту овози туро гӯш.

Ҷониби гулгашти Ҳофиз
Меравам аз кӯчабоғат,
Аз насими кӯҳдоман
Тоза мебинам димоғат.

Шарфаи оби равонат
Чун наво ояд ба гӯшам,
Ҳамчу сеҳри торн танбӯр
Мебарад пайваста ҳушам.

Аз хиёбони ту ояд
Бӯи гулҳои баҳорон,
Кокулашро беди Маҷнун
Шӯяд андар резаборон.

Тоҷиконро меҳрпарвар
Манзили уммед ҳастӣ.
Дар дили мо, эй Душанбе,
Поран хуршед ҳастӣ.

## ГАЛСТУКИ ТАБАРРУК

Дар музеи мактаб дар қатори бисьёр чизҳои нодир як галстуки кӯҳнаи рангпаридаро ҳам ба намоиш гузоштаанд. Он дар рӯи махмали зумуррадгун истодааст. Баробари онро дидан аз дил мегузаронӣ, ки чаро ин галстуки кӯҳнаро ба чунин ҷои назарраси фахрӣ гузоштаанд? Чаро пионерон ба ин галстук ин қадар зеҳн монда менигаранд? Ин галстуки кӣ бошад?

Биё, бо таърихи ин галстук шинос шавем. Ана, ба паҳлуи он нигар, чунин навиштаҷот дорад: «Тӯҳфаи Михаил Иванович Калинин ба яке аз нахустин пионерони тоҷик Очабону Раҳимҷонова».

* * *

Дар кӯчаи камбари ҳамвор пиразани миёнақади хушандом, холаи Очабону дар иҳотаи як гурӯҳ писаракону духтараконӣ дӯстрӯ хушҳолона қадам мезад. Ӯ аз маҳаллаи Гумбазӣ ба гузари Ҳавзи Баланд мерафт. Роҳгузарҳо ба ӯ бо эҳтиром салом медоданд. Онҳое, ки ӯро аз наздик мешинохтанду ихлосманд ва ҳолдонаш буданд, ба қомати андаке хамидаю мӯи сафедаш назар афканда, беихтиёр сарнавишташро ба хотир меов617варданд.

...Очабону аз байни духтарони таҳҷоӣ аввалин шуда дар мактаби нав хонд ва савод баровард. Сонӣ маҳал ба маҳал гашта, занону духтаронро барои маҳви бесаводӣ ва ҳуқуқи худро шинохтан даъват мекард. Азбаски дар байни мардум рӯкушод гашта, занҳоро барои аз фаранҷиву чашмбанд халос хӯрдан ва решаи одатҳои пӯсидаи феодалиро кандан ташвиқот мебурд,

ҷаҳолатпарастон ӯро бад медиданд. Очабону Раҳимҷонова дар мубориза ба муқобили душманони дохилӣ дар деҳоти Хамирҷӯй ва Қушкак ширкат варзида, дар ташкили колхозҳо ва ба онҳо ҷалб кардани занон фаъолият нишон додааст. Ҳангоми дар вазифаи раисии суди халқӣ кор карданаш бар зидди душманони озодии занон, ханнотону duздон ва торочгарони моликияти ҷамъиятӣ муборизаи беамон мебурд. Бо сарварии ӯ қариб ҳар ҳафта суди халқии район қотилонро барои куштани занону духтарон ба ҷазо мерасонд, гунаҳгорон дар суди умумихалқӣ ҳукм мегирифтанд.

Ана, ҳоло ӯро як гурӯҳ мактаббачаҳо давра гирифта мераванд. Холаи Очабону дар ҳалқаи дӯстони наврасн худ ба вохӯрии мактабиён меравад. Ӯро талабаҳои мактаби «Коммунист», чун нахустин даст-парвари мактаб, чун аввалин пионер ва комсомол, ба ҷамъомади худ даъват кардаанд.

Дар маҷлис вожатый эълон кард:

— Сухан ба раиси клуби шӯҳрати революционии шаҳрамон, ба нафақахӯри шахсӣ Очабону Раҳимҷонова дода мешавад.

Залро чапакзании пурмавҷ фаро гирифт. Коммунистзани кӯҳансол ба минбар баромад.

— Набераҳои азиз, — гуфт ӯ, — ман ба шумо дар бораи галстуки сурх ду-се даҳан гап заданиям. Галстуки шумо як парчаи байрақи Давлати Советӣ аст. Аммо баъзе бачаҳо чандон ба қадри галстук намерасанд, онро озода нигоҳ намедоранд ва гоҳе ба баста гаштан ҳам хушашон намеояд. Ҳа, шумо ҳайрон нашавед, ман ин хел бачаҳои ба ном пионерро дидаам. Ҳатто яке аз набераҳои худам рӯзе бегалстук ба мактаб рафтанӣ шуд. Ман аз вай пурсидам:

— Галстукатро набастӣ-ку. Ё аз ёдат баромад?

— Акнун галстук набандам ҳам мешавад, баъди ду-се рӯз комсомол мешавем, — гуфт вай.

Дидед, холаатон гардад, набераам ба пурсиши ман ҳамин хел ҷавоб дод. Ман сарзаниш карда гуфтам, ки галстукро ҳурмат кунад. Сурху сафед шуда узр пурсид. Монанди ҳамин, баъзе бачаҳо ба синфи шаш, ки гузаштанд, дарров галстукро аз ёд мебароранд, гӯё акнун калон шудаанду ба галстук бастан шарм медоранд. Пионер бояд галстукро гавҳараки чашмаш барин азиз донад... Мана, имрӯз шумо ба гарданам

галстук баста, маро пионери фахрӣ интихоб кардед. Ман гӯё аз нав пионери галстуки сурхдор шудам. Қай вақте ки шумоҳо ҳам калон шуда, ба синну соли ман мерасед, сонӣ медонед, ки кас дар чунин лаҳзаи пурҳаяҷон худро чӣ хел ҳис мекунад...

Баъд холаи Очабону коғазпечеро кушод ва галстуки кӯҳнаи рангпаридаеро бароварда, ба аҳли зал нишон дод. Ҳама ҳайрон шуда, чашм аз он намеканданд. Як бачаи нав ба сафи пионер қабулшуда аз ҷояш хеста пурсид:

— Хола, ин галстуки кӣ?

— Аз они худам-дия, холаат гардад. Ин галстуки табаррук. Ман ҳам як вақтҳо шумо барин хурд будам, мактаб мехондам, галстук мебастам. Аммо давраҳои бачагии мо душвор буд, ба хондан шароит надоштем. Ҳукумати ҷавони Советҳо ҳанӯз қоматашро рост нагирифта буд. Қаламу коғаз, китобу дафтар ва галстук намерасид. Аввалин пионерони шаҳр ба ҷои галстук матоъҳои сурх баста мегаштанд. Ана, ҳамин галстук аввалин галстуки ҳақиқӣ мебошад, инро рӯзи ба сафи пионер қабул шуданам бюрои кашшофон ба ман ҳадья карда буд. Ман ин галстукро то комсомол шуданам баста мегаштам, сонӣ чун нишонаи солҳои пионерӣ, нигоҳ дошта омадам. Ҳар боре, ки сандуқро кушояму ин галстукро бинам, давраи бачагиам ба ёдам расида, хушҳол мешудам. Ҳа, воқеан, медонед, чаро ин галстукро «табаррук» гуфтам? Ин ба сари худ як таърих дорад.

Холаи Очабону лаҳзае хомӯш монд. Хаёлан дафтари хотираҳои худро варақ мезад. Ӯ воқеаи қариб чиҳил сол пеш рӯйдодаро ҳикоя кард.

...Тирамоҳи соли 1925. Саҳни васеи станцияи Мельниково зебу зинати идона дошт. Аз шаҳру деҳоти атроф мардуми бисьёре ҷамъ омада, ба дуродури роҳи оҳан чашм медӯхтанд.

Интизорӣ бисьёр тӯл накашид. Семафор кушода шуду аз дур фағонаи дуди сиёҳи паравоз намоён гардид. Паровоз ҳуштак дода, баъди чанд дақиқа фашшосзанон ба станция омада қарор гирифт. Ба зинапояи вагон марди миёнақади лоғарандом ва ришу мӯйлабдоре баромад. Ин шахси ситорагарм ҳамсафи Ленини муаззам, раиси Комитети Иҷроияи Марказии СССР Михаил Иванович Калинин буд, ки баъди сафари Бухоро ба водии Фарғона мерафт. Атрофро садоҳои кафкӯбӣ ва «Ура!»

фаро гирифт. Як гурўҳ нахустин пионерони Конибодом ва Ашту Исфара ба Калинин гулдастаҳо тақдим карданд. Ў айнакашро аз чашм гирифта, ба бачаҳо рў овард:

— Дар мубориза ба кори Ленин бош тайёр!

— Доимо тайёр! — салют доданд бачаҳо.

Михаил Иванович ба пионерон самимона ҳолпурсӣ карда, дар охир саволе дод:

— Канӣ, гўед: доҳии мо Владимир Ильич Ленин дар бораи хондан чӣ гуфтааст?

Як бачаи гармрўи ҷомаи алочапўш гуфт:

— Ленин ба мо гуфтааст, ки «Хонед, хонед, боз хонед!»

Тарҷумон суханони ўро ба русӣ гардонд.

— Бале, писар, бале! — хурсанд шуд Михаил Иванович. — Ленин васият кардааст, ки нағз хонед, асосҳои илмро омўзед, донишро дар амал татбиқ карда, чун одамони бомаърифат ба камол расед. Шумо, бачаҳо, умеду орзуи мо, оянда ҷойнишинони комсомол ва партия ҳастед. Бояд васиятҳои Ильичро ба ҷо оварда, аз сидқи дил хонеду омўзед! Солҳои пионерӣ беҳтарин давраи ҳаёти одам аст. Барои он ки пионери ҳақиқӣ шавед, Ватани худро бениҳоят дўст доред, барои гулгулшукуфии он мубориза баред, дўстиро мустаҳкам намоед. Барои сазовори аъзои ҷамъияти социалистӣ шудан нағз хондану бисьёр чизҳоро донистан лозим. Ҳоло вазифаи шумо аз ҳаминҳо иборат аст.

Баъд Калинин муддате бо роҳбарони шаҳр сўҳбат карда, боз, ба поезд баромад. Катор ба ҳаракат даромад. Аз байн чанд рўз гузашту аз Кўканд ба бюрои кашшофони райони посылкаи калоне омад, ки дар рўяш «Ба пионерони Конибодом, аз М. И. Калинин» навишта шуда буд. Посылкаро кушоданд, аз дарунаш шайпур ва як баста галстуки сурхи пионерӣ баромад...

* * *

Он галстуки табаррук номидаи холаи Очабону яке аз ҳамин галстукҳои тўҳфакардаи М. И. Калинин буд.

Очабону Раҳимҷонова писарбачаеро, ки дар қатори пеш менишаст, ба наздаш даъват кард. Ба пеши минбар бачаи гандумгуне баромад.

— Инро акнун ба шумоён тўҳфа мекунам, писарам. Ҳамчун аввалин дастпарвари ҳамин мактаб, мехоҳам

ин галстуки табаррук дар ҳамин мактаб нигоҳ дошта шавад. Дилам ба шумо об мехӯраду инро медиҳам, азиз нигоҳ доред, фарзандонам!

Вақте ки холаи Очабону галстукро ба бача месупурд, вуҷудашро ҳисси ҳаяҷон фаро гирифт. Шояд давраҳои бачагӣ бори дигар ба хотираш расиданд, шояд он дақиқаҳои ҳаёташро ёд овард, ки ҳамин галстукро ба гардани худи ӯ баста «Пионери ҳақиқӣ бош!» гуфта буданд.

Ҳозирон ба по хеста, дуру дароз кафкӯбӣ карданд.

## ГЕРБИ ТОҶИКИСТОН

Панҷгӯша ахтари сурхе миёни чанбаре
Чун нишони эътимоду орзу рахшанда аст.
Баҳри тоҷикон мисоли ахтари бахтоваре,
Муждае аз рӯзгорони сафобахшанда аст.

Сӯи досу путк ҳар гоҳе бияндозам назар,
Чашмаи дил мехурӯшад аз суруру ифтихор:
Ёдам ояд иттиҳоди коргар бо барзгар,
Иттиҳоде, ки бувад монанди пӯлод устувор.

Менамояд чеҳра аз ӯ офтоби шӯълавар,
Офтобе, ки бувад рамзи ҳаёти ҷовидон,
Офтобе, ки аз ӯ иқболи авлоди башар
Дар диёри беканори мо бишуд партавфишон.

Дӯст дорам хӯшаҳои хирмани пурборро,
Нони гарму чашми сер аз хӯшаҳои гандум аст.
Хӯшаҳои гандуми мо — давлати беинтиҳо,
Чун асоси ризқу рӯзӣ аз барои мардум аст.

Баски саҳроҳои мо шуд кони «тиллои сафед»,
Герби моро пахтаи бишкуфта оро медиҳад.
Чашми ёронро фузуда шӯълаи меҳру умед,
Муждаҳо аз зиндагонии мусаффо медиҳад.

Ранги сурхи герби мо рамзи ливои Инқилоб,
Рамзи фатҳу нусрати аҷдоди олишони мост.
Ранги сабзаш худ нишон аз бахти халқи комьёб,
Рамзи шодобии боғу роғҳои дилкушост.

Аз сари меҳру вафо ҳар гаҳ ба сӯяш бингарам,
Тоҷикистонам бигардад ҷилвагар пеши назар.
Бо тамоми сарвату дороии худ кишварам
Медурахшад мисли гербаш доимо дар баҳру бар.

## ПИОНЕРИ ОРДЕНДОР

Дар майдони ба номи Ленин, шаҳри Душанбе хурдтаракон дар пояи ҳайкали доҳӣ саф кашидаанд. Дар сари синаи онҳо ситорачаи сурхи Лениндор медурахшид. Ветеранҳои ҷанг, аъзоёни Клуби шӯҳрати инқилоб ва меҳнат низ дар ин ҷо ҳозиранд. Чеҳраи кӯдакон чун гулҳои навшукуфта хандон аст. Онҳо хурсанданд, ки дар рӯзи таваллуди Ленини маҳбуб ба сафи пионер қабул мешаванд. Насими навозишгар бӯи гулҳои рангорангро ба димоғ расонда, ба дил завқ мебахшад. Офтоби форами баҳор табиатро аз хоб бедор карда, доман-доман нур мепошад. Қатраҳои борони саҳар борида дар барги гулҳои атрофи ҳайкал чун алмоспораҳо медурахшанд.

Бонги шайпур аз оғози қабул ба сафи пионер хабар дод. Гурӯҳ-гурӯҳ кӯдакон бори аввал галстуки сурх баста, ботантана қасам хӯрданд, ки ленинвор хонда, ба камол мерасанд ва ба Ватан содиқона хизмат мекунанд.

Аввалин пионери ордендори Тоҷикистон, ҳоло пионери фахрӣ Мамлакат Наҳангова онҳоро табрик карда гуфт:

— Шуморо имрӯз ба сафи пионер қабул кардем. Акнун шумо галстуки сурх баста, узви пионер шудед. Оё медонед, чаро ба ташкилоти пионерӣ номи Владимир Ильич Ленин дода шудааст? Барои он ки шумо ленинвор хонед, зиндагӣ кунед ва мубориза баред. Доҳии мо васият карда буд, ки ҳамаи бачаҳо бояд нағз хонанд. Шумо, албатта, васияти ӯро ба ҷо оред. Бо хонишу интизоми худ намунаи ибрати дигарон шавед!

Пионерон, дар мубориза ба кори Партияи Коммунистӣ тайёр бошед!

— Доимо тайёр! — салют доданд пионерон.

Сонӣ садои нақора баланд шуд. Бачаҳо як-як аз пешгоҳи ҳайкали Ленин гузашта, ба пояи он гулдастаҳо гузоштанд. Аксари онҳо дар ҳамин ҷо бори аввал бо Мамлакат Наҳангова рӯ ба рӯ омаданд. Баъзеи онҳо шунида буданд, ки Мамлакат ном духтараки ҳамшаҳрашон солҳои сиюм барои дар пахтачинӣ ибрат нишон доданаш ордени Ленин мукофот гирифта буд. Ва баъзеи дигар хонда буданд, ки ӯ пионери фахрии лагери байналхалқии Артек аст. Ҳатто чанде аз бачаҳо медонистанд, ки номи Мамлакат Наҳангова дар китоби фахрии «Таърихи ташкилоти пионерони Иттифоқи Советӣ» навишта шудааст. Аммо ҳеҷ кадоми онҳо худи Мамлакат Наҳанговаро рӯ ба рӯ надида буданд. Аз ҳамин сабаб бачаҳо ба ӯ бо ҳайрат менигаристанд.

Бале, ин зан ҳамон Мамлакати овозадор аст. Солҳое ки Давлати Советӣ ба камол мерасид, вақте ки социализм ба туфайли иродаи халқи музаффар нашъунамо ёфта, ливои сулҳу амониро баланд меафрошт, номи ӯ машҳур шуд. Он вақтҳо пуртаҷрибатарин пахтачинҳо ҳам бо ӯ баробар шуда наметавонистанд. Аз ин ҷост, ки ӯро дар саросари мамлакати мо, чун наҳустин пионери ордендор, чун лолаи аввали баҳори солҳои сиюм ба хотир меоранд.

* * *

Дар айёме ки Мамлакат чашм ба олам кушод, дар республикаи ҷавони мо дастаҳои босмачиён тохтутоз мекарданд. Бинои мактабҳои навро оташ мезаданд, муаллимони сурх, аввалин комсомолон ва большевиконро ваҳшиёна мекуштанд, зану фарзандонашонро аз дами шамшер мегузарониданд, хонаашонро сӯзонда, молу амволашонро ба тороҷ мебурданд. Падари Мамлакат ба деҳа ҳуҷум овардани босмачиёнро шунида, оилаашро ба Шехон ном деҳаи дури бағали кӯҳ бурд ва дар хонаи яке аз дӯстони кӯҳистониаш пинҳон кард. Мамлакат дар оғӯши кӯҳҳо ба дуньё омад.

Тақдир ба падари Мамлакат, ки Наҳанг ном дошт, нигоҳи сард афканд. Вай аз тангдастӣ маҷбур шуд, ки дар даргоҳи бои деҳа хизмат кунад. Ӯ ба ивази қарзи падари марҳумаш хизматгор шуда буд. Аз дасти бои золим рӯзи хушеро намедид, аз ҳамаи неъматҳои дуньё маҳрум буд. Гӯё шоир аз забони ӯ гуфтааст:

Ончунон маҳруми неъматҳои давронам, ки ман
Нони қоқи монда аз Ҳаввою Одам мехӯрам.

...Аз байн солҳо мегузашт, солҳое, ки дар ҳаёти мардум дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд меовард. Вақте ки тӯфони сахт мевазад, пеши роҳи онро нигоҳ доштан маҳол аст. Душманону бадхоҳони ҳаёти нав садди тӯфони шодиовари Инқилоби Октябрь шуда натавонистанд. Адолат бар разолат ғолиб омад. Мардум аз аввалин неъмати озодӣ, ки ба ивази қурбониҳо ба даст оварда буданд, баҳравар шуданд.

Бани одам ҳазорон сол боз қиссаи бахтро мебофтанд. Амаки Наҳанг ҳам аз мурғи бахт қиссаи бисьёре шунида буд. Аммо он ҳама қиссаҳои ширин ба дарди ӯ даво шуда наметавонист. Ба ӯ танҳо Октябри Кабир озодӣ ва бахту саодат овард. Вақте ки шӯълаҳои офтоби инқилоб ба кӯҳистони тоҷик ҳам паҳн шуд, ӯ дар деҳаи Шоҳмансур мезист. Вай бо завҷааш аъзои колхоз шуд. Тамоми рӯзи онҳо дар саҳро мегузашт.

Он вақт Мамлакат кӯдаке буд, ки ҳанӯз роҳу равиши зиндагиро намедонист. Дар оғӯши мактаб камол меёфт. Ҳанӯз дар гӯши ӯ зангӯлаи мактаб садо медод ва дар гардани ӯ галстуки пионерӣ ҷилвагар буд, ки таҳсили худро бо меҳнат пайваст.

Пионерон дар корҳои бузурги мамлакат ҳисса мегузоштанд, Мамлакат аҳд кард, ки ҳам нағз хонад, ҳам ба пахтазор баромада, ба падару модар ёрӣ расонад. Одатан, ба пахтачинӣ талабаҳои синфҳои болоиро иҷозат медоданд. Вале Мамлакат ҳамеша мекӯшид, ки ҳамроҳи калонсолон бошад.

Комсомолону ҷавонони колхоз бо калонсолон мусобиқа баста, бригадаи махсус ташкил доданд. Мамлакат аз комсомолон хоҳиш мекард, ки аъзои ин бригада шавад.

— Ту ҳоло хурдӣ,— гуфтанд ба ӯ,— баробари калонсолон кор карда наметавонӣ. Кай вақте ки комсомол шавӣ, туро ҳам ба бригадаамон мегирем.

— Маро аз саҳро пеш карда наметонед. Ман аз кадоматон кам пахта чидам? — якравӣ мекард Мамлакат.

Оқибат ӯро, хилофи қонуни меҳнат бошад ҳам, ба аъзогии бригада қабул карданд.

Саҳаргоҳон, ҳанӯз офтоб тулӯъ накарда Мамлакат

аллакай ба хирманҷо ду-се пешдоман пахта мерехт ва боз ба оғӯши пахтазор медаромад. Рӯзҳои аввал ӯ хуб ҳаракат карда, дудаста пахта мечид. Баъд кӯшид, ки боз мӯлтар пахта чинад. Аввалҳо панҷаҳои серҳаракати дастонаш дард мекарданд, сонӣ ба тезкорӣ омӯхта шуданд.

Инак, ғалабаи аввалин! Аз ҷамъбасти миқдори пахтаҳо маълум шуд, ки ҷои аввалро бригадаи комсомолон гирифтааст. Ғолибони мусобиқа бо тӯҳфаҳо мукофотонида шуданд. Мамлакат грамотаи фахрӣ ва як ҷуфт пойафзол мукофот гирифт.

Тирамоҳи соли 1935 дастархони пурнеъмати худро кушод. Деҳқонони тоҷик ҳосили баланди пахта парвариш карда расонданд. Дар пахтазори колхози ба номи Абулқосим Лоҳутӣ (ҳозира колхози ба номи Ленин, райони Ленин) ҳам ҳосил фаровон шуд. Ба чидани пахтаҳои шукуфта завқи кас меомад. Оромии саҳрои пурфайзро аз саҳарӣ хашар-хушур ҷунбидани ниҳолҳо вайрон мекард. Ин ҳаракати Мамлакат буд, ки дудаста пахта мечинд. Пайкари хурди ин духтараки чобукдастро ниҳолҳои пахта қариб панаҳ мекарданд. Пешдоманаш се киса дошт. Пахтаро ба навъҳо ҷудо карда мечид. Пешдомани пурборро ба сари замин бароварда холӣ мекарду боз ба миён мебаст. Гарчи норма ба сари ҳар кас аз бист кило кам набуд, Мамлакат мекӯшид, ки аз дигарон зиёдтар пахта чинад. Вай аввалҳо бо дудаст аз чил то панҷоҳ кило пахта мечид, баъдтар то ба ҳафтод-ҳаштод кило пахта мечидагӣ шуд.

Боре як гурӯҳ духтарон аз Мамлакат хоҳиш карданд, ки сирри муваффақияташро гӯяд.

— Ман ягон сир надорам, — гуфт Мамлакат. — Агар саҳари барвақт ба кор бароеду дуқат шуда, тез-тез пахта чинед, кор баракат мекунад. Падарам мегуфтанд: «Маҳсули кори саҳар пурбаракат мешавад».

Духтарон усулҳои тез-тез, тоза-тоза ва хел ба хел чидани пахтаро аз Мамлакат меомӯхтанд. Баъзеҳо тезкории ӯро дида мегуфтанд: «Охир, вай дина-ку, тамоми рӯз ҳамроҳи мо кор кард. То як поси шаб дарс тайёр карда, бевақт хобид. Имрӯз аллакай боз аз ҳама пеш пахта мечинад. Офарин! Дасташ дарда набинад!».

Одамони советӣ пайваста дар ҷустуҷӯ ва такопӯянд, беҳтарин воситаҳои меҳнатро кашф ва дар ҳаёт ҷорӣ менамоянд. Барои онҳо меҳнат бе кашфу бозьёфти эҷо-

дӣ лаззате надорад. Ба дуньё омадани аввалин мошинҳои пахтачин ҳам кашьфиёте буд. Ҳоло ҳар сол дар маъракаи ҳосилғундорӣ қатор-қатор «киштиҳои кабуд» дар баҳри сафеди пахтазор ҷавлон мезананд. Чунон мошинҳои азамати девкор баромадаанд, ки якбора чанд қаторӣ пахтаро чида, дар як рӯз кори дусад-сесад касро ба ҷо меоранд. Вале дар он солҳо Давлати Советӣ ҳанӯз ба механиконидани хоҷагии қишлоқ имконият надошт. Аксари корҳоро дастӣ иҷро мекарданд. Ҳамон вақт дар ғунучини пахта аввалин мошинро таҷриба гузаронданд. Вале он мошин рӯзе ҳамагӣ ҳафтод-ҳафтоду панҷ кило пахта меғундошт ва онро чор кас идора мекард. Мамлакат аз ҳаштод то навад кило пахта мечинд. Сонӣ ҳисоби пахтачиниро ба сад кило расонд. Яъне, се баробари нормаи калонсолон. Дар як рӯз сад кило пахта чидан он солҳо мӯъҷиза буд. Боварии худаш ҳам намеомад, ки дар республика ҷои аввалро гирифтааст. Ин меҳнати ӯ рекорди умумиттифоқӣ шинохта шуд.

Мамлакатро барои чунин ташаббуси хубаш ба шаҳри Москва даъват намуда, дар Кремль соати тиллои номнавис тӯҳфа карданд ва ба лагери байналхалқии пионерон — «Артек» фиристоданд.

Мамлакат чунин ғалабаи меҳнатиро ба осонӣ ба даст наовард, балки дар паси ин ғалаба баъзе воқеаҳои ғамангез низ буданд.

Як бегоҳ, қарибиҳои говгум духтарак аз саҳро ба хона бармегашт. Се тан марди ғӯли ҷомапӯш, ки ӯро барои шуҷоаташ тарсондан мехостанд, аз пеши роҳаш баромаданд.

— Ҳӯ, чаққони сакалту! — духтаракро аз роҳ дошта, дӯғ зад яке аз онҳо, ки дар даст химчаи дарози тут дошт. — Мо ба ту чӣ хел барзиёд иҷро кардани нормаро нишон дода мемонем! Агар ҳамин хел боз мӯл пахта чидан гирӣ, мекушем! Фаҳмидӣ?!

Мамлакат аз чунин дӯғу пӯписаи душманони истеҳсолоти колхозӣ натарсид. Барқасди онҳо боз ба саҳро баромада, намунаи шуҷоат нишон медод. Комсомолон ва коммунистон ҳомии ӯ буданд.

Бисту шашуми декабри соли 1935 дар китоби ҳаёти Мамлакат бо хатти заррин навишта шудааст. Дар ин рӯзи фирӯз раиси Комитети Иҷроияи Марказии СССР Михаил Иванович Калинин дар Кремль ба пеш-

қадамони хоҷагии қишлоқ мукофот месупурд. Мамлакат ҳам ордени Ленин гирифт. Ӯ акнун пионери ордени Ленindор буд!

Баъд Мамлакат дар Кремль, аз минбари маҷлиси машваратии пешқадамони хоҷагии қишлоқ таҷрибаи корашро нақл кард. Қотиби Генералии Комитети Марказии ВКП(б) И. В. Сталин ҳангоми вакилони пахтакорони Осиёи Миёнаро қабул кардан бо Мамлакат ҳам сӯҳбат кард.

— Барои намунаи ибрат шуданат раҳмат, — гуфт ӯ, — аммо барои кор кардан ҳоло хурд ҳастӣ, ба ман ваъда деҳ, ки нағз мехонӣ.

Мамлакат ваъда дод, ки хубу аъло хонда, одами бомаърифат мешавад ва ба халқу Ватан содиқона хизмат мекунад.

Баъд Қотиби Генералии Комитети Марказӣ дар пушти расме, ки ҳар ду дар съезди колхозчиёни пешқадам гиронда буданд, хотира навишта, ба Мамлакат тақдим кард. Ин расми таърихӣ қариб тамоми дуньёро давр зад.

Ҳамон рӯзҳо ҳамроҳи Мамлакат коргардухтари комбинати шоҳии шаҳри Ленинобод Розия Аслонова ҳам ордени Ленин гирифта буд. Мамлакат ва Розия баъд аз гирифтани мукофоти олӣ ба зиёрати макбараи В. И. Ленин рафтанд. Дар Майдони Сурх бо Абулқосим Лоҳутӣ рӯ ба рӯ омаданд. Устод Лоҳутӣ онҳоро табрик кард ва ҳар сеяшон барои хотира расм гиронданд.

Мамлакат ба Сталинобод баргашт ва шабу рӯз аз паи хондан шуд. Аммо аз кори колхоз тамоман даст кашида натавонист. Баъди дарс, хусусан дар рӯзҳои истироҳат ба саҳро баромада, ба пахтакорон ёрӣ мерасонд.

Мамлакат баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ Институти забонҳои хориҷии шаҳри Москваро хатм карда, муддате чанд дар Берлин, Кембриҷ ва Дрезден малакаи забондониашро такмил дод. Сипас лозим омад, ки барои такмили ихтисос — омӯзиши забони англисӣ ба Лондон биравад.

Ба яке аз толорҳои пурҳашами университети Оксфорд духтари атласпӯши тоҷик ворид шуд.

— Ин аҷиб аст, — гуфтанд профессорон, — колхозчидухтари Тоҷикистон аз забони Шекспир дарс медиҳад.

— Ин ҳеҷ ҳайратовар не, — ҷавоб дод Мамлакат Наҳангова. — Дар Тоҷикистон бисьёр одамон забони англисиро омӯхтаанд. Медонед, агар фицхералди англис форсиро медонист, ҳангоми тарҷумаи рубоиёти Хайём аз матни асл ин қадар дур намеафтод.

— Офарин, хонум! — гуфт яке аз профессорон. — Дуруст мегӯй, забондонӣ фазилат аст. Мо ҳам ягон вақт форсиро меомӯзем.

Сонӣ Мамлакат Наҳангова ба зодгоҳаш баргашта, дар Институти педагогии Душанбе ба номи Шевченко аз фанни забони англисӣ ба дарсгӯӣ сар кард. Ӯ номзади илми филология, мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ дар ҳамин институт гардид.

Узви Партияи Коммунистӣ Мамлакат Наҳангова ҳаёти худро бе пионерон тасаввур карда наметавонад.

— Ташкилоти пионерии Тоҷикистон аввалин мактаби ман аст, — мегӯяд ӯ ба дӯстони хурдсолаш. — Ман дар ин мактаб дарси поквиҷдонӣ, меҳнатдӯстӣ, ҷасорат ва ҳурмату эҳтиромро ёд гирифтам. Аз ин ташкилот ҳамеша миннатдорам ва ифтихор мекунам, ки дастпарвараш ҳастам. Шумо ҳам шогирди арзандаи ин мактаби бузург бошед!

## ПАРТИЯИ БАХТОВАР

Партияи бахтовар,
Ту раҳбаладИ мой.
Дар кашфи ҳама асрор
Ақлу хиради мой.

Ҳар дам ба умеди нав
Сӯи ту назар дӯзем.
Дар мактаби ту умре
Фазлу ҳунар омӯзем.

Дар кори ту мебинем
Ҷаҳду ҷадали Ленин.
Аз ҳар зафарат пайдост
Фикру амали Ленин.

Панд аст барои мо
Ҳар ҳарфу каломи ту.
Берун наравем асло
Аз роҳи мароми ту.

Партияи бахтовар,
Ту раҳбаладИ мой.
Дар кашфи ҳама асрор
Ақлу хиради мой.

## ЗАНҶИРИ ГУСАСТА

Дар Ҷиргатол, дар он ҷое, ки Иван Андреевич Шестопалов бо душманони халқ ҷангида буд, ҳайкали ӯро гузоштаанд. Боре дидам, ки ба пояи ин ҳайкал дар қатори мактаббачаҳо марди солхӯрдаи нуронӣ, ветерани ҷанг ва меҳнат Маҳмуд Атоев низ як даста лола гузошта, дақиқае хомӯш истод.

— Шумо ӯро мешинохтед? — пурсидам баъди поси хотири шаҳидро ба ҷо овардан.

— На танҳо мешинохтам, ҳамроҳаш ҷангида ҳам будам... Вай лолаи кӯҳиро дӯст медошт.

Ва ӯ як лаҳзаи ҳаёти дӯсти ҳамяроқашро ҳикоя кард.

* * *

Соли 1931, соли машъали ҳаёти навро абадӣ афрӯхтан фаро расида буд. Дар баҳори ҳамин сол яке аз душманони ҳаёти нав Иброҳимбек, ки ба хориҷа гурехта буд, боз ба ҳудуди Тоҷикистон сар халонд. Дар кӯҳистони Қаротегин баъзе касоне, ки ба сохти нави советӣ кина доштанд, боз сар бардошта, ба ҷунбиш омаданд. Собиқ сардори милицияи округи Ғарм Аъзам низ аз ҳамин қабил душманон буд. Вай бо роҳи фиреб дар сафи милиция роҳ ёфта, дар амал ба халқ хиёнат менамуд ва оқибат сирраш фош гардида, ҳабс шуда буд. Аъзам ва чанде маҳбусон забон як карда, ду посбони хабсхонаро кӯшта, яроқу аслиҳаашонро гирифтанд ва ба дастаи босмачиён ҳамроҳ шуданд. Иброҳимбек, ки аз амалиёти Аъзам огоҳ буд, ӯро саркардаи қӯрбошиҳои вилояти Ғарм таъин кард. Дили Аъзам аз ин мансаб шод бошад ҳам, аз як ҷиҳат хавотирӣ дошт. Ӯро

ҳама мешинохтанд, зуд ба даст афтоданаш мумкин буд. Аммо уро Иброҳимбек шердил карда гуфт:

— Парво накун, пушту паноҳат худам! Қорат аз як тараф душвор бошад, аз дигар ҷиҳат осон: ту, ки ҳар як пасту баланди ин ҷойҳоро медонӣ, дар ҳар маҳал нағз амал карда метавонӣ.

— Бале, тақсир, дар ин кӯҳистон пайраҳае нест, ки пои ман нарасида бошад.

Аъзам, ки ба ғалабаи Иброҳимбек эътимоди комил дошт, аз ҷумлаи қотилони ашаддӣ дастаи сесаднафарае ташкил дода, дар байни аҳолӣ ошкоро амалиёт мегузаронд. Вай дар деҳаи Чилдара дар қатори як гурӯҳ мардони равшанфикр муаллимаи нахустин Сангак Хушбахтова ва комсомолдухтар Аслияхон Бегназароваро бо шамшер пора-пора кард. Дар деҳаи Пилдон ҷавонзан Орзугул Сафароваро барои ба раиси колхоз ба шавҳар баромаданаш ба қатл расонд. Хонаи боз бисьёр бегуноҳонро сӯзонд.

Ҳамин вақт дар Ғарм — Рашти қадим бо роҳбарии ҷонишини комиссари маорифи халқи РСС Тоҷикистон, дастпарвари батальони тоҷик Маҳмуд Атоев маҷлиси машваратии муаллимон даъват карда шуд. Қотиби комитети партиявии вилоят гуфт, ки барои кӯпруку анборҳо ва дӯкону мағозаҳоро аз ҳуҷуми босмачиён эмин доштан мардумро боз ҳам муттаҳид кардан зарур. Ӯ инчунин аз тохтутозҳои босмачиён дар Ҷиргатол хабар расонд. Қарор доданд, ки фавран отряди фидоӣ ташкил дода, ба Ҷиргатол фиристанд. Сардори ОГПУ дар Ғарм Иван Андреевич Шестопалов ва худи Маҳмуд Атоев, ки дар оташи задухӯрдҳои зидди душманони халқ таҷриба ҳосил карда буданд, командир ва комиссари отряд интихоб гардиданд. Чекист Валечко ҷонишини командир таъин шуд.

Аз ҳисоби коммунистону комсомолон, муаллимон ва коркунони масъул, фаъолон ва беҳтарин ҷавонон отряди фидоӣ ташкил ёфт. Шестопалов ба фидоиён муроҷиат карда гуфт:

— Дӯстони азиз, душман рӯзорӯз қувват гирифта, ба ҳаёти осоишта халал мерасонад. Тохтутозҳои дастаи Аъзам дар Ҷиргатол ба мо маълум. Агар пеши роҳи ин ғоратгаронро нагирем, боз ҷиноятҳои сахттар содир мекунанд. Вазифа аз он иборат аст, ки босмачиёнро ҳарчи зудтар торумор карда, дар кӯҳистони Қаротегин

амну амонӣ барқарор намоем. Мо бояд аз ӯҳдаи ин вазифа бароем!

— Мебароем! — баробар овоз баровper фидоиён.

— Бале, — гуфт Шестопалов. — Гарави ғалабаи мо дар ягонагӣ ва мардонагист. Аз Душанбе ба ёрии мо аскарони сурх меоянд, вале то омадани онҳо мо бояд ба Ҷиргатол равем, он ҷо хуни мардуми бегуноҳ рехта истодааст.

Рӯзи дигар отряди савора иборат аз панҷоҳ кас ба роҳ баромад. Бештар аз сад километр роҳу пайроҳаи мушкилгузари кӯҳиро паймуда, аз Ғарм ба Ҳоит ва аз он ҷо ба Ҷиргатол ҳаракат кард. Баъди шонздаҳ соат отряд ба қалъаи Ҷиргатол расид. Фидоиён ва аспҳоро дам дода, кӯфтагии роҳро баровардан лозим меомад. Бинобар ин, дамгирие эълон шуд. Аксари аҳолӣ аз хавфи ҳуҷуми босмачиён ба қалъа пинҳон шуда буданд. Баъди таъин кардани посбонон отряд хоб рафт. Шестопалов ва Атоев нахобиданд.

Қам-кам субҳ медамид. Атрофро туман фаро гирифта буд. Як серунии форам аз наҳрча ва домани кӯҳ ба атроф паҳн шуда, дами ҳавои гармро мегардонд ва аз оғози тирамоҳ дарак медод.

Маҳмуд Атоев саҳни қалъаро давр зада, ба саисхона омад.

— Еми аспҳоро додед? — пурсид ӯ аз навбатдор.

— Бале, рафиқ комиссар!

Атоев ба лаби бом, назди дидбон рафта, Шестопаловро ҳам он ҷо дид. Азбаски дар тумани ғафс маҳалро аз назар гузарондан душвор буд, Шестопалов дидбонро огоҳ карда мегуфт:

— Бо диққат назар андозед! Аъзам маккор аст...

— Дилпур бошед, рафиқ командир! Ман мароми ин гурги борондидаро медонам.

Тумани ғафс, ки ноҳияро фаро гирифта буд, бо тулӯи офтоб оҳиста-оҳиста пароканда мешуд. Дидбон дид, ки аз дур саворагони бисьёре меоянд, якбора фарьёд зад:

— Рафиқ, командир! Босмачиҳо!..

Шестопалов ва Атоев тозон омада диданд, ки панҷсад-шашсад нафар босмачиён аспҳоро чорхез занонда, сӯи қалъа меоянд. Садои суми аспҳо торафт наздик мешуд. Аъзам дарак ёфта буд, ки дишаб фидоиён ба қалъа расидаанд. Шумораи аскарон ва миқдори яроқи онҳо-

ро низ медонист. Аз ин рӯ, мехост бо як ҳуҷум қалъаро ба даст дарорад.

Командир ба пулёметчӣ фармон дод:

— Як навбат тир кушоед!

— Итоат!

Аз милли пулемёт борони тир борид. Бисьёр босмачиёне, ки дар пеши саф меомаданд, аз зини аспҳо парида афтонданд. Ҳаёҳуи ҷонҳавлона ва шиҳаи аспҳо боло шуд. Ин тирандозии ногаҳонӣ, аз як тараф, сафи босмачиёнро парешон карда бошад, аз дигар тараф, барои рафиқоне, ки ҳанӯз ба қалъа расида наомада буданд, бонги хатар шуд.

Ҳама ба даруни қалъа давиданд, фақат чаҳор тан ба дасти душман афтоданд: муаллими дирӯз аз Душанбе ба кор омада ва дуредгар Бабенко бо зану духтари ҳабдаҳсолааш.

Шестопалов бо телефон вазъиятро ба комитети партиявии Ғарм хабар доданӣ шуд, аммо аллакай роҳи алоқаро бурида буданд.

Ба ҳамин тариқ, душман қалъаро занҷирвор печонда гирифт. Вале муҳосирон аз вазъият саргум нашуданд, онҳо ба қувваи аскарони сурх ва кордонии фидоиён эътимод доштанд.

— Зарфҳоро аз об пур карда, дар ҳуҷра гузоред,— гуфт Шестопалов. — Занҳо, кӯдаконро гирифта, ба хонаҳо дароед, беҳудаю баҳуда берун набароед!

Фидоиён дар чаҳор тарафи қалъа сангарҳо сохтанд, гранатаҳоро тайёр карда монданд. Посбонҳо бо сӯрохи махсуси сақфи хонаҳои қалъа ба дидгоҳ баромада мефуромаданд.

Рӯзи панҷуми муҳосира дар қалъа на об монду на нон, на ему хошоки аспон. Хомӯшии гарон. Гоҳ-гоҳ шиҳаи аспону ар-ари маркабҳо мебаромад. Аз дусад нафар муҳосирон сиву панҷ нафарашон кӯдакон буданд. Бо фармони Шестопалов охирин захира — як тӯрба гандумро ба занони кӯдакдор тақсим карда доданд, ки бирьён карда, кам-кам хӯранд.

Босмачиён қалъаро иҳота карда, пеши роҳи оби ҷӯйро баста буданд, то ки муҳосирон аз ташнагӣ маҷбуран таслим шаванд. Онҳо бисьёр асиронро азоб дода куштанд. Муаллими аз Душанбе омадаро зинда ба зинда бузкашӣ карданд. Дуредгар Бабенкоро ба яке аз ҷойҳои барои фидоиён намоён ба меҳҷӯб шинонданд,

занашро карасин рехта оташ заданд. Аммо дар хусуси духтари қадраси ӯ Аъзам чунин эълон кард:

— Ин барраи чарсро ба касе тақдим мекунам, ки Шестопаловро даст гирад ё кушад.

Ғоратгарон бо ҳар роҳ аз паи куштани командири фидоиён афтоданд, аммо аз паси деворҳои қалъа ҳадафи тир мешуданд.

— Худоё, агар ин қалъаи лаънатӣ намешуд, кайҳо сари Шестопаловро бурида, «тӯҳфа»-ро мегирифтам, — оҳ мекашид як босмачии кал.

— Агар пештар медонистем, ки ин қалъа пеши роҳамона мегирад, кайҳо хароб мегардондем,— аз бемаҳал тир хӯрда ҷон додани рафиқаш асабонӣ мешуд босмачии дигаре.

Саҳари дигар Шестопалов ва Атоев дар пеши анбори ғалла, ки дар рӯ ба рӯи қалъа воқеъ буд, Аъзамро ба гуфтушунид ҷеғ заданд. Аъзам ва Шестопалов бори аввал рӯ ба рӯ шуданд. Нигоҳи ду ҷуфт чашмони сиёҳу кабуд, ки дар қаърашон оташи ғазаб ва адоват медурахшид, бо ҳам бархӯрд.

— Чӣ мехоҳӣ? — бонг зад Аъзам.

Атоев суханони Шестапаловро тарҷума кард:

— Мехостам ба ту фаҳмонам, ки большевикон ва Советҳо кистанд ва барои чӣ мубориза мебаранд?

— Мо кӣ будани туро медонем, — гуфт Аъзам. — Фузайл Махсум аз дасти ту кушта шуд. Ту ба кӯҳистони мо ба қатлу ғорат, ба маҳви дину диёнат омадӣ. Аз кишвари мо баромада рав! Мусулмонҳоя кофир накун!

— Аъзам, ту хато мекунӣ, ба нағзӣ таслим шав! Имрӯз ё фардо Иброҳимбеки гуреза ҳам таслим мешавад. Ба ёрии мо аскарони сурх меоянд...

— Сурхҳо ҳам таслим мешаванд, худи ту ҳам — таҳдидомез гуфт Аъзам. — Ҳоиту Ғарм, ки ба даст даромад, ба Душанбе лашкар мекашем. Худат муқобилат накарда, таслим шав! Амрикоиҳо ва инглисҳо пуштибони мо...

Гуфтушунид натиҷае набахшид.

Шабҳо дар ҳар тарафи калъа забонаҳои оташ боло мешуд. Босмачиён дуртар аз қалъа, дар атрофи гулханҳо гӯсфанду гов кушта, кайфу сафо мекарданд. Боди сард дуди кабобро ба димоғ оварда мезад. Баъзе босмачиёни ширакайф нимғурма ашӯлахонӣ мекарданд. Аҳволи муҳосирон торафт бад мешуд. Гуруснагӣ онҳо-

ро харобу лоғар мекард. Дар синаи модарони кӯдакдор шир намонд, тифлон мегиристанд.

Атоев фармуд, ки асперо кушта, хӯрок тайёр кунанд. Шестопалов қарор дод барои овардани орд ба нонвойхонаи рӯ ба рӯи дарвозаи қалъа равад. Атоев, Величко ва дигарон ӯро аз роҳ боздоштанд.

— Рафиқ командир, наравед! Ягон фалокат рӯй диҳад...

— Охир, кӯдакон аз гушнагӣ мемиранд-ку!

— Бардошт кунед, — хоҳиш намуд раиси ҷамоаи Лахш Шараф Асомуддин, — ториктар шавад, ҳар дуямон меравем. Босмачиҳо Саид Мерган ном тирандоз доранд, бисьёр хавфнок...

— Барои ҳамин ҳам худам бояд равам, — гуфт Шестопалов.— Вай ба ман тир намеандохтагист, ду бор ба қасамаш бовар карда, асираш нагирифта будам. Гуфта буд, ки «саломат бошед, рафиқ командир! Зарбу пати зиндагия бисьёр дида бошед ҳам, сангдил нашудаед».

— Кӯрнамак некия кай донад! Дафъаи сеюм ба тарафи босмачиҳо гузашт.

— Боз асир мегирам, аммо ин дафъа охирин бор!

Шестопалов ва Шараф Асомуддин оҳиста рафта, аз нонвойхона як халтагӣ орд кашола карда оварданд. Аммо бори дуюм ҳангоми бозгашт босмачиён хабар ёфта, тирандозӣ карданд. Эҳ, Шестопалов тир хӯрд. Як тир ба сари синааш ва тири дигар ба сари зонуяш расид. Вай сари синаашро дошта, лангон-лангон чанд қадам пеш рафту ноилоҷ ба замин афтод. Душман наздик меомад, фидоиён барои муҳофизати ҳаёти командир бетанаффус тир меандохтанд. Дигар аз қалъа берун баромада намешуд. Шестопалов, ки аз захмҳояш бисьёр хун рехта, беҳол шуда буд, дар оташи дард метапид.

Сонӣ ду фидоӣ дар ҳолате, ки аз болои сарашон тирҳо ғиззосзанон мегузаштанд, гаваккашон рафта, ҷисми нимҷони командирро кашолакунон оварданд. Шестопалов дар рӯи суфаи қалъа, аз дард дандон ба дандон монда мехобид. Духтурзан захмҳои ӯро баста, ашк мерехт.

18 октябри соли 1931 ба сари фидоиён мусибати гароне омад. Риштаи ҳаёти сарвари онҳо коммунист Шестопалов дар сивунӯҳсолагӣ аз тири Саид Мерган канда шуд.

Шестопалов раҳми нӯҳ фарзанди он нобаркорро хӯр-

да, корашро ба трибунал надода буд. Вай аз ин пеш чанд асирро озод карда, хато нарафта буд, аммо воқеаи Саид Мерган ӯро бори дигар бовар кунонд, ки раҳму шафқат ба душмани ғаддор норавост.

Саид Мерган назди Аъзам омада гуфт:

— Шодиёна бароред, тирам ба командирашон расид, зинда монданаш ба гумон...

— Офарин, мерган! Духтари зебо насиби ту шуд. Акнун қалъа аз мо! — шодӣ кард Аъзам.

Саид Мерганро дӯстонаш таҳният гуфтанд. Вай интизори фаро расидани шаб буд, то «тӯҳфа»-ро бо худ бубарад. Аммо ҳоло худситоӣ мекард, ки чӣ хел Шестопаловро аз по афтонд.

Аз Шестопалов ҳаросидани босмачиён сабаб дошт. Ин фарзанди деҳқони нодори рус соли 1892 дар деҳаи Поляковкаи губернияи Челябинск ба дунъё омад. Мӯҳтоҷӣ маҷбураш сохт, ки дар сездаҳсолагӣ тарки мактаб карда, аз паи қути лоямут афтад. Баъди дарбадарию саргардониҳо оҳангари завод шуд. Акнун як бурида нонашро ёфта, ба қатори коргарон медаромад, ки ба коми ҷанги ҷаҳонӣ афтод. Аз аввали Инқилоби Октябрь дар ҳайати бригадаи 105-уми артиллерии фронти Ҷанубу Ғарбӣ обутоб ёфт. Аз соли 1919 барои хизмати доимӣ ба Армияи Сурх даъват шуд. Соли 1923 дар ҳайати бригадаи шашуми савораи Олтой ба Туркистон ва аз он ҷо ба Бухорои Шарқӣ омад. Дар торумор кардани дастаҳои босмачиёне, ки дар атрофи Кӯлобу Янгибозор ва Файзобод аҳолиро ба дод меоварданд, иштироки фаъолона дошт. Баъд мактаби олии сарҳадчиёнро дар Москва хатм карда, боз ба Тоҷикистон баргашт. Дар соли таъсиси РСС Тоҷикистон барои корнамоиҳои диловаронааш дар маҳви босмачиёни вилояти Ғарм ва торумор кардани Фузайл Махсум ордени Байрақи Сурх мукофот гирифт. Мана аз чӣ сабаб душманони халқ ӯро чашми дидан надоштанд. Охир, ин чекисти диловар бо ҳамьяроқони худ дар ҳама ҷо онҳоро таъқиб карда, зарбаи беамон мерасонд. Санъати ҳарбии ӯ фавқулодда баланд буд. Ҳамеша бо қувваи кам сафи зиёди душманро маҳв мекард. Пайти ҳуҷум, шароити маҳал ва авзои мардумро бо диққат меомӯхт. Хусусан, гап-гапи мардумро гӯш медод ва чунин масали тоҷикиро бисьёр такрор мекард: «То шамол навошад, шохи дарахт намеҷунбад». Кӣ ба куҷо рафтааст, аз ку-

ҷо омадааст, дар атроф чӣ гап, рӯҳияи аҳолӣ чӣ хел — ҳамаи инро батафсил муҳокима мекард, ки дар охир ҳар як далел ба ҳуҷуми минбаъда алоқае пайдо менамуд. Вале ҳоло отряди камшумори ӯ аввалин бор дар чунин ҳолат мондааст. Босмачиён аз марги Шестопалов шодӣ мекарданд. Ба назарашон чунин менамуд, ки гӯё ҷангро бурда бошанд.

Ҳамон рӯз Аъзам дар қалъа тағйиротеро надид. Бегоҳ фаҳмид, ки талафоти дастааш назар ба рӯзҳои гузашта бештар аст. Рӯзи дигар Давлат қӯрбошӣ ба Аъзам хабар расонд:

— Шестопалов зинда, бо чашми худам дидам. Саид Мерган дурӯғ гуфтааст.

Аъзам ба дидгоҳ баромад. Ӯ дар қалъа Атоевро, ки сарулибоси ҳарбӣ пӯшида буд, дида, Шестопалов пиндошт ва дар ғазаб шуда, Мерганро ҷеғ зад.

— Хӯш, тақсир, боз чӣ хизмат? — дасти адаб пеши бар гирифта, ба Аъзам таъзим дод Саид Мерган.

— Аблаҳ! Маро фиреб додӣ?

— Чӣ хел фиреб?

— Ҳой, айёр! «Шестопаловро куштам» гуфта фиреб додӣ? Ҳозир дидам, ки вай зинда. Боз дилат «тӯҳфа» мехоҳад?

— Ба худо, ки Шестопалов зинда не. Наход ба ман бовар накунед Қасам мехӯрам, ки...

Аъзам Саид Мерганро, ки пеши пояш афтода, ба номи худованд қасам мехӯрд, аз гиребон дошту аз ҷо хезонд, ба дасташ дурбин дод ва ба дидгоҳи қалъа ишора карда гуфт:

— Ана, бин Шестопаловро!

Саид Мерган дар дидгоҳ касеро дар либоси Шестопалов дид. Бо диққат назар андохту Атоев будани ӯро шинохт.

— Ин комиссар Атоев, — гуфт ӯ ба Аъзам. — Ман вая хуб медонам. Лаънатӣ соли бистум дар дастаи мусаллаҳи мусулмонон дар инқилоби Бухоро иштирок кардагӣ. Сонӣ саркардаи саворааскарони тоҷик шуда, ба Душанбе омада буд. Ин падарсаг ҳам душмани каттоли мо. Ғам нахӯред, тақсир, ҷони инашро ҳам ба ҷаббор месупорам.

Саид Мерган бист-сӣ қадам пеш рафту аз паси талчае хост Атоевро нишон гирад. Дар дидгоҳи қалъа

Шараф Асомутдин ҳамроҳи фидоӣ Абдулло Тошбеков ҳаракати ӯро бо дурбин медид.

— Ин ҳамон Саид Мерган, — гуфт Шараф Асомуддин, — рафиқ Атоев, худро панаҳ гиред!

Фидоӣ Саид Мерганро нишон гирифта, тир холӣ кард. Ҷисми ҷондор дигар аз ҷой наҷунбид.

Аъзам ҷон додани мерганашро дида, ду даст ба рӯ кашид ва аз ин талафоти барояш вазнин афсӯс хӯрд. Баъд ба Давлат-қӯрбошӣ ва домодаш Қали Мирзо супориш дод:

Заҳрро бо тамокую оҳак омета, ба оби ҷӯй пошед, сонӣ роҳашро ба қалъа кушоед!

Оби ба қалъа даромадаро аз ҳама пеш Атоев дид. Пай бурд, ки ин ҷо сирре ҳаст. Духтурзан Валентина Иосифовнаро наздаш хонд.

— Заҳролуд, — обро аз назар гузаронида гуфт духтур.

Фавран ба ҳама маълум карданд, ки об заҳролуд аст.

Рӯзи шашуми муҳосира ба фидоӣ Абдулло Тошбеков муяссар шуд, ки аз ҳалқаи душманон гузашта, ба Хоит равад ва ба комитети партиявии Ғарм вазъиятро маълум кунад. Фидоиён то омадани аскарони сурх чандин ҳуҷуми босмачиёнро зада баргардонданд.

Ниҳоят, субҳи ҳаштуми муҳосира ду эскадрони нопурраи дивизияи 20-уми савораи Тоҷикистон таҳти фармондеҳии Одинцов ва Олим Поччоев ба ёрӣ расида омад. Дар осмони софи Ҷиргатол аввалин самолёт намоён гардид, ки дар зери болҳояш навиштаҷоти «Аскари сурхи кӯҳистонӣ» ва нишонаи досу болға дошт.

— Самолёт! Урра! Самолёт! — нидо баровrouted муҳосирон, ки ҳафт рӯз боз интизори омадани вай буданд.

Ҳама ба саҳни қалъа давида, ба осмон чашм дӯхтанд. Мурғи сабзболи моторӣ аз қаторкӯҳҳои Қаротегин гузашта, оҳиста-оҳиста паст мефуромад.

Босмачиён рост ба болои сарашон омадани «Аскари сурхи кӯҳистонӣ»-ро дида, бо талвоса мегурехтанд.

— Нагурезед! Нагурезед! — амр медод Аъзам. — Натарсед! Дар ин ҷо фурудгоҳ нест, вай дар ҳаво муаллақ истода наметавонад.

Ба Аъзам тир расид. Лочини диловар самолётро паст фуроварда, ба болои босмачиён меовард ва аз пулемёт

сели оташ меборонд. Босмачиёни дигар ба амри Аъзам гӯш надода мегурехтанд. Аз қалъа садои Атоев баланд шуд.

— Ба аспҳо савор шавед! Ба пеш! Вақту соати интиқом расид! Хун ба хун!

Қариб панҷоҳ нафар муҳосирон ба муқобили садҳо душман бархостанд. Аз боми қалъа пулемёт оташ кушода, ҳуҷуми отрядро дастгирӣ мекард. Садои тирандозӣ тамоми атрофро ба ғулғула меандохт, кӯҳҳо гӯё ларзида акси садо мебароварданд.

Величко дар даст таппонча аспро маҳмез зада, Аъзами хоинро мекофт. Аммо дар куҷо паноҳ бурдани ӯ маълум набуд.

Ногоҳ дар байни дуду ғубор чашми Атоев ба босмачии саворае афтод, ки духтареро пеши зин шинонда, ақиб мегурехт. Ин гуреза Давлат-қӯрбошӣ буд. Атоев аз асп фуромада, ӯро нишон гирифту тир андохт. Душман садое бароварду пуштнокӣ аз асп ба замин зад, духтар се-чор қадам дуртар аз ӯ парида афтод. Аммо асп хӯсида медавид. Атоев давида омада дид, ки духтар аз ҳуш рафтааст, зуд духтурзанро ҷеғ зад. Ин духтари озодгашта фарзанди наҷҷор Бабенко буд.

Фидоиён саркардаи қӯрбошиҳо Аъзам ва домодаш Қали Мирзоро, ки дар ғори камари кӯҳ паноҳ бурда буданд, дастгир карда оварданд.

Қасди охирин думравони Иброҳимбек барбод рафт. Отряд бо мадади «Аскари сурхи кӯҳистон» барои хуни Шестопалов ва дигар фидоиён аз душман интиқом гирифт. Занҷири муҳосир гусаста шуд. Валичко босмачиҳои асирафтодаро шумурда ба Атоев гуфт:

— Саду шаст нафар асир гирифтем, аз ҷумла Аъзамро ҳам. Акнун нафаси озод кашидан мумкин...

* * *

Ба яке аз калонтарин совхозҳои райони Ҷиргатол ва ба яке аз кӯчаҳои шаҳри Душанбе номи Иван Андреевич Шестопалов дода шудааст.

## ОМӮЗГОРИ МО

Ҳарфу ҳиҷои ту
Оташ ба дил ниҳод.
Ақлу закои ту
Ҳар укдаро кушод.

Эй нури раҳнамо,
Эй машъали хирад,
Аз ту ҳаёти мо
Рахшанда то абад.

Зеби таронаӣ,
Омӯзгори мо!
Фахри замонаӣ,
Омӯзгори мо!

Аз давлати Ватан
Авҷу барори туст.
Дуньёи илму фан
Дар ихтиёри туст.

Бинӣ ба гирди худ
Шогирдҳо қатор,
Хоҳад дили ту шуд
Саршори ифтихор.

Зеби таронаӣ,
Омӯзгори мо!
Фахри замонаӣ,
Омӯзгори мо!

## НОМАҲОИ МУҲАББАТ

Ҳангоме ки Муҳаббат техникуми педагогиро хатм кард, ҳамагӣ шонздаҳ сол дошт. Аз ҳамон вақт ҳаёти худро ба тарбияи насли наврас пайваст. Вай кӯдаконро се сол ба зинаҳои дониш роҳбаладӣ карда, худ ба нуқтаи аввала бармегардад, то ки гурӯҳи навбатиро бо ҳамон зинаҳо боз боло барад. Бале, бо худи ҳамон зинаҳо, вале на бо зинаҳои якхела, зеро ҳунари педагог ин аст, ки бе такрори аввала, эҷодкорона амал кунад.

Шаҳри Душанбе, мактаби миёнаи рақами 53, Муҳаббат Маҳмудова. Ба ин адрес аз ҳар гӯшаву канори мамлакати паҳноварамон, аз шахсони гуногункасб номаҳо меояд. Яке бо хати ноустувори кӯдаконаю дигаре бо услуби олимона навишта шудаанд. Муаллима бисьёрии ин табрикномаҳоро аз ҳусни хаташон мешиносад. Дастпарварони мактаб муаллимаи худро ба ин ё он муносибат табрику таҳният мегӯянд. Шогирдон аз Москваю Ленинград, аз Сибиру Шарқи Дур ба аввалин муаллимаи худ барои илму дониш ва сабақи ҳаёт омӯхтанаш изҳори миннатдорӣ менамоянд.

Муҳаббат Маҳмудова мактубҳои сершуморро хонда, гузаштаҳои дуру наздики ҳаёташро ба ёд меорад.

Мана ин нома аз Гадоев ном шарикдарси ӯ. Вай аҷаб бачаи бепарвофалаке буд, аммо ҳоло чунон ботамкин аст, ки амсолашонро кам меёбӣ. Вале муаллифи ин нома мисли пештара лоқайду бепарво мондааст, ки гӯё Аҳмади порина худи ӯ бошад. Ин беғамнамои ситорагарм таваҷҷӯҳи муаллимаро ба худ мекашад. Вай дар номааш солҳоеро ёдрас кардааст, ки аҳли оилаи Муҳаббат Маҳмудова дар Қӯрғонтеппа мезистанд.

Сонӣ тақдир ин оилаи аслан хуҷандиро боз ба Душанбе овард...

Имрӯз иди саид — Рӯзи муаллимон аст. Ба ин муносибат низ муаллима бисьёр нома гирифт. Дар шӯъбаи алоқа ҳам аз он, ки ба номаш даста-даста нома меояд, ҳайрон намешаванд. Танҳо аз он ба ҳайрат меоянд, ки баъзеи ин мактубҳо аз ҷойҳои басо дур омадаанд.

Соли 1968, вақте ки Муҳаббат Маҳмудова унвони қаҳрамонӣ гирифт, ба номаш табрикномаи бисьёре омад. Як олам одамон шарики шодиву нишоти ӯ гардиданд. Онҳо баробари хондани фармон ба даст қаламу коғаз гирифта, ба табрики ӯ пардохтанд. Ӯро ҳамкорон, муаллимон, вазирон, адибон, олимон, коргарону деҳқонон, аскарбачаҳо — шогирдони собиқаш муборакбод мегуфтанд. Банд-банд табрикнома дар дасти муаллима ҷамъ шуд. Баъзеи онҳоро ба музейҳо супурд, зеро ҳуҷҷатҳои ҳақиқатан аҷоиби дӯстӣ ҳастанд. Чанде аз он номаҳои дорои аҳамияти таърихиро худи муаллима маҳфуз медорад. Вай ба ёд меорад, ки соли 1944 ҳангоми Аълочии маорифи халқи республика шуданаш, соли 1954 ба муносибати медали «Барои Меҳнати Шоён» гирифтанаш, соли 1964, вақти Муаллими Хизматнишондодаи РСС Тоҷикистон гардиданаш низ ҳамин гуна табрикномаҳо гирифта буд.

Муҳаббат Маҳмудова бо коргарзани комбинати шаҳри Гзель, модари серфазанд Мария Степановна Потапова мукотибаи доимӣ дорад. Ҳарчанд бо ҳамдигар вонахӯрдаанд, аммо дӯстони қариншнд. «Номаатонро гирифтам, — навиштааст ӯ, — Се бор хонда баромадам, ашки шодӣ ҳам рехтам. Ба саволҳоям ҷавобҳои аниқ дода, мушкиламро хирадмандона ҳал кардаед. Маслиҳатҳои шумо дар тарбияи фарзандонам кӯмак мерасонанд. Сад афсӯс, ки бо шумо барин роҳбаладн хуб дар як шаҳр нестам».

Ба навиштаҷоти открыткаҳои зерин зеҳн монед:

«Муҳаббати азиз! Дар бораи Шумо аз «Крестьянка» очерке хонда, хеле ба андеша афтодам, агар писари ман ҳам мисли шумо муаллим медошт, таҳсил барояш мушкил намешуд. Таҳсин ба истеъдоди шумо!

Вилояти Воронеж, деҳаи Кружогорье, В. Саянко».

«Ман ба республикаи шумо ғоибона сафар кардам ва ҳоло баъзе одамони хубу маҳбуби Тоҷикистонро ме-

шиносам. Шодам, ки дар сарзамини қадимаи шумо ин қадар муаллимони асил, мардони комилу занони фозил умр ба сар мебаранд.

В. Ҳабибуллин, шаҳри Красноярск».

Иштирокчии ҷангҳои гражданиву ватанӣ В. Краулис аз Минск маслиҳат додааст, ки вай ҳамеша саломатии худро нигоҳ дорад, зеро барои ҷамъияти мо одами бағоят зарурист. Боиси хушнудист, ки дар мамлакати мо у барин одамони наҷибу поктинат ҳастанд.

Номае хаёли Муҳаббат Маҳмудоваро ба солҳои сиюм бурд. Ин воқеа дар Қурғонтеппа рӯй дода буд. Ҳанӯз дар тоқу равоқи бисьёр биноҳо шиорҳои «Нест бод бесаводӣ!» ба чашм мерасиданд. Ҳанӯз аксар одамон ангушт ба сиёҳӣ зада, имзо мегузоштанд. Маҳз, ҳамон солҳо як гурӯҳ комсомолони Қурғонтеппа ҳамроҳи ҷавонони Ленинобод ба Комиссариати маорифи халқи республика бо ариза хоҳиш карданд, ки онҳоро ба муаллимини мактабҳои маҳви бесаводӣ фиристанд: «Мо як гурӯҳ комсомолон, муҳиммии рафъи бесаводӣ ва ба республикаи саросар саводнок табдил додани Тоҷикистонро дарк карда, хоҳишмандем, ки ҳамаамонро ба кори маърифатнок намудани аҳолӣ сафарбар намоед».

Боз як мактуб аз Орҷоникидзеобод. Сатрҳои самимӣ аз садоқату фазилати нигорандаи он дарак медиҳанд:

«Дар Тоҷикистон бисьёр занон ҳастанд, ки чун ситораҳои мунири осмон маълуму машҳуранд. Зани тоҷик дар тӯли қарнҳо аз дуньёи равшан маҳруму маҳзун мезист. Макони ӯ байни чордевор, сурудаш аз аллаи сари гаҳвора иборат буду бас. Шароит ва имконият надошт, ки ба назди отунҳои камьёб рафта, китобхониашонро гӯш кунад. Агар андак озодона амал намояд, ба теғи хунини шариат дучор меомад. Ҳоло ҷаҳони зани тоҷик ба куллӣ дигар шудааст. Давлати Советӣ ба рӯи ӯ дари илму маърифат кушод, барои иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ имконият дод. Вай ҷасурона пеш рафт. Яке аз ҳамин гуна занҳои муосири мо шумоед, муаллима. Ман мефахрам, ки ҳамроҳ дар техникуми педагогии Сталинобод таҳсил кардаем. Шумо ҳоло ҳам ба назари ман ҳамон духтараки хурдҷуссаи хонандаи техникум ҳастед. Ба муқобили бесаводӣ мубориза мебурдем. Дар хотиратон бошад, камина дар шоҳидии Шумо ба Комиссариати маорифи халқи республика навишта будам: «Ман аз соли 1927 узви комсомолам. Ин ба ман ҳуқуқ ме-

диҳад аз шумо талаб намоям, ки маро ба сифати муаллими мактаби бесаводӣ ба райони Тавилдара фиристед». Ҳамин ариза ҳаргиз аз ёдам намеравад... Гузоратон ба райони мо афтад, як сари қадам ба хонаи ман ҳам дароед.

Бо салом Шукур Аброров».

Муаллима ин дӯсти ҳамсабақи худро, ки дар номааш солҳои сиюм ёдовар шудааст, нағз дар хотир дорад.

Соли 1935. Муҳаббат ба техникуми педагогӣ дохил шуд. Дар ин донишкада Анастасия Моисеевна Юнусова ном яке аз аввалин муаллимони забон ва адабиёти рус кор мекард, ки ӯро ҳама дӯст медоштанд. Ин зани хирадманд, ки забони тоҷикӣ, ва урфу одатҳои маҳаллиро медонист, дар байни мардум обрӯи калон дошт. Ӯ дар рафти дарсҳояш нозукӣ ва хусусиятҳои хоси забонҳои русӣ ва тоҷикиро бо ҳам муқоиса ва таҳлил карда, мавзӯъҳоро ба шогирдон мукаммал мефаҳмонд. Ӯ ба зудӣ дарьёфт, ки Муҳаббат толиби илму дониш асту лаёқати хуб дорад. Аз ин рӯ дар дили ин духтараки зирак на танҳо чароғи маърифат меафрӯхт, балки ба дигарон ҳам омӯхтани санъати омӯзгориро ёд медод...

Дар рӯи мизи кории Муҳаббат Маҳмудова ҳамеша номаҳои самимиро мебинед. Агар ду-сетои онҳоро хонед, ба худ меандешед, ки муаллимӣ чӣ касби начибест, ин ҳунар дар замони мо чӣ мақому манзилат дорад. Устод ба ҳар ҷое, ки равад, тоҷи сари шогирдон аст. Аксари шогирдони муаллима ҳамин нуқтаро таъкид карда, ба мазмуни ин байти Ибни Ямин нома навиштаанд:

То ин ки тифл хонаду соҳибназар шавад,
Устоди меҳрубони ӯ хуни ҷигар шавад.
Лаънат ба он касе, ки пас аз хатми хонданаш
Аз меҳнати муаллими худ бехабар шавад!

Бо гузашти айём симои мактабе, ки як вақтхо Муҳаббати ҷавон ба кор омада буд, дигаргун шудааст, вале робитаи муаллима бо шогирдонаш, муносибати ӯ бо ҳампешагони собиқ, риштаи вақт, риштаи дӯстиву каробати одамони советӣ канда намешавад.

Муҳаббат Маҳмудова дар рафти таълим ва дарси берун аз синф ба тарбияи эстетикии талабаҳо диққати махсус медиҳад. Бачаҳо дар мавзӯъҳои гуногун альбом тартиб медиҳанд, шеъру суруд аз ёд мекунанд. Маълум

аст, ки инсон аз нафосати табиати атроф завқ мебарад, аз маҳсули меҳнати худ ғизои маънавӣ мегирад, ҳиссиёти ҳаётдӯстию инсонпарварии ӯ дар рафти кор мукаммал мегардад. Кӯдакро дар рӯҳияе бояд тарбия кард, ки на танҳо падидаҳои зебоиро дарк намояд, балки худаш ҳам зебоӣ офарад, ба гулпарварию обчакорӣ одат кунад, Ҳусни табиат ва муҳитро дида тавонад ва ба қадри боигарии он бирасад. Бача ҳар қадар табиатро дӯст дораду таровати онро муҳофизат кунад, ҳамон қадар самимияту эҳтироми ӯ ба Ватан бештар мешавад. Ҳусни табиат манбаи ҳисси амиқи эстетикист. «Муаллимаи азиз. Шумо моро аз хурдсолӣ тез-тез ба саёҳати боғу домани кӯҳҳо мебурдед, — навиштааст Солеҳ Ашӯров аз Файзобод. — Мо дар марғзор давида, ба рӯи майсаҳо ғелида, гулҳои худрӯи ранга чида, бӯи хуш шамида, аз тамошои манзараҳои дилфиреб ва ҳур-ҳури насими баҳорӣ завқу ҳаловат мебурдем. Сипас дар байни анбӯҳи лолаҳо менишастему шумо иҷрои супориши хонагиро мепурсидед. Мо аз шеърҳои дар васфи табиат, баҳор ва Наврӯз навиштаи шоирон порчаҳо мехондем. Аҷаб айёми тарабангезу нотакрор буданд он солҳо. Танҳо баъде, ки калон шудем, дарьёфтем, ки он ҳама рафтору кирдори неки бачагӣ оғози ҳиссиёти ватанпарвариву инсондӯстӣ будааст. Ташаккур ба шумо, ки чунин эҳсоси наҷибро дар шуурамон бедор кардаед!»

Номаҳо, телеграммаҳо, открыткаҳо. Баъзеи онҳоро хонда, огоҳ мешавӣ, ки ба дарсҳои Маҳмудова на танҳо талабаҳои собиқ ва ҳамкасбонаш, балки бисьёр дигар муаллимони республика низ иштирок карда, сабақу таҷриба омӯхтаанд. Муаллима ду бор вакили съезди умумииттифоқии муаллимон шудааст. Ӯ дар хонишҳои педагогӣ дар Ленинград, Алмаато ва Қазон ба муаллимон аз таҷрибаи худ оид ба тарбияи насли наврас нақл карда буд.

Муҳаббат Маҳмудова эстафетаро аз онҳое гирифтааст, ки солҳои бистуму сиюм чун муаллимони сурх — сарбозони ҷабҳаи маориф саводнок кардани аҳолиро мақсади асосии худ қарор дода буданд. Вай ин эстафетаро то ба рӯзҳои мо, то ба маорифчиёни солҳои ҳаштодум оварда расонд, онро ба тағьироту талаботи нави замон мукаммал гардонд, ба он ҳамаи фидокориву садоқаташро ба идеалҳои олӣ — тарбияи одами нави маънан бой пайваст ва дар ин роҳ мӯи сарашро сафед

кард. Ба ивази ҳамин гуна заҳматҳо дар роҳи омӯзгорӣ ба мартабаи баланд расид.

Омӯзгори хушбахт Муҳаббат Маҳмудова, ки аз муаллимони тоҷик нахустин Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ аст, ҳар рӯз номаҳои нав ба нав мегирад. Дар ин номаҳои пур аз меҳру ихлос самараҳои фаъолияти педагогии ӯ падидоранд.

## ЗАБОНИ МОДАРӢ

Забони мо чу дарьёи дамон аст,
Ба қаърaш гавҳари тобон ниҳон аст.
Забони тезу бурротар зи алмос,
Силоҳи ҷовидони тоҷикон аст.
Забони безаволи «Шоҳнома»,
Забони дар фасоҳат достон аст.
Забони шаҳасарҳои Низомӣ,
Насими «бӯи ҷӯи Мӯлиён» аст.
Забони хомаи Синои оқил,
Забони ҳоли Шарқи бостон аст.
Навои андалеби табъи Ҳофиз,
Каломи Саъдии ширинзабон аст.
Шунав лафзи Камоли нуктадонро,
Ки софу тоза, чун оби равон аст.
Забони модари дилбанди Дониш,
Нидои Айнии оташбаён аст.
Ҳазор оҳанги нотакрор дорад,
Забони «Шашмақом»-и ҷовидон аст.
Забонояд ба кас бо шири модар,
Забони модарӣ ҳамсанги ҷон аст.

# КИТОБИ ҚИТОБҲО

Зали идона зинатьёфтаи мактаб пур аз хурдсолон, муаллимон ва падару модарон аст. Дар деворҳо «Ташаккур, «Алифбо!», «Хайр, «Алифбо»-и азиз!» ва «Салом, «Қитоби хониш!» барин навиштаҷот ба чашм мерасанд. Дар ду тараф мизҳои дарозро маҳсули кору ҳунари талабагони синфи якум оро медод.

Хурдакакон дар бар либоси идонаю дар дил як ҷаҳон шавқу умед иди анъанавии Алифборо мегузаронданд. Онҳо гӯё дирӯзакак чизеро намедонистанд, аммо ҳоло мисли дигар мактабиён хондаю навишта метавонанд. То ба ин поя расидани онҳо муаллим ва падару модарон қариб чаҳор моҳ заҳмат кашиданд. Инак, лаҳзаи ҳаяҷоноваре, ки дер боз мунтазираш буданд, фаро расид. Як гурӯх кӯдакон дар васфи китоб, муаллим ва мактаб суруду таронахо хонданд. Рақсу бозӣ авҷ гирифт.

Баромади ҳарфҳо шавқангез буд. Ҳарфҳои «Алифбо» ба забон омаданд. Духтараки дӯстрӯе, ки нишони ҳарфи «А» дошт, гуфт:

Ангури мо ширин аст,
Қанду асал барин аст.

Навбат ба ҳарфи «Л» расид:

Ман гули лола мечинам,
Лола ба хола мечинам.

Аз қатори ақиб ҳарфи «П» садо баровард:

Пахта роҳати ҷон аст,
Сарвати тоҷикон аст.

Ба ҳамин тариқ, бачаҳо ба ҳар як ҳарф шеърхонӣ карданд. Чистонҳо гуфта, ҷавобашонро ёфтанд. Ҷумлаву ибораҳои мӯъҷаз, панду андарз ва мақолу масалҳои аз «Алифбо» омӯхтаашонро ба забон оварданд. Аз рӯи ҳикояҳои «Саволи беҷо» ва «Қампири оддӣ» саҳначаҳои шавқовар нишон доданд.

Баранда, толибаи синфи панҷум Нигина Бобоева ба хурдтаракон мурочиат кард:

— Бачаҳо, ба мо хондаву навиштанро кӣ ёд дод?

— Муаллим! — баробар ҷавоб доданд хурдсолон ва дар васфи омӯзгор шеър хонданд.

— Мо хонданро аз чӣ омӯхтем! — боз суол дод баранда.

— Аз «Алифбо!» — баланд шуд садоҳо.

— Пас, биёед, «Алифбо»-ро ба саҳна даъват кунем.

Аз байн сонияе гузашту дар саҳна «Алифбо» пайдо шуд. Ҳозирон ӯро самимона, бо қарсак пешвоз гирифта, дар ҳаққаш суруди «Хайр, «Алифбо»-и азиз!»-ро хонданд. «Алифбо» дар навбати худ «Китоби хониш»-ро даъват кард. «Китоби хониш» рақскунон ба саҳна баромад. Бачаҳо аввал онро нашинохтанд, вале баъд якбора нидо бароварданд:

— Ассалом, «Китоби хониш!»

— Ваалайкум ассалом, бачаҳои ширин! Шогирдониояндаи ман! Аз ҳамин рӯз эътиборан ман роҳбалади шумо. Ҳамаатонро ба мақсад мерасонам, доною боадаб мешавед...

Лаҳзаҳои охирини ид. Талабаҳо номаи муаллифи «Алифбо»-ро бо чапакзании пурмавҷ пешвоз гирифтанд. Бобои ҳамаи талабагони мактабҳои тоҷик Ҳилол Каримов дӯстони хурдсоли худро ба муносибати хатми «Алифбо» табрик кардааст:

«Фарзандони азизам! Иди «Алифбо» — иди фирӯзатон муборак! Аз оғози дарсҳо ҳамааш шуда қариб чаҳор моҳ гузашт, дар ин муддат шумо хондану навиштанро ёд гирифтед. «Алифбо» шуморо аз ҳарфи «А» то «Ҷ» роҳнамоӣ кард. Акнун шумо бо аввалин дӯсти саводомӯзи худ — «Алифбо» хайрбод гуфта, саҳифаи аввали «Китоби хониш»-ро мекушоед. Бо мадади ин китоби нав ба олами пурасрори дониш медароед.

Орзумандам, ки дар ҳамин олами равшан роҳи нави худро ҷуста ёбед, зираку хушьёр ва кашшоф шавед! Бахт ёру мададгоратон бод!»

Хурсандии бачаҳо аз табассуми гарму дурахши чашмонашон ҳувайдо буд. Охир, «Алифбо»-ро кӣ дӯст намедорад? Вақте ки бача ба синни мактабӣ мерасад, падару модар барои ӯ аввал «Алифбо» мехаранду сонӣ дигар чиз. Кӯдакон бо аввалин ҳарфҳои мӯъҷизасоз аз рӯи ҳикоёти латифу нигоришоти зарифи ин китоб ошно мешаванд.

Портфельҳо аз асбоби хониш, аз қаламҳои рангаву дафтарҳои тоза пур. Кӯдакон вақти ба мактаб рафтан чизеро фаромӯш кардагӣ барин, китобу дафтари худро бори дигар аз назар мегузаронанд. Мебинанд, ки ҳама чиз дар ҷояш, ҳеҷ низ фаромӯш нашудааст. Вале баногоҳ пай мебаранд, ки дар ҷузвдон «Алифбо»-ро нагузоштаанд. Аз рӯи одат ва дилбастагӣ боз «Алифбо»-ро гирифтанӣ мешаванд, аммо хоҳараку додараки дӯстрӯяки онҳо мегӯянд:

— Охир, ин китоба ба ман дода будед-ку, Соли дигар ман ҳам ба мактаб меравам.

Бачаҳо ба ёд меоранд, ки дар ҳақиқат чанд рӯз пеш бо ин китоб хайрбод гуфтаанд. Ба ҷои «Алифбо» акнун «Китоби хониш» мегиранд. «Алифбо»-и хонову доно ба дасти дӯстони худ калиди дониш дода, ба рафи китобҳо гузашт ва ёрони навро интизор аст.

Бале, бе мадади ин китоб ягон китоби дигарро хонда наметавонӣ. Одам ба шарофати ҳамин китоб аз зинаҳои дониш боло мебарояд. «Алифбо» китоби пурбаҳоест, ки онро ҳар сол ҳазорон нафар кӯдакон бо меҳру ихлос ба даст мегиранд. Китобест, ки ҳаёти мардуми мо, равнақи маориф ва маданияти моро бе он тасаввур кардан маҳол аст.

Ҳар вақт, ки аз боби тамаддун, илм, санъат ва алалхусус адабиёт сухан равад, китоб ба пеши назар меояд. Ривоҷи нашри китобҳоро дар республикаи мо, ки аз соли 1925 сар шуда буд, аз рӯи худи китобҳо қиёс кардан мумкин. Ин давраи кӯтоҳи пур аз муҳорибаю бунёдкориҳо дар «Алифбо» ҳам акс ёфтааст. «Алифбо» на танҳо котиби воқеаҳо, балки иштирокчии фаъоли онҳо раҳнамо, мураббӣ ва чун сарбоз дар сафи пеши мубориза барои савод будааст.

Устод Айнӣ замони пурваҳшати амирро ёд оварда, бо таассуф мегуфт, ки дар байни аҳолии маҳаллӣ ёфтани шахсони босавод, мисли пайдо кардани дарахти мевадор дар биёбони тафсон, душвор буд. Аз ин рӯ, баъди

сарнагун кардани аморати Бухоро масъалаи саводомӯзӣ дар навбати аввали корҳои ҳукуматӣ меистод. Дар ҳар ноҳия, дар назди мактабҳо, чойхонаву корхонаҳо ва масҷиду хонаҳои шахсӣ нахустин клубҳои маҳви бесаводӣ таъсис ёфта буданд. Ҳарчи зудтар барҳам додани бесаводӣ ҷустуҷӯи роҳу воситаҳои нави таълимро талаб мекард. Дар ин роҳ як зумра олимону адибон, омӯзгорону мутарҷимҳо ва маорифпарварони тоҷик остин бар зада, воситаҳои саводомӯзии то андозае ба мақсад мувофиқ таълиф намуданд, ки барои даст ба домани савод задани толибони илм нардбон шуданд.

Соли 1928 нахустин анҷумани муаллимони Тоҷикистон зарурати китоби дарсиро дар маҳви бесаводӣ махсус қайд кард.

— Дар роҳи маҳви бесаводӣ, — мегӯяд Ҳилол Каримов, — мушкилоти бисьёр вуҷуд дошт. Муаллим набуд, китоби дарсӣ набуд, программа набуд, дафтару қалам набуд, барои машғулият бино набуд ва боз «набуд»-ҳои дигар. Ба болои ҳамаи ин, агар иғвогариҳои рӯҳониён ва бедодгариҳои босмачиёнро ҳам зам кунем, душвориҳои ҳамонвақтаи республикаи ҷавони мо равшан хоҳад шуд. Аммо, бо вуҷуди ҳамаи ин, мо Ҳокимияти Советӣ доштем, ки барои бартараф кардани мамониатҳо роҳ мекушод. Ҷамъияти «Нест бод бесаводӣ!» амал мекард, ки раиси умумиттифоқии он М. И. Калинин ва дар республикаи мо раиси ин ҷамъият нахустпрезидент Нусратулло Махсум буданд.

Дар сиришти аҳли заҳмат як рӯҳбаландии бузург, дилгармиву рағбати азиме ба саводомӯзӣ вуҷуд дошт. Барои ташнагони маърифат офаридани «Алифбо»-и нав ва дигар дастурамалҳо чун обу ҳаво зарур буданд. Ҳилол Каримов дар айёме аз паи ин кор шуд, ки ҳанӯз муқобилати душманони дохилӣ идома дошт, муаллимони сурх дар даст ярок музаффариятҳои инқилобро мудофиа мекарданд, қасам мехӯрданд, ки нодонӣ ва ҷаҳолатро барҳам хоҳанд дод.

Бояд китоби дарсие офарид, ки мувофиқи талаботи замон ва дорои хосияти собит бошад. Ҳилол Каримов ду сол дар мактабҳои ибтидоӣ муаллимӣ карда, бо усулу мазмуни саводомӯзӣ амалан ошно гардид. Вале ин таҷриба ҳанӯз кофӣ набуд. Лозим омад, ки садҳо нусха китоби илмию методии русӣ ва дигар халқҳоро мутолиаю муҳокима карда, дарси алифбонависиро азбар

намояд. Таҷрибаи олимон, адибон ва муаллимони машҳури синфҳои ибтидоиро омӯхт. Алифбоҳои тоҷикии то Инқилоби Октябрь нашршудаи Саид Аҳмади Васлӣ «Баён-ул-ҳуруф» (1903), Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ «Асбоби савод» (1908) ва Раҳматуллозода «Роҳбари мактаб» (1913) борҳо аз назари тадқиқи ӯ гузаштанд. Омӯзиши яке аз нахусталифбоҳои тоҷик «Баҳори дониш», ки соли 1918 олими археологи рус В. Вяткин (Мулло Василӣ) тартиб дода буд, низ ба кори ӯ кӯмак расонд. Ҳилол Каримов аз мутолиаи алифбоҳои Саидризо Ализода «Соли нахустин» (1920), Муҳаммад Самадзода «Мифтоҳут-таълим» (1922), Раҳматуллозода ва Ҳоҷӣ Муин «Роҳбари бесаводон» (1925), Бектош ва Лебединцев «Меҳнату дониш» (1931), В. Маҳмуд «Алифбо» ба хулосае омад, ки дар бораи мазмун ва услуби онҳо бояд мақолаҳои алоҳида навишта шаванд. Ӯ, хусусан, ба мазмуну мундариҷаи китоби яке аз аввалин коммунистон, ташкилотчии фаъоли мактабҳо, комиссари халқии маорифи Тоҷикистон Нисор Муҳаммад «Алифбои забони тоҷик» (1925) ва алифбоҳои Раҳим Ҳошим ва Қ. Ф. Лебединский «Соли аввал» (1931) баҳои баланд медиҳад.

Ниҳоят, соли 1933 бори аввал «Алифбо»-и Ҳилол Каримов дар шаҳри Самарқанд, ки гаҳвораи маданияти тоҷикон аст, ба табъ расида, дастраси кӯдакони синфҳои якум гардид. Асоси «Алифбо»-и имрӯза низ дар ҳамон «Алифбо» гузошта шудааст.

Дар давоми солҳои тӯлонӣ Ҳилол Каримов пайваста аз паи такмили ин китоб буд. Агар «Алифбо»-и хушрангу зебои имрӯзаро бо нахустин «Алифбо»— китобчаи беранrу муқовадурушт муқоиса кунӣ, мебинӣ, ки муаллиф онро чӣ хел сол аз сол такмил дода, сифаташро беҳтар кардааст. «Алифбо» дар ин муддат гаштаю баргашта нашр шуда, ихчаму суфта гардид, ба муаллимон унс гирифт. Муаллиф бо қаноатмандӣ мегӯяд, ки дар такмили ин китоб на танҳо аз маслиҳатҳои муаллимон ва кормандони илмӣ нафъ мебурд, балки фикру андешаи ҳар як одами оддиро ҳам ба назар мегирифт. Аз ин ҷост, ки ба «Алифбо»-и ӯ мутахассисон баҳои баланд додаанд. Аз ҷумла, яке аз алифбошиносони дақиқназари тоҷик Маҳмадулло Лутфуллоев, ки ҳоло ҳазорон нафар кӯдакону калонсолони Республикаи Демократии Афғонистон аз «Алифбо»-и ӯ сабақ мегиранд, дар

бораи ин китоби устоди худ чунин мегӯяд: «Солҳои сиюм дар бобати тартиб додани программаи таълимӣ ва офаридани китобҳои дарсӣ, алалхусус, нахустин китоби дарсии мактаббачаҳо — «Алифбо» — мубоҳисаҳои зиёде давом мекард. Хурдсолон бори аввал ба мактаб қадам гузошта, аз рӯи кадом китоб ва мувофиқи кадом метод бояд савод омӯзанд? Дар ҳамон солҳо як зумра муаллифону методистон аз республикаҳои гуногуни иттифоқӣ алифбоҳои худро пешниҳод карданд, ки ҳамаи онҳо тақрибан дар асоси методи санҷидашудаи таҳлил ва таркиби овозӣ таълиф гардида буданд. Нашри «Алифбо»-и Ҳилол Каримов ба ҳамаи он мубоҳисаҳо хотима гузошт. Баробари нашри он методи таҳлил ва таркиби овозӣ, ки яке аз методҳои самараноктарини дуньёст, дар республикаи мо нуфуз кард ва мустаҳкам гардид. Ин «Алифбо» борҳо аз имтиҳони зиндагӣ гузашта, қалиди дониш будани худро барҳақ исбот кардааст».

...Соли 1969. Таҳти назорати ЮНЕСКО дар Теҳрон симпозиуми педагогҳои қитъаи Осиё мегузашт. Ба фиристодаи халқи тоҷик, педагог ва забоншиноси маъруф, профессор Ҳилол Каримов низ сухан доданд. Вай ба минбар баромада, ба ҳозирон нигаристу бо як тамкину ҳарорати ба худ хос дар хусуси инкишофи маориф ва маданияти Тоҷикистон сухан оғоз кард. Сипас, як даста китобҳои нахустини худро, ки солҳои сиюм нашр шудаанд, нишон доду гуфт:

— Мана инҳоянд намунаи китобҳои ман, ки дар Иттифоқи Советӣ дигар нашр намешаванд...

Аҳли анҷуман ба тааҷҷуб омаданд. Баъзеҳо мунтазири шунидани шикваи олим саропо гӯшу ҳуш шуданд. Аммо профессор баръакси чашмдошти онҳо суханашро қувват дода гуфт:

— Медонед, чаро ин китобҳо дигар нашр намешаванд? Зеро мо дигар ба нашри «Алифбо барои калонсолон» ва «Китоби хониш барои чаласаводон» барин дастурҳо эҳтиёҷ надорем. Дар сарзамини мо — тоҷикон, ки то Инқилоби Октябрь касони соҳибсавод ангуштшумор буданд, ҳоло ҳазорҳо мактаби маълумоти умумӣ, омӯзишгоҳҳо, донишкадаҳои миёнаи махсус ва олӣ мавҷуданд, миқдори зиёди китобҳои дарсӣ ва рӯзномаву маҷаллаҳо бо олами бузург нашр мешаванд...

Ин суханонро касе мегуфт, ки яке аз фаъолони Ҷамъияти равобити дӯстии Тоҷикистон бо мамлакатҳои хо-

ричӣ буда, дар ташвиқу тарғиби комьёбиҳои илм, маориф ва маданияти республика дар мамлакатҳои Шарқ борҳо ширкат варзидааст. Ин суханонро касе мегуфт, ки ӯро мардуми тоҷик, чун аввалин муаллифи бештар аз 15 китобу дастурҳои дарсию таълимӣ, нахустин ташкилотчиёни маорифи халқ ва фидоии роҳи дониш хуб мешиносанд. Танҳо ном бурдани чунин китобҳои муаллиф «Алифбо барои қалонсолон», «Китоби хониш барои чаласаводон», «Саводомӯзӣ», «Забони тоҷикӣ барои мактабҳои чаласаводон», «Омӯхтани савод», «Худомӯзӣ» ва як силсила дастурҳои методие, ки барои муаллимони ҳамон солҳо навиштааст, барои тақдир кардани хизмати ӯ кофист. Ӯ аз ҷумлаи олимонест, ки тамоми умр ба масъалаҳои ташаккули забони адабӣ, мақом ва манбаъҳои инкишофи он машғул шудаанд. Ӯ аз ибтидои таъсиси Университети Давлатии Тоҷикистон ба номи Ленин дар ҳамин донишгоҳ кор мекунад. Донишҷӯёне, ки шӯъбаи форсии факультети забонҳои Шарқро хатм кардаанд, аз Ҳилол Каримов се алифборо омӯхтаанд. Алифбои аввалро дар синфи якум ба шарофати «Алифбо»-и ӯ, алифбои забони форсиро тавассути худи устод ва китоби дарсии ӯ «Забони форсӣ» азбар кардаанд, дигар алифбои устод китоби зиндагии худи ӯст, шогирдон тарзи зистан ва ба халқу Ватан нафъ расонданро аз ҳамин алифбо омӯхтаанд.

...Соли 1967 котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон Ҷ. Р. Расулов дар мусоҳиба бо мухбири маҷаллаи «Огонёк» ба саволи «Дар бораи шахси ба шумо шинос ва мӯътабари республика, ки Инқилоби Октябрь дар сарнавишташ роли бузург бозидааст, нақл кунед», чунин ҷавоб дода буд: «Дар республика аз хурд то калон номи Ҳилол Каримовро ба хубӣ медонанд. Ӯ донишманди забоншинос ва педагоги бомаҳорати мост. Дар Тоҷикистон ӯро ҳама бо эҳтиром «муаллими муаллимон» меноманд. Агар Ҳокимияти Советӣ намешуд, ӯ низ мисли падару бобояш деҳқони бесавод мемонд. Вале ин фарзанди деҳқони бесавод Алифбои тоҷикро тартиб дода, бесаводонро савод омӯхтааст. Ва имрӯз ҳам талабагони синфи якуми тоҷик аз «Алифбо»-и ӯ таълим мегиранд.

Ҳоло Тоҷикистон кишвари аҳолиаш ба куллӣ саводнок мебошад. Дар ин бобат Муаллими Хизматнишондодаи республика, Ходими Хизматнишондодаи ил-

ми РСС Тоҷикистон, профессор Ҳилол Каримов хизматҳои шоистаи таҳсин намудааст. Ӯ, собиқ муҳаррири журнали махсуси маҳви бесаводӣ — «Октябрь» (оргаҳи Комиссариати маорифи халқи РСС Тоҷикистон) бо кор ва фаъолияти бисьёрсолаи худ дар амалӣ гардонидани ғояҳои декрети ленинӣ саҳми муносибе гузоштааст.

Профессор Ҳилол Каримов аввалин муаллифи «Алифбо»-и бо ҳуруфоти ҳозираи тоҷик таълифёфта хушбахту сарбаланд аст, ки ҳар сол номаш дар рӯи муқоваи ҳазорон нусха китоби дӯстдоштаи бачаҳо дарҷ меёбад. «Алифбо»-и ӯ мисли нардбони савод аст, ки чандин насли мардуми тоҷик ба воситаи он ба оламн дониш роҳ ёфтаанд. Дар байни онҳое, ки аз рӯи ин китоб савод баровардаанд, одамони заковатманд бисьёранд. Соли 1982 маорифчиёни тоҷик панҷоҳумин нашри ин «Алифбо»-ро ҷашн гирифтанд ва муаллифи он бо медали ба номи Крупская сарфароз гардид.

## ШАҲИДОНИ ВАТАН

Шумо дар сина дарду армон аз хонадон рафтед,
Ба ҳифзи кишвари арзандатар аз ҷисму ҷон рафтед.
Зи душман то ки бистонед мардона қасоси халқ,
Ба сӯи арсагаҳ чун Рустами давру замон рафтед.
Ба ҳар ҷо ёд овардед меҳри модари худро,
Деҳи худ, манзили худ, мактаби худ, дилбари худро
Миёни тирборонҳо, миёни оташи сӯзон
Накардед аз далерӣ хам сари мӯе сари худро.
Надида сер рӯи навбаҳори зиндагониро,
Фидо кардед бар авлоди худ ҷону ҷавониро.
Шумо рафтед сӯи маргу умри ҷовидон дидед,
Ба ҷонафшонӣ нав кардед расми қаҳрамониро.
Яке дар пои девори Бресги қаҳрамон хобид,
Яке дар кӯҳи Карпат, дигаре дар қаъри Дон хобид,
Яке андар Лаҳистон, дигаре дар сарҳади Олмон,
Ба мисли донаи пошида дар рӯи ҷаҳон хобид.
Ба ҳар ҷо, ки сафар кардам ба пешин арсагоҳи ҷанг,
Бидидам руста аз хоки шумо гулҳои рангоранг.
Ба гӯшам дар Хатин зангӯлаҳо ҳам марсият хонданд,
Шунидам акси овози шумо дорад чӣ сон оҳанг.
Шумо андешаи фардои авлоди башар кардед,
Барои шаъни кишвар синаи худро сипар кардед,
Чу ҳодии амонӣ бо далериву ҷавонмардӣ
Шумо рӯзи зафарро баҳри мо наздиктар кардед.
Шаҳидони Ватан, доим шуморо ёд меорем,
Чу авлоди сазоворе шуморо номбардорем.
Фурӯзон ахгари дилҳоятон аз оташи ҷовид,
Ба рӯи марқади поки шумо гулдаста бигзорем.

## МУҲОФИЗИ ШАҲРИ ЛЕНИН

Дар эълонномаи девори толор навишта буданд, ки имрӯз дар мактаб вохӯрӣ бо ветерани Ҷанги Бузурги Ватанӣ Тешабой Одилов барпо мегардад. Бачаҳо кайҳо боз дар интизори ин вохӯрӣ буданд. Хусусан, пайшиносони сурх, ки бо Тешабой Одилов мукотиба доштанду ӯро ғоибона мешинохтанд, шодии худро ба дил ғунҷонда наметавонистанд. Охир, чӣ хел хурсанд нашаванд, ки ҳоло бо қаҳрамони соҳили Нева вохӯрда, сӯҳбат мекунанд. Онҳо ба деҳаи Сӯх, райони Риштон, республикаи Ӯзбекистон, ба он ҷое, ки қаҳрамон кор ва зиндагӣ мекунад, борҳо мактуб навишта, хоҳиш менамуданд, ки ӯ ёддоштҳои худро доир ба ҷангҳои Ленинград ва расмашро барои музеи мактаб фиристад ва агар фурсат ёбад, ба меҳмонии бачаҳо ояд. Тешабой Одилов ваъда дода буд, ки ба мулоқоти бачаҳо меояд. Инак, рӯзи вохӯрӣ фаро расид.

Вақте ки ҳамаи бачаҳо ҷамъ омаданд, Тешабой Одилов ҳамроҳи муаллимон ва сарвожатый вориди толор гардид. Ҳама аз ҷой бархоста, ба ҳурмати ӯ чапак заданд. Баъди сухани муқаддимавии сарвожатий Тешабой Одилов ба минбар баромад. Чашмони дурахшони бачаҳо ба сӯи ордену медальҳое, ки сари синаи ӯро зинат медоданд, дӯхта шуданд.

...Гитлер ба лашкари худ амр дода буд, ки Ленинградро ба хок яксон карда, тамоми қувваро барои забти Москва сафарбар намоянд. Душман бо ин мақсад қувваи бузурге сарф мекард. Вале Ленинград, чун қалъаи мағлубнопазир, пеши роҳи фашистонро мегирифт. Вақте

ки гитлерчиён шаҳрро ишғол карда натавонистанд, қасд карданд, ки рӯҳи онро бо роҳи дигар — гуруснагӣ, бомбаборон кардан, бо жолаи тири тӯп шикананд. Шаҳрро бо муҳосира гирифта, тамоми роҳҳои хушкигардро бастанд. Ягона роҳи обӣ — кӯли Ладога Ленинградро ба мамлакат мепайваст. Аз рӯи яхи Ладога «Роҳи ҳаёт» кушода шуд. Ин роҳи пурхатар бошандагони шаҳри Ленинро аз гуруснагӣ наҷот мебахшид. Тирамоҳи соли 1941 ба сари ин шаҳри азим паёпай оташи тӯпу пулемётҳо фурӯ мерахт. Рӯзе набуд, ки Ленинград чанд ҳамлаи ҳавоии душманро зада барнагардонад, шабе набуд, ки ба ҳуҷумҳои ҷавобӣ нагузарад. Шаҳри зебо хароб гардида, шинохта намешуд. Аз дидани қасру биноҳои вайрон ва кӯчаю ҳиёбонҳои валангор нафрати кас ба фашистҳо меафзуд. Душман тамоми соҳили чапи дарьёи Неваро ишғол карда, барои аз мамлакат кандани алоқаи Ленинград мекӯшид, аммо дасташ ба гиребони орзу намерасид. Ленинград худро аз Ватан ҷудо ҳис намекард, ҳазорон-ҳазор писару духтарони советӣ пушту паноҳаш буданд. Тамоми мамлакат ғами шаҳри азизи худро мехӯрд.

Баъди ҷангҳои сахт як даста аскарони мо дар соҳили рости Нева ҷои барои оташкушоӣ мувофиқ ишғол намуданд. Ин баландие буд, ки хандаки нимкилометра дошт. Немисҳо барои аскарони моро аз мавқеи ишғолкардаашон зада ақиб гардондан борҳо ба ҳуҷум мегузаштанд, аммо ҳар дафъа ба мақсад нарасида, талафоти калон медоданд. Муҳофизони Ленинград ба шаҳри худ сина сипар карда меҷангиданд.

Мана, боз як ҳуҷуми навбатӣ. Немисҳо аз тӯпу пулемётҳо девонавор оташ кушоданд. Гӯё борони тир борид. Бисьёр аскарон ва командирҳо қаҳрамонона ҳалок шуданд.

Тешабой баъди оташкушоиҳо дид, ки фақат якчанд нафар маҷрӯҳони вазнин зинда мондаанд. Вай ба тарафи чапи хандак рафт. Дар он ҷо як аскари ба наздикӣ ба қисм омада дар даст автомат чашм аз мавқеи немисҳо намеканд. Тешабой номи аскари навро намедонист ва фурсати пурсидан ҳам набуд.

— Бародар! — гуфт Тешабой. — Ту аз ин тараф оташ мекушоӣ, ман аз тарафи рост. Аз афташ, фрицҳои лаънатӣ имшаб ҳам то саҳар ҳуҷум мекунанд. Ҳамин ки «Чап! Паррон!» гуфтам, тир андохтан мегирӣ.

Онҳо азм карданд, ки то зиндаанд, мавқеъро аз даст надиҳанд. Дар паси пардаи торикии шаб аз гирду атроф ҳамаи яроқу аслиҳаро ба як ҷо ҷамъ оварданд. Дар хандак ҳафт туфанги танкзан, панҷ пулемёт, бисьёр автомат, граната ва як-ду қуттӣ тир ҷамъ шуд. Туфангҳои танкзанро дар пеш қатор гузоштанд. Пулемётҳоро дар паҳлуи онҳо монданд. Баъзе аскарони захмдор, ки лангида базӯр роҳ мегаштанд, ба назди пулемёт тир мекашонданд.

Фашистҳо ба ҳуҷуми нав гузаштанд. Тешабой дар торикӣ сиёҳиҳои сӯяшон ояндаро диду пулемётро ба кор бурд. Фашистҳо ба замин хобиданд, баъде ки садои пулемёт хомӯш шуд, боз аз ҷой бархоста, пеш давиданд. Тешабой се-чор гранатаро паси ҳам ҳаво доду тозон паси пулемёти дигар гузашт ва лентаи онро ҳам холӣ кард. Сонӣ ба рафиқаш нидо кард:

— Чап! Паррон!

Аз тарафи чап ҳам та-таи пулемёт баланд шуд. Тешабой ба сари душман граната ҳаво медоду рафиқаш сели оташ мебоpoнд. Фашистҳо ноилоҷ рӯ ба гурез оварданд. Аммо баъди як дам хандакро аз дур ба зери оташи тӯпҳо гирифтанд. Онҳо гумон мебурданд, ки хандақро ҷанговарони бисьёре мудофиа мекунанд. Аз ин рӯ, беист оташ мекушоданд. Снарядҳо таркида, хок ба сар мебехтанд. Садои даҳшатангези таркишҳо гӯшро кар мекард. Бӯи ғализи борут нафасро мегардонд.

Немисҳо қариб як соат тир андохта, баъд боз ба ҳуҷум гузаштанд. Тешабой муддате хомӯш монд. Вақте ки фашистҳо наздик омаданд, вай куланги пулемётро зер карда, даҳҳо нафарашонро ба хок яксон кард. Як лентаи пулемётро холӣ карду ба рафиқаш фарьёд зад:

— Чап! Паррон!

Аммо аз Чап садое набаромад. Тешабой боз фарьёд зад:

— Чап!! Паррон! Чап! Ба ту чӣ шуд?...

Боз хомӯшӣ. Тешабой як навбат тир андохту тозон ба тарафи Чап рафт. Дар паси пулемёт рафиқаш беҳаракат мехобид.

Дар хандак як худи Тешабой монд, аммо ӯ рӯҳафтода нашуд: медонист, ки фардо ба ёрии ӯ аскарони нав меоянд. Дар ин лаҳза дар дили ӯ ду қувва, ду ҳиссиёти зидди ҳам дар талош буд: муҳаббат ба Ватан,

адоват ба душман. Вай хам шуда, аз ин сари хандак ба он сари хандақ медавид, гоҳ аз пулемёту автомат оташ мекушод, гоҳ граната мепартофт, туфанги танкзанро ба кор меандохт ва ба душман чунин вонамуд, ки дар хандақ ҷанговарон бисьёранд. Оқибат ин ҳуҷуми душман ҳам фурӯ нишаст. Тешабой дар муборизаи тан ба тан бо фашистон ғолиб омад. Дар он ҷое, ки ӯ аввали шаб боз оташфишонӣ мекард, даҳҳо ҷасади фашист мехобид. Ин вақт худи ӯ ҳам аз ду ҷояш захми сабук дошт.

Қам-кам субҳ медамид. Ҷанговарони мо дар нимравшании саҳарӣ мавқеи немисҳоро муайян карда, аз катюшаҳо ба оташкушоӣ даромаданд. Аскарони пиёда аз дарьё гузаштан гирифтанд. Қувваи мададрасон сари вақт расида омад. Командир аз аскарони маҷрӯҳ пурсид:

— Имшаб шуморо кадом қисм муҳофизат кард?

Ҳама Тешабой Одиловро нишон доданд.

Командир бо ҳайрат ба Тешабой нигарист: наход як ҷанговар шаби дароз вазифаи як ротаро ба ҷо оварда бошад? Аммо, вақте ки маҷрӯҳон воқеаи дишабаро нақл карданд, командири солхӯрда Тешабойро оғӯш кашида бӯсид ва гуфт:

— Офарин, писарам! Қаҳрамонона амал кардӣ!

Сонӣ давраи муҳорибаи дуру дарози васеъ кардани истеҳком расид. Тешабой чилу ҳашт шабонарӯз аз майдони ҷанг берун набаромада, намунаи суботкорӣ, устуворӣ ва зиракию ҳушьёрӣ нишон дод. Чилу ҳашт шабонарӯз дар соҳили Нева ҷангид. Ӯ борҳо ҷон ба каф гирифта, дар вазъияти пурхавфу хатар супоришҳои душворро ба ҷо овард. Борҳо сарулибоси хамранги барф пӯшида, дар сармои сахт ба «шикор» баромад ва мерганҳои фашистонро қир кард. Ҳамон вакт Мизо Турсунзода дар васфи Тешабой Одилов навишта буд:

Чашми ту чу дидаи уқобон
Тез асту басе нишонгир аст,
Дар зери Ленингрод душман
Пайваста ба тири ту асир аст.

Фашистхо дар давоми 900 рӯзи қахрамононаи мухосираи Ленинград, ба шаҳр 107 ҳазор бомбаи тарконандаю сӯзонанда партофта, 150 ҳазор снаряди калони ар-

тиллерӣ парронданд. Гитлер, ки ба ғалабаи лашкари худ дар Ленинград эътимоди комил дошт, тартиби тантанаи паради ғалабаро дар майдони Қасри зимистонӣ бо иштироки ҳамаи мамолики иттифоқчии худ пешакӣ муайян карда буд. Геббельс ҳатто дар бораи ин парад фильм тайёр кунонд. «Ба Ленинград даромадани полкҳои гитлерриро» низ ба лента гирифтанд. Ин фильмро соли 1945 сарбозони советӣ дар Берлин ёфтанд. Билетҳои зиёфати меҳмонсарои «Астория» ба муносибати зафари ғолибон низ чоп шуда буданд. Чунин билетҳоро Тешабой Одилов ҳангоми дубораю себора ба ҷойҳои ҷангидаи худ сафар карданаш дар музеи Ленинград дидааст.

Нияти нопоки фашистхо дар дилашон монд. Баъди 900 рӯзи муҳосира қӯшунҳои советӣ боз ба ҳуҷуми қатъӣ гузашта, ба лашкари гитлерӣ зарбаи беамон расонданд. Фашистхо дар остонаи Ленинград ҳазорон одам ва яроқу аслиҳаи бисьёреро талаф дода, ақиб гаштанд. Моҳи январи соли 1943 ҳалқаи муҳосира пора-пора ва шаҳри Ленин озод шуд. Ватан корномаи Тешабой Одиловро, ки дар сию се ҳуҷум 114 фашистро маҳв карда буд, бо ордени Ленин тақдир кард. Беш аз 930 ҳазор нафар ҷанговарон бо медали «Барои мудофиаи Ленинград» мукофотонида шудаанд, ки дар байни онҳо номи Тешабой Одилов ҳам зикр ёфтааст.

* * *

Ветерани ҷанг суханашро ба охир расонд. Чапакзанӣ дер гоҳ хомӯш нашуд. Пионерони мактаби рақами 10, шаҳри Душанбе ба гардани гражданини фахрии шаҳри Ленинград, қаҳрамонписари тоҷик Тешабой Одилов галстуки сурх баста, ӯро пионери фахрии мактаби худ интихоб карданд. Пайшиносони сурх ҳикояти қаҳрамонро ба навор навишта гирифта, боз як ҳуҷҷати нодир ба даст оварданд.

## ЭЪЧОЗИ ДЕҲҚОН

Субҳи сафо дамида,
Саҳро бувад мунаввар,
Борида барф гӯё
Дар пуштаҳо саросар.

Дар шохаҳои нозук
Дар пахтазори испед,
Гӯё фитода бошад
Парголаҳои хуршед.

Ҳар навниҳоли пахта
Гӯё арӯси нур аст,
Зулфаш ба ранги нуқра,
Марҷонаш аз булӯр аст.

Маҳтоб бо табассум
Шаб бингарад ба рӯяш.
Ахтар зи авҷи гардун
Чашмак занад ба сӯяш.

Гоҳе шамол хезад,
Хашму ғазаб намуда.
Саҳро бувад пур аз сим,
Ҳар ғунча лаб кушуда.

Тобу тавони пахта
Аз нури офтоб аст.
Ҷонаш ба дасти деҳқон,
Хун бар рагаш зи об аст.

Дар тори ӯст маҳфуз
Гармии қалби деҳқон,
Покии меҳру шафқат,
Эъҷози лутфу эҳсон.

Монанди рӯди кӯҳӣ
Дорад шитоб деҳқон.
Қалбаш ба сина пурҷӯш,
Чун чашмаи хурӯшон.

Бошад матои тоҷик
Чун ғози пахтааш нарм.
Дилҳои дӯстонро
Як умр мекунад гарм.

## ТИЛЛОИ САФЕД

Душвор, вале пурифтихор аст меҳнати пахтакор. Меҳнати қаҳрамононаи ӯ дар ҳар шароити обу ҳаво омили ҳосили фаровон мешавад. Пахтакор тамоми сол бо замин сарукор дорад. Тирамоҳ ҳамин, ки ҳосилро ғундошт, боз замин шудгор мекунад, зеро шудгор, намии хокро нигоҳ дошта, решаю тухми алафҳоро мепӯсонад, манбаъҳои хашароти зараррасонро нобуд мегардонад. Деҳқони асил маҳз бо шудгори хушсифати тирамоҳӣ ба ҳосили оянда замина мегузорад. Дар зимистон заминро яхоб монда, дам медиҳад. Аз аввали баҳор боз кораш меҷӯшад. Суруди ӯ бо садои трактор омехта, заминро аз хоб бедор мекунад. Замин аз хоб гӯё гурусна монда мехезад, деҳқон порую нурӣ дода, онро сер мекунад, то ҳосили фаровон диҳад. Пас, хокро чун сурма нарм гардонда, кишт мекунад. Субҳу шом ба замин чашми умед медузад. Вақте ки нурҳои офтоб гармтар шуда, пунбадона аз зери хок неш зада мебарояд, ташвишу тараддуди ӯ боз меафзояд. Баъзан оқибатҳои ногувори селу жоларо бартараф карда, дубораю себора тухм мепошад. Дар айни гармои тамуз, дар рӯзҳои қиёми офтоб ниҳолҳои нозуки пахтаро сари вақт обу ғизо дода, аз ҳар офат нигоҳ медорад. Мушкилоти камобиро мардона рафъ карда, ҳар қатра обро бо камоли кордонӣ фоида мебарад. Ҳамин ки аввалин гули пахтаро дид, аз шодӣ чашмаш медурахшад. Ба баҳри нилгуни пахтазор медарояду аз дидани шонаву ғулҳо баҳри дилаш кушода мешавад. Чун гули пахта ба кӯрак табдил ёбад, аз маҳсули дастони худ меболаду мефахрад. Кӯрак дар шохчаҳо ба назараш кӯзачаҳои заррин барин ме-

тобад. Сатрҳои шоирро ба хотир меорад, ки кӯракҳои пурбори пахтаро ба «сандуқчаи сарбаста» ва «хумчаи зар» ташбеҳ дода, фикри бикре гуфтааст:

Мағзи ин кӯрак бувад аз шираҳои меҳнатам,
Дар ҳамин сандуқчаи сарбаста бошад давлатам.

Деҳқон барои дар зери барфу борон намондани ин зари бебаҳо боз заҳмат мекашад. Мошинҳои пахтачинро ба кор медарорад. Баъзан аз номусоид омадани обу ҳаво ғунучини пахтаро то миёнаҳои моҳи декабрь давом медиҳад. Борҳо ба замин-модар дуқат шуда таъзим мекунад ва самараи онро мисқол-мисқол, то кӯраки охирин ҷамъ меоварад. Замини саховатманд низ дар ҷавоби ин ҳама ғамхориву ранҷи ӯ дари ганҷашро кушода, ӯро сарбаландиву хуррамӣ мебахшад.

Пахта. Дар зимни ин сухан чӣ муъҷизаҳо ниҳон аст. Дар забони ҳар халқу миллат ин сухан ба тарзи гуногун садо медиҳад. Вале дар шаъни пахта ифодаи образноке ҳаст, ки дар ҳама ҷо як хел кор мефармоянд. Ин ибора «тиллои сафед» аст. Пахта ва тилло ҳамқадранд. Бечиз нест, ки пахтаи шукуфта дар герби Тоҷикистон нақши худро ёфтааст.

Боре мо, як гурӯҳ адибон, барои вохӯрӣ бо пахтакорон ба совхози «Навкорам», райони Зафаробод рафтем. Дар маркази колхоз чунин шиор ба чашм мерасид: «Мошин болу пари деҳқон аст».

Қарор додем, ки бо деҳқонон бевосита дар сари кор вохӯрем. Пахтазори колхоз чун баҳри нуқратоб ба назар мерасид. Дар сари ҳар қитъаи замин мошинҳои пахтачин қатор. Механизаторон он рӯзро бесаброна мунтазир буданд. Рӯзи оғози ҷамъоварии ҳосили пахта барои деҳқонон чун идест. Духтарону писарони механизатор, пеш аз он ки ба паси рули мошин шинанд, пахтаи шукуфтаеро ба баногӯш мениҳоданд, ки он аз дур садбарги сафедро мемонд.

— Ҳаёти деҳқонони имрӯзаро бе техника тасаввур карда намешавад, — гуфт раисн комиҷроияи Совети депутатҳои халқии район Р. Муллоҷонов. — Зафарободиҳо қавл додаанд, ки ба Ватан 41 ҳазор тонна пахта супоранд, чидани сӣ ҳазор тоннаашро механизаторон ба ӯҳда гирифтаанд. Мо бо ҳар мошин 200 тоннагӣ ҳосил меғундорем.

Раис аз пешрафти техника, аз силоҳи пуриқтидори илмиву техникии зироатпарварӣ, аз хусуси 430 мошини пахтачини район, ки дар ду смена кор карда, мушкилкушои деҳқонон шудаанд, бо ҳисси ифтихор ҳарф мезад.

Яке аз фотеҳони заминҳои Мирзочӯли тоҷик, Механизатори Хизматнишондодаи республика, лауреати Мукофоти Давлатии СССР Зиёваддин Ҳакимов аввалин шуда «киштии кабуд»-ро ба баҳри сафеди пахтазор ронд. Вай дар рӯзи аввал даҳ тонна пахта чинд. Ӯҳдадор шудааст, ки ҳар рӯз то бист тоннагӣ пахта ҷамъ оварад.

Зиёваддин Ҳакимов на фақат яке аз капитанҳои пешдасти «киштии кабуд» аст, балки барои ба ин касби бошараф рағбат пайдо кардани ҷавонон кори зиёди тарғиботӣ ҳам мебарад. Бо ташвиқу маслиҳати ӯ бисьёр ҷавонон омӯзишгоҳҳои ҳунари техникиро хатм карда, бо дилпурӣ рули мошинро ба даст гирифтаанд. Зиёваддин аввалин шуда мошини пахтачинро ба кор даровард. Аввалин шуда бригадаи комплексӣ ташкил кард. Аъзоёни бригадаи ӯ масъалае ба миён гузоштанд, ки нақшаи панҷсолаи пахтасупориро дар чаҳор сол ба иҷро расонданд. Онҳо имкониятҳоро ба ҳисоб гирифта, аввалин бор собит карданд, ки дар заминҳои навкорам аз чашмдошт ҳам бештар ҳосил рӯёндан мумкин.

— Акаи Зиёваддин машъали зафармандон аст, — мегӯяд механизатори номӣ, лауреати Мукофоти ба номи Ӯрунхоҷаев Бобобек Ҳамроев. — Мо ҳама дар мактаби бригадаи комплексии ӯ таҷриба омӯхта, омили кор шудем. Пайравони ӯ хеле зиёданд. Шогирдони ӯро дар тамоми республика дида, аз барори корашон шоду мамнун мешавем.

Барои он ки аҳамияти бузурги техникаро дар тараққиёти хоҷагии қишлоқ амиқтар тасаввур кунем, ба ёд овардани он далел кофист, ки дар аввали солҳои сиюм як аспи плугдор ба сесад хоҷагӣ рост меомад, деҳқон аз чорчӯбаи омочу испор берун баромада наметавонист. Ба Тоҷикистон аввалин шаш трактор соли 1926 омада буд. Ҳозир дар хоҷагии қишлоқи республика беш аз 50 ҳазор трактору мошин, бульдозеру комбайн, мошинҳои пахтачину кӯракғундор ва дигар воситаҳои техникӣ дар хизмати деҳқон аст.

Дар республика парвариши пахтаи ғаронбаҳои маҳиннах ба таври оммавӣ аз соли 1928 оғоз ёфта буд.

Ҳамон сол деҳқонони тоҷик аз ҳар гектар 168 килоӣ пахтаи маҳиннах ғундоштанд. Ҳоло устодони ҳосил водии Вахшро ба манбаи асосии ин навъи аълосифати пахта табдил додаанд. Ин водии заррин ҳар сол нисфи пахтаи республикаро медиҳад.

Бештар аз сеяки пахтаи маҳиннахи Иттифоқи Советӣ дар республикаи мо ҷамъ оварда мешавад. Аз як кило пахтаи маҳиннах нисбат ба ҳамин миқдор пахтаи урфӣ се баробар бештар матоъ мебароранд.

Тоҷикистон аз ҷиҳати ҳосилнокии ҳар як гектар дар мамлакат ҷои якум ва дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалро мегирад. Бештар аз даҳ фоизи маҳсули умумии пахтаи Иттифоқи Советӣ ва якуним фоизи газвори пахтагини мамлакат дар Тоҷикистон истеҳсол мешавад. Республикаи мо аз ҷиҳати истеҳсоли газвори пахтагин ба ҳар сари аҳолӣ низ дар ҷаҳон ҷои аввалро мегирад. Пахтаи мо на танҳо барои саноати сабук, балки ба саноати вазнин ҳам нафъи калон меорад. Пахта чун металл, чун ғалла ба иқтисодиёт, маданият ва некуаҳволии халқ таъсири бузург мерасонад.

Имрӯз аз ҳар пахтакори тоҷик пурсед, ки аз як тонна пахта чӣ чизҳо истеҳсол мешавад, бадоҳатан ҷавоби қаноатбахш медиҳад: як тонна пахта се ҳазор метр газвор, сад кило равғани холис, дусаду панҷоҳ кило кунҷора ва хеле тибит аст. Аз пахта трикотаж, ресмон, шоҳии сунъӣ, пахтаи рӯзгор, коғаз тайёр мекунанд. Аз пахта барои истеҳсоли чарми сунъӣ — фибра, шишаи сунъӣ, целофан, пластинкаҳои грамофонӣ, навори кино, фотоплёнкаҳо, ҳар гуна лок, тугма, шона собун, глицерин, стеарин ва боз даҳҳо хел маҳсулоти дигар мегиранд. Ғӯзапояи он сӯзишвории хуб аст. Деҳқонҳо нони танӯриро маҳз бо оташи ғӯзапоя мепазанд.

Хулласи калом, ба нафъи беҳамтои пахта, ба аҳамияти ин зироат, ки тамоми ҳаёти пахтакорон ба он вобаста аст, баҳои кофӣ додан осон нест. Агар беҳтарин суруду тарона ва оҳангу навоҳои ба диловарони саҳро бахшидаи шоирону композиторони тоҷикро аз ғирболи тафаккур гузаронед, бешубҳа, чунин маъно мебарояд: сарвати ин диёри мо, неъмати рӯзгори мо, шодиву ифтихори мо, ҷумла барори кори мо ба пахта вобаста аст.

Дар сӯҳбате котиби комитети комсомолии вилояти Кӯлоб Мусаввара Абдуллоева дар бораи механизаторо-

ни вилоят нақл карда гуфт, ки онҳо дар ҷавонӣ устоди касби худ шудаанд, корнамоияшон достонзеб аст.

— Агар шоир мешудед, кадомашонро қаҳрамони достони худ интихоб мекардед? — шӯхиомез пурсид мухбире.

Мусаввара бо табассум ҷавоб дод:

— Албатта, сардори бригадаи комсомолону ҷавонони колхози ба номи Ленин, райони Восеъ, депутати Совети Олии СССР Ҳурбӣ Аҳмадоваро. Ҳар гоҳ номашро шунавам, чунин манзара пеши назарам меояд: замини пурлой, ҷавонзани мӯза дар пой, пешдомани вазнин, нигоҳҳои оташин. Ягон бор надидаам, ки ӯ аз душвории кор шиква кунад. Ба қавли шоир: сано бодо ба занҳое, ки марданд!

Ҳаёти ҳамдиёрони мо чунон ба пахта алоқаманд аст, ки инро махсусан дар рӯзҳои ҷамъоварии ҳосил бештар ҳис мекунем. Дар чунин рӯзҳо пиру барно ба ахбороти радиову телевизион гӯш дода, мутолиаи газетаро аз рафти пахтасупорӣ дар республика сар мекунанд. Мӯсафедон ҳангоми вохӯрӣ аввал аз пахта пурсон мешаванд. Дар ин мавсими сол ташвиши раисҳо ва котибони райком хеле зиёд мешавад. Онҳо одатан ҳар рӯз то як поси шаб дар колхозу совхозҳо ва пунктҳои қабули пахта бо деҳқонону коргарон вохӯрда, аз омаду ноомади кор баҳсу талош мекунанд, бо маслиҳату ризоияти ҳамдигар нақшаҳои фардоро мекашанд. Баъди пурра ба пункт супурдани ҳосили ҷамъоварда, баъди маълум шудани пешқадамону ақибмондаҳо ба хона меоянд. Аз дар даромадан ҳамон завҷаашон мепурсад: «Пахтаи имрӯза чанд шуд?» Баъд фарзандони хурдсол ва набераҳояшон, ки ҳанӯз чӣ будани пахтаву пахтакориро намедонанд, «план иҷро шуд, дадо?» гӯён худро ба оғӯшашон меандозанд. Ва боз дигар фарзандон, ки яке коргару дигаре муаллима, яке студенту дигаре талабаанд, бо телефон, бо номаю телеграмма аз пахта, аз кору бори меҳнаткашони район мепурсанд... Ба ҳамин минвол, бо як олам ташвишу тараддуд, хайрхоҳию некбинии дӯстони дуру наздик, ба азму иродаи пӯлодини пахтакорони забардаст хирмани пурбаракати «тиллои сафед» ба вуҷуд меояд. Охир, пахта нони умум аст.

Тирамоҳи заррини соли 1980, тантанаи Иди ҳосилот, овози бошукӯҳи карнаю сурнай, таблу даф, суруду тарона, савту навою ракс, ки саросари республикаро фаро

гирифта буданд, ҳанӯз дар пеши назари мост. Тамоми аҳолии Тоҷикистон аз ҳосили рекордӣ, аз зафари дурахшони пахтакорон, ки дар таърих бори аввал миллион тонна пахта рӯёнда буданд, шодкомӣ доштанд. Дар домани кӯҳҳои кишвари мо кӯҳҳои азими «тиллои сафед» қад афрохтанд, ки дар офариниши онҳо ҳамаи вилоятҳо ва районҳои республика, колхозу совхозҳо, бригадаҳо, даҳҳо ҳазор пешсафони хоҷагии қишлоқ, меҳнаткашони шаҳрҳо, студентон ва мактаббачаҳо саҳми арзанда гузоштанд.

Пахтаи мо дар айни саросар шукуфтанаш ҳамранги қуллаҳои нуқратоби Помир мешавад. Пахта аз он сабаб сафеду абрешимин аст, ки деҳқон барои парвардани он қувваю ғайрати худро дареғ намедорад. То ба даст овардани ин пахтаи сафед дасти деҳқон аз боду офтоб сиёҳ ва қадоқин мешавад. Пахта аз он сабаб сафеду абрешимин аст, ки дастони шахшӯлу офтобхӯрдаи пахтакор ниҳолони нозуки онро дар ҳама гуна шароити обу ҳаво парастор ва муҳофиз аст. Фақат мардони гарму сарддида қодиранд, ки аз пунбадонаи сиёҳ пахтаи сафед офаранд. Ин аст эъҷози деҳқони асил.

Пахта ранги хешро бигирифтааст
Аз арақҳои ҷабини пахтакор,
Аз арақҳое, ки чун дурдонаҳо
Менамояд тобноку беғубор.

Ба пахта, ба ин зироати нозуки заҳматпазир талабот сол аз сол зиёд мешавад. Пахтаи тоҷикро бисьёр корхонаҳои машҳури бофандагӣ талабгоранд. Дар бозори ҷаҳонӣ ба ивази як кило пахтаи аълосифат панҷоҳ кило гандуми аълосифат харидан мумкин аст. Тоҷикистон ба Булғористон, Чехословакия, Югославия, Япония ва дигар мамлакатҳо даҳҳо ҳазор тонна пахта мефиристад.

Дар Тоҷикистони мо масоҳати майдони пахта чандин калон нест. Ҳамагӣ 600 ҳазор гектар замини обӣ дорем, ки аз он ҷумла дар 305—307 ҳазор гектари он пахта кишт мекунанд. Дар оянда барои боз ҳам васеъ карданн киштзор Тоҷикистон замини хеле кам дорад. Бо вуҷуди ин, азбаски дар диёри мо деҳқонони ботаҷриба бисьёранд, аз замин нағз истифода бурда, ҳосили фаровон мерӯёнанд. Дар саҳроҳои зархези мо мусобиқаи

пахтакорон аз ибтидои мавсим вусъат меёбад ва шарафи аввалин шуда аз иҷрои план рапорт додан ба онҳое муяссар мегардад, ки тамоми сол аҳлона кор карда, аз захираю воситаҳо ва техника пурмаҳсул фоида бурдаанд.

Оё дар шароити камзаминӣ метавонем маҳсулоти пахтаро зиёд бикунем? Пахтакорони забардаст борҳо исбот кардаанд, ки ба офаридани чӣ мӯъҷизаҳо қодиранд. Комьёбии фотеҳони заминҳои навкорами Ёвон касро беҳад шод мегардонад. Ҳанӯз якчанд сол пеш даҳҳо ҳазор гектар замини Ёвон сокинони ин водиро ҳатто аз сабзавот ҳам таъмин карда наметавонист, то миёни тобистон алафҳои дашт тамоман сӯхта мерафт. Акнун аз қудрати илму техника ва араќи ҷабини буньёдкорон симои ин мавзеъ ба таври ҳайратангез дигаргун шудааст. Ёвон дар соли 1981 ба давлат 54 ҳазор тонна пахтаи аълосифат супурд. Ин ноҳия дар пахтакорӣ ҷавон бошад ҳам, таҷрибаи ибратбахше андӯхтааст, дар чорводорӣ анъанаҳои қадимӣ дорад. Анъанаҳои чорводорӣ бо таҷрибаи пахтакорӣ як шуда, мардуми меҳнатдӯсти Ёвонро дар тамоми республика машҳур кардаанд. Аксари хоҷагиҳои район дигар имконияти масоҳати заминн корамро зиёд кардан надоранд. Аз ин рӯ, кӯшиш мекунанд, ки аз заминҳои мавҷуда ҳосили фаровон гиранд.

Хуллас, Тоҷикистон ҳатто дар шароити зиёд нашудани майдони кишт ҳам, дар сурати беҳтар ба нақша гирифтану ҷой додани навъҳои пахта, ташкили иттиҳодияи тухмипарварӣ, афзун гардондани ҳосилнокӣ аз ҳар гектар замин ва баланд бардоштани сифати пахта, ҷорӣ кардани киштгардон имкон дорад, ки соле то як миллион тонна «тиллои сафед» рӯёнад.

Пахтакорони диёри зархези мо бо ҳамин муроду мақсад ҳамасола талошу ғайрат доранд, барои комьёбиҳои нави меҳнатӣ мубориза мебаранду ғолиб меоянд. Онҳо ҷасоратро ба меъёри зиндагӣ табдил додаанд.

## ГУЛИ ГУЛҲО

Умрҳо ин даштҳои ташналаб
Рӯи об асло намедиданд сер.
Гарчи гул меруст дар паҳнояшон,
Лекин аз гармо намепоид дер.

Даштҳо дар аввали фасли баҳор
Гарчи аз борон гулафшон мешуданд,
Лек чун гармои тобистон расад,
Аз дами тафбод урьён мешуданд.

Қудрати ақлу закои одамӣ
Дар биёбон ҳам замини нав кушод.
Даштҳоро гул кунонд аз оби Сир,
Пуштаҳоро аз тароват зеб дод.

Аз канори боғҳои нав кунун
Мевазад ҳар лаҳза боди анбарин.
Бар машом аз хони деҳқон мерасад
Бӯи неъматҳои алвони замин.

Чор фасли сол ояд бӯи гул,
Гул фаровон гашт дар Ашти Калон.
Ранга-ранга гул ба мактаб мебаранд
Аз фараҳ болида деҳқонбачагон.

Пахта чун гул кард, деҳқонзода гуфт:
— Ваҳ, чӣ зебой, гули гулҳои мо!
Бӯи серию пурӣ ояд зи ту,
Ёфт аз ту ҳусни нав саҳрои мо.

Аз ҳамин гул ғанчҳи нав ояд падид,
Қудрати мо боз ҳам афзун шавад.
Аз ҳамин гул зиндагонӣ гул кунад,
Рӯи деҳқон хурраму гулгун шавад.

# ДОСТОНИ АШТИ ҚАЛОН

Чилмаҳрам. Ин мавзеи лаби дарьё аз қадимулайём ҳамин тавр номи сеҳрангез дошт. Дар ин маҳал маҷрои Сири куҳан тангтару камоншакл буда, ба теппаи ба кӯҳони шутур монанд такьякунон ҷараён мегирад. Ҳавза ва станцияи якуми насосии Ашти Қалон дар шафати ҳамин теппакӯҳ воқест. Ин нахустиншооти гидротехникӣ калиди азхудкунии заминҳои Ашти Қалон гардид. Тавассути он дар панҷсолаи даҳум совхозҳои нави ба номи Мирзо Турсунзода ва «Съезди XXV КПСС» ташкил ёфтаанд.

Вақте ки аз деҳаи Булоқ гузашта, бо роҳи асфальтпӯш рӯ ба самти ҷануб меравед, дар теппакӯҳи соҳили дарьё ин сатрҳо ба чашм мерасанд: «Дар ин ҷо станцияи насосии Ашти Қалон сохта мешавад». Ин калимаҳо дар оғози сохтмони ҳавза, баҳори соли 1974 дар санг сабт ёфта буданд.

Дар ҳамвории паҳлӯи теппакӯҳ, дар соҳили рости Сирдарьё якчанд хонавагон. Маскани буньёдгарони ҳавзаи станцияи насосӣ ҳамин ҷост. Дар вагоне «Ошхона» навиштаанд. Вагонҳои дигар ҷои хобу дамгирӣ ва сарпаноҳи бинокоронанд.

Ман ба Чилмаҳрам, ба ин арсаи корнамоӣ шомгоҳ омадам. Аз паси талу теппаҳо шафақи лолагуни шом ба дарьё аксандозӣ мекард. Оби Сир рангин метофт. Навакак экскаваторҳо, МАЗ-ҳои ҳафттоннагӣ ғулғулафкан буданд. Ногоҳ моторҳо хомӯш шуданд. Мошину экскаваторҳо аз ҳаракат монданд. Одамон аз ҳавза баромада, сӯи бошишгоҳ шитофтанд.

— Ба қоида риоя кардан лозим. Сӯҳбатро сонитар давом медиҳем,— гуфт прораб Ҳоҷибобо Наҷмиддинов.— Пас аз чанд дақиқа таркиш мешавад.

Мушакҳои рангин ба фазо парида, талу теппаҳо ва дарьёро мунаввар сохтанд. Гулдурроси ҳавлангез баланд шуд. Замин ларзид. Фағонаи хоку сангреза чун сутуни азиме ба ҳаво бархост. Сипас пардаи чанги ғафс ҳавзаро пӯшонд, пеши дарьёро низ фаро гирифт. Ҳам оби дарьё, ҳам буттаҳои сабзи соҳил аз назар нопадид шуданд. Танҳо пас аз даҳ-дувоздаҳ дақиқа гарду чанг фурӯ нишаст.

— Бе таркиш намешавад? — пурсидам аз Ҳоҷибобо.

— Намешавад,— гуфт вай.— Гап дар сари ин, ки сохти геологии ин мавзеъ мураккаб аст. Регҳои сангшуда қабат-қабат хобидаанд. Ҳо, ба ин кӯҳтеппа нигаред. Аз дур сатҳашро гилхока гумон мекунед, аммо як пора канда гирифтан амри маҳол. Он регсанг аст.

Дар ин ҷо аз ибтидои сохтмон ин ҷониб мутахассисони «Тоҷиквзрывпром» кор мекардаанд. Таркиши якум дар ҳавза моҳи феврали соли 1975 ба вуқӯъ омада, бори нахуст ҳазорҳо мукааб метр ҷинси кӯҳиро ба фазо бардошт. Таркишгарон ба бинокорон заминаи кор ба вуҷуд оварданд ва онро торафт васеътар намуданд. Пас, ҳар сол борҳо таркиш ба амал омад.

Ҳавза ва ҷои сохтмони станцияи насосиро управленияи корҳои механиконидашудаи иттиҳодияи «Ленинободирсовхозстрой» тайёр мекард. Экскаваторҳои электрикӣ, бульдозерҳо, мошинҳои МАЗ аз автоколоннаи управления ва иттиҳодияи номбурда корҳои намоёнеро ба ҷо оварданд. Ҳазорон мукааб метр ҷинсҳои кӯҳӣ канда бароварданд. Экскаваторчиён Иван Павлович Акулов, Шариф Ҷумъаев ба ҷои 504 мукааб метри норма то 650 мукааб метр сангу хок канда, ба мошинҳо бор мекарданд. Ҷинсҳои кӯҳиро ронандагони мошинҳои ҳашттонагии МАЗ-503 ба масофаи як километр кашонда, аз ҳавза берун мепартофтанд. Мо қабл аз таркиш бо яке аз онҳо — Абдуҷаббор Шарифов шинос шудем.

— Чанд рейс кардӣ? — натиҷаи кори онрӯзаашро фаҳмиданӣ шуд прораб Абдуваҳҳоб Наврӯзов.

— То таркиш 55-то.

— Ин 440 тонна мешавад,— гуфт Наврӯзов,— аз норма чил тонна зиёд.

Паҳлӯ ба паҳлӯи Абдуҷаббор ронандагон Муқим Раҳматуллоев, Маннон Иброҳимов, Илья Мнимов пурсамар меҳнат мекунанд. Ба шарофати дасту бозуи онҳо ва экскаваторчиён ҳавза торафт васею чуқур мешуд.

Ба мо гуфтанд, ки соли 1974 ҳангоми мех задан ба ҷои ҳавза ва станцияи насосӣ худи муаллифи лоиҳа Валентина Смирнова ширкат дошт. Лоиҳаи иншооти гидротехникии Ашти Калон бо роҳбарии ӯ дар институти «Союзгипроводхозпроект»-и Москва тартиб ёфта, ҳамаи чораҳои эҳтиётии муҳофизати табиат ва муҳити ин ҷоро ба назар гирифтааст. Канали ҳаштодметраи ҳавзаро аз дарьё тӯрҳои қавӣ ҷудо мекунанд. Онҳо садди моҳӣ ва дигар ҷонварони обӣ мешаванд. Ҳама чиз дирӯз дар лоиҳа буд, имрӯз дар амал.

Станцияи насосиро фишанги тавонои дигаргунсозиҳои Ашти Калон метавон гуфт. Аз дили он ба баландӣ, то болои суфакӯҳи соҳили рости дарьёи Сир ба масофаи 1481 метр ду хатти қубурҳои пӯлодини қутрашон 2 метру 15 сантиметра кашидаанд. Ин қубурҳо ба баландӣ ҳар сония то 58 мукааб метр об мекашанд. Аз ин ҷо об ба канал ҷорӣ шуда, ба даштҳои бесамари атрофи водии Ашт меравад.

Ҳоло дар сохтмони иншооти соҳили Сир марҳалаи нав оғоз ёфтааст. Бисьёр навигариҳо аз равнақи бинокорӣ мужда мерасонанд. Дар атрофи ҳавза сутунҳои прожекторҳо устуворанд. Зери партави онҳо кор шабонгаҳ низ давом мекунад. Ба ин мавзеъ омадани экскаватори электрикие, ки онро Александр Рязанцев идора мекунад, корро хеле тезонд. Вай вазифаи се-чор экскаватори оддиро ба ҷо меорад.

Дувоздаҳуми маи соли 1979 силсилаи станцияҳои насосӣ ба хизмати панҷсолаи даҳум сар кард. Мардум фаро расидани ин рӯзи фирӯзро дер боз интизор буданд. Орзуюю омоли чандинасраи деҳқонон ҷомаи амал пӯшид, оби ҳаётбахши Сир ба сӯи заминҳои навкорам шитофт. Станцияҳои пуриқтидор ба заминҳои нав сонияе ҳафт ҳазор метри мукааб об мекашанд. Ҳазорон гектар дашти синабирьён, ки асрҳо ин ҷониб сояи дарахтеро намедид, ба пахтазорон ва боғу бӯстон табдил хоҳад ёфт.

Совхозҳои «Съезди XXV партия», ба номи Тӯйчӣ Эргитов ва колхози ба номи Калинин кайҳо боз мунтазири чунин оби ҳаётбахш буданд. Ин хоҷагиҳо бори аввал дар заминҳои нав кишт карданд. Бинокорони Иттиҳодияи иншооти обьёрӣ ва совхози «Тоҷикистон» корҳояшонро қариб як сол қабл аз муддате, ки дар нақша пешбинӣ шудааст, ба анҷом расонданд. Фотеҳони за-

минҳои навкорам соли 1979 бори аввал ба хирмани вилоят пахта рехтанд.

Шаҳомати силсилаи станцияҳои обкаш бинандаро ба ҳайрат меорад. Оби дарьёи Сир наздик дусад метр боло баромада, бо қубурҳо ба тарафи канали асосие, ки даҳ километр тӯл кашидааст, ба сӯи пахтазор ҷорист. Ин ҳама комьёбиҳо, пеш аз ҳама, самараи ҳамкории дастҷамъонаи коргароне мебошад, ки аз ҳар кунҷу канори мамлакат ба ёрии дӯстони тоҷики худ шитофтаанд. Республикаҳои Ӯзбекистон ва Қирғизистон бинокорон ва монтажчиёни худро фиристодаанд, ки дар гузоштан ва насб кардани таҷҳизоти техникии заводҳои Ленинград ва Харьков ёрӣ расонанд.

Дар сохтмон «Эстафетаи коргарӣ» ташкил кардаанд, ки вазифаи он аз ҳамдастии корхонаҳои ҳамкор иборат аст. Эстафетаи мазкур имкони ҳалли ҳамаи масъалаҳоро фароҳам овардааст. Ба иловаи миқдори заруриии ашьёи оҳану бетонӣ, ки план пешбинӣ мекард, барои сохтмон плитаҳои деворбоб лозим шуд. Вале сохтани ин гуна ашьёро заводи оҳанубетонии Чирчиқ дар назар надошт. Бо вуҷуди ин, завод илтимоси бинокорони Аштро ба ҷо оварда, ба иловаи пешбинии план ба қадри даркорӣ плита сохта фиристод. Бо ҳамин гуна хоҳиш бинокорон ба заводҳои Ленинград ва Харьков ҳам муроҷиат намуданд. Сохтмон торафт вусъат ва суръат мееёфт ва лозим меомад, ки затворҳои давра-шакл ва олоти равғанфишор ҳарчи зудтар расонда шаванд. Дар натиҷаи вусъати робитаҳо мушкили бинокорон сари вақт осон гардид.

Дар асари сохтмони иншооти Ашт бар таҷрибаи бинокорон маҳорати наву тозаи ташкилотчиён зам шуд. Кӯтоҳ кардани муддати кор одамонро ба ҷустуҷӯи роҳҳои эҷодкорӣ андохт. Штаби сохтмон ва гурӯҳи оперативӣ супоришот ва графикҳои ҳафтаина ва рӯзона тартиб дода, иҷрои корҳои навбатиро соат ба соат таҳти назорат гирифт.

Бинокорону монтажчиён ба қувваи ҷавонон такья карда, корҳои мушкилро ба ҷо оварданд. Асосгузории сохтмони станцияи якум, ки онро метавон сарнабзи Ашти Калон номид, ба зиммаи онҳо буд. Қабл аз гузоштани таҳкурсӣ лозим омад, ки танҳо аз як ҳавзаи он қариб 117 ҳазор мукааб метр хок канда бароранд Азбаски ҷинси қаъри ҳавзаи станция нарм ва лой буд, ба-

рои сахту маҳкам кардани қариб ду ҳазор мукааб метр регу шағал рехтанд. Таҳкурсии ин иншооти азим маҳсули дасти аъзоёни бригадаи бетонрезии Самеъ Ҳотамов аз колоннаи сайёри механиконидаи рақами ҳаштум аст. Баъди онҳо эстафетаро аъзоёни бригадаи Николай Скрепков қабул карданд. Бригадаи мазкур даъват кард, ки ҳар рӯз дар байни бинокорон рӯзи зарбдор эълон шавад ва корхонаҳои ҳамкор бо ҳам мусобиқа намоянд. Бо ин роҳ ҳамаи ҳалқаҳои кори сохтмон ба як риштаи ҷавобгарӣ барои кори муштарак пайваста шуд. Бригадир В. Тимкин масъалаи дар объектҳои асосӣ ҷорӣ намудани методи пудратии бригадаро дар миён гузошт.

Меҳнаткашони вилояти Ленинобод ҳанӯз дар ибтидои солҳои шастум дар кушодан ва обьёрии заминҳои нави Дилварзин ва Мирзочӯли тоҷик ҳиссаи калон гузоштаанд. Аз худ кардани заминҳои Ашти Қалон давоми ин корнамоии бузург аст. Дар навбат заминҳои ноҳияҳои Сомғору Мирзоработ истодаанд. Баъди пурра ба кор андохтани онҳо Ашт ба яке аз калонтарин ноҳияҳои пахтакорӣ ва боғдорӣ табдил меёбад.

Мо баъди чанд соли ба кор даромадани якумин станцияи насосии обкаш дар сари заминҳои совхози «Съезди XXV КПСС» оброн Абдураҳмон Мелиевро саргарми кор дарьёфтем. Ин деҳқони аштӣ, ки як умр тақдирашро ба обу замин пайваста, аз паси ҳамин касб соҳиби ордени Ленин шудааст, беҳад хурсанду сарбаланд буд.

— Мефахрам, ки дар нахустин хоҷагии навбуньёди Ашти Қалон кор мекунам,— гуфт ӯ. — Деҳқонону механизаторони совхози мо аз соли 1975 ин ҷониб пахта мекоранд. Пеш заминро асосан бо оби чоҳҳо обьёрӣ мекардем. Акнун аз нисф зиёди оби станцияи насосӣ ба заминҳои навкорами совхози мо меояд. Аз каналҳои нав ба ҳазор гектар киштзори зироати чорво ва ба дусад гектар пахтазор оби Сир равон аст.

...Ба кор андохтани заминҳои Ашти Қалон соли 1973 огоз ёфта буд. Дар чор навбат бояд 61,5 ҳазор гектар замини нав кушоянд. Навбати якум 13 ҳазор гектар, навбати дуюм 19,4 ҳазор гектар, навбати сеюм 16,5 ҳазор гектар ва навбати чорум 12,6 ҳазор гектар.

То ба қарибӣ бисьёр сокинони таҳҷоӣ аз хаёлашон ҳам намегузаронданд, ки ба ин қадар дашту чӯли бе-

гиёҳ об меояду гул ва дарахт меруяд. Дасти пурқудрати халқ ва эъҷози илму фан ҳар сол чанд ҳазор гектар замини навро ба истифода медиҳанд. Ҳазорҳо метри тӯлонӣ наҳру ҷӯйбори байнихоҷагӣ, қубурҳо вановаҳои оҳанубетонӣ ва асбоцементӣ мегузоранд. Ба ҳамин тариқ, корам гардондани даштҳои Ашти Калон боз солҳо давом мекунад. Тақрибан дар солҳои навадум аз байни Шайдону Ошоба ва Дӯлона канали дувоздаҳуми магистралӣ мегузарад. То он вақт садҳо чоҳи артезионӣ мекобанд. Дашту дарьёро абадӣ бо ҳам мепайванданд.

Шояд пурсед, ки ин станцияҳои насосӣ чӣ иқтидоре доранд? Ин иншооти мураккаби замонавӣ ба баландии шонздаҳ метр қад мекашанд. Шаш метрашон аз блокҳои зеризаминӣ иборатанд. Дар ҳавзаи ҳар яке 600 мукааб метри об ҷамъ мешавад. Дар як вақт сохтмони ҳавза ва блокҳои зеризаминӣ вусъат ёфтааст. Ташаббусҳои ватандӯстона, анъанаҳои дар оғози сохтмони Ашти Қалон тавлидьёфта, чун эстафетаи корнамоиҳо аз як коллектив ба дигаре мегузарад. Анъанаҳои меҳнатие, ки дар бригадаи монтажчиёни инженер-технолог Николай Скрепков ҳанӯз дар ибтидои сохтмон тавлид гардид, дар байни дигар коллективҳо ҳам ба зудӣ паҳн гашт. Таҷрибаи монтажчиён дар вусъати сохтмони станцияҳои сеюму чаҳорум кор дод. Байрақи эстафетаро дастпарварони Скрепков гирифтанд. Ҳар як аъзои бригадаи комплексӣ соҳиби чанд ихтисосанд. Онҳо аз рӯи усули бинокорӣ номи Николай Злобин кор мекунанд.

Солҳо мегузаранду дар оғӯши даштҳои куҳан насими ҳаёти нав вазида, аз боғу роғи тозабуньёд накҳати гулро ба машом меорад. Ба шарофати об колхозу совхозҳои нав, пахтазору ғаллазор ва чарогоҳҳои сабзу хуррам арзи вуҷуд хоҳанд кард. Об, ки омад, замини нав самар медиҳад, замин, ки ба кор даромад, ба манзилу маъвои нав нури маърифат ҳам меояд. Кушодани замини нав танҳо аз шудгор кардан иборат нест. Дар ин ҷойҳо манзилу мактаб, китобхона, беморхона, боғчаю яслии кӯдакон, клубу кинотеатрҳо, роҳу кӯпрукҳои нав, биноҳои чорводорӣ, фабрикаю заводҳо, хулласи калом тамоми чизҳои барои ҳаёти мӯътадили аҳолӣ заруратдоштаро бино мекунанд.

Корнамоие, ки фотеҳони заминҳои навкорамро баояндаи дурахшон наздик мекунад, корнамоие, ки сарчашмаи худро аз дӯстию бародарии халқҳо мегирад,

давом дорад. Қаҳрамонони панҷсолаи нав сохтмони станцияҳои насосии обкаш ва фатҳи заминҳои нокорамро бо ҷӯшу хурӯш идома медиҳанд. Оби анҳор ба даштҳои Ашти қадим ҷорист. Боз наҳрҳои дигар ҳам месозанд ва сипас ин ҳама анҳори нав корҳои бузурги обшор гардондани заминҳоро ба анҷом хоҳанд расонд. Ҳуҷум то ба охирин доманаҳои кӯҳсорон меравад. Дар он ҷое, ки пахта намерӯяд, боғу майдонҳо ба вуҷуд меоянд. Дашту даманҳо бо мадади станцияҳои насосӣ, нақбу дарғот ва каналҳо шодоб мегарданд. Дасти мӯъҷизакори инсон, бозувони тавонои падарону бародарони мо дар дашту биёбонҳо достони мардонагӣ офарида, Тоҷикистони азизи моро боз ҳам гул-гул мешукуфонанд.

# ФИДОӢ

Тоҷикписар Абдулов дар остонаи Ленинград бо гранатаҳо худро ба таги танки фашистӣ партофт...

То кунун ӯро намедонад касе,
Мекунанд авлоди ӯро ҷустуҷӯ.
Наврасон пурсанд аз пирон басе:
«Аз куҷои Тоҷикистон буд ӯ?»

Ленинободӣ бигуфт: — Аз рӯди Сир
Рафт то Нева — лаби дарьёи рус.
Баҳри ҳифзи шаҳри Ленини кабир
Ҷон бидод ӯ бо бародарҳои рус.

Дар раҳи водии Вахши бостон
Гуфт марде: — Асли ӯ аз Панҷ буд.
Гуфт шахсе дигар аз Боми Ҷаҳон:
— Аз Бадахшон, аз канори Ванҷ буд.

Гуфт пире: — Ӯ ба ман ҳамсоя буд,
Волидайнаш даргузаштанд аз ҷаҳон,
Детдом ӯро ба меҳри беҳудуд
Тарбият карду бидодаш тоза ҷон.

Гуфт дар сӯҳбат яке омӯзгор:
— Ман ба ӯ омӯхтам дарси адаб.
Дар дили ӯ зидди хасми нобакор
Ҷо бидодам оташи кину ғазаб.

Гуфт бо дарду алам як пиразан:
— Ӯ ҷавоне буд бономусу нанг,
Чун фидоӣ рафт бар ҳифзи Ватан,
Бурда худ кардам гусел ӯро ба ҷанг.

Як ҷавонмард аз Ҳисори Шодмон
Кард изҳор: — У худ аз хешони мост.
Ман ба ӯ ҳамном ҳастам, дӯстон,
То кунун ёдаш маро дар дил баҷост!

Ними шаб омад садои обшор:
— Буд ҷавоне навхату хушқадду баст.
Назди ман рӯи гилеми сабзазор
Борҳо бо дилбари худ менишаст.

Чун зи тарфи гулшане кардам гузар,
Буттаи гул гуфт маҳзуну ғамин:
— Борҳо додам ба ӯ садбарги тар,
То ниҳад дар зулфи ёри нозанин.

Гуфт санги қулла боре бовиқор:
— Сарфарозиро ба ӯ омӯхтам.
Шуд вазон форам насими кӯҳсор:
— Дилнавозиро ба ӯ омӯхтам.

Роҳ ногаҳ бар забон омад чунин:
— Ӯ ба тифлӣ дар канорам гашта буд.
Қӯлборе дошт бори охирин,
Субҳ аз огӯши ман бигзашта буд.

Мешунидам бомдоди навбаҳор
Аз забони раъду барқи оташин:
— Рӯзи рафтан ӯ ба сӯи корзор
Буд сӯзону хурӯшон, мо барин.

Шуд аёнам: аз куҷо будасту кист
Он азизи халқ, сарбози замон?
Мактаби ӯ комсомоли ленинист,
Устодаш — коммунисти қаҳрамон.

Ӯ зи ҳар ҷое, ки бошад, бегумон,
Нури чашми модари тоҷик буд.
Чун муҳаббат, чун ҳақиқат, ҷовидон
Бар дили мову шумо наздик буд.

# ҚУДРАТИ НУР

Холаи афсонагӯй кайҳо аз телевизор «акнун вақти хоб шуд, хоби ширин бинед, хурдтаракон!» гуфта бошад ҳам, аммо хоби Равшанҷон намебурд.

— Бибиҷон, боз як афсона гӯед! — хоҳиш мекард ӯ аз модаркалонаш.

— Кадом афсоная гӯям ҳамааша дубораю себора шунидӣ-ку?

— Ҳо, вай афсонаи чароғи бобом овардагӣ-чӣ?

— Вай афсона не, бачем, вай ҳақиқат.

— Хайр, ҳамон ҳақиқата гӯед— якравӣ мекард набера.

Холаи Нурбибӣ маҷбур шуд, ки таърихи чӣ хел чароғон шудани деҳаро бори дигар нақл кунад:

— Бобоят марди меҳрубоне буд. Ҳар шаб хоҳару додаронаша хабар гирифта меомад. Шабе бо оҳу нола аз дар даромада, гуфт, ки «дар торикӣ пешпо хӯрда афтидам, поям лат хӯрд». Ҳамон шаб хеле вақт нахобида, дар сари ҷогаҳ ба фикр фурӯ рафт. «Чиба хоб намекунед?» гуфта пурсам, дар ҷавоб «мехоҳам ягон чироғи сеҳрнок созам, ки аз нураш тамоми деҳа равшан шавад» гуфт.

Рӯзи дигар писараки ҳамсоя хушхабар овард, ки шаҳр чароғзор шудааст, ба қарибӣ ба ҳамаи хонаҳои деҳаи мо ҳам сими аловин омада, чироғ дармегирифтааст. Бобоят ба ин бовар накарда, ба шаҳр рафт. Аз он ҷо хурсанд баргашту аз бағалаш як шишачаи носкадумонанд бароварда ба ман нишон дод ва «ана чироғи сеҳрнок ёфта овардам» гуфт. Нигоҳ кунам, пилтаи дармегирифтагиаш нест.

— А? Ин чӣ хел чироғи сеҳрнок, ки дарнамегирад? — пурсидам соддалавҳона.

— Ҳозир мебинӣ,— гуфт бобоят, ресмонеро ба шифти хона овехта. Сонӣ шишачаи овардагиаша ба нӯги вай баст. «Қанӣ, даргир, равшанӣ деҳ!» гуфта ба он илтиҷо кард. Аммо аз шиша ягон равшанӣ набаромад. Бобоят шармида ғурунг-ғурунг кард:

— Мани мӯсафеда фирефтанд, хубаша худашон гирифта, бадаша ба ман додаанд...

Аз ин воқеа писари ҳамсоя хабардор шуда, хуб хандид. Баъд фаҳмонд, ки барои чароғон кардани деҳа аввал симчӯбҳо шинонда, сонӣ аз электростанция сим кашидан лозим. Рӯзи дигар одамони деҳа симчӯбшинонӣ карданд. Баъд як марди рус омада, симчӯбҳоя ба вай пайвасту «канӣ, бобо, чироғи сеҳрноката даргирон!» гуфт. Баробари даргирифтани чироғ нури баланд чашмаша бурд. Ман тарсида, чашмама маҳкам пӯшида, ба замин шиштам. Сонӣ аз пушти панҷаҳоям оҳиста нигоҳ кунам, ҳама ҷо рӯз барин равшан. Бобоят ҳам аз ҳаяҷон шах шуда меистод. Марди рус қоҳ-қоҳ механдид. Ман ҳам ба аҳволи худам хандидам. Бобоят хандаи мана шунида, аввал як чашмаша, сонӣ чашми дигараша кушода, ба чор тарафи хона ҳайрон-ҳайрон нигарист. Ҳама чиз ба назар зебо менамуд.

— Ин қадар нураш баланд, номи ин чироғи сеҳрнок чӣ? — пурсидам аз марди рус.

— Ин чироғи сеҳрнок не, чироғи Ильич,— гуфт ӯ дар ҷавоб. Бо нишондоди Владимир Ильич Ленин дар мамлакати мо электростанцияҳои бисьёре месозанд ва ҳама ҷо саросар ғарқи нур мешавад.

Ҳамааш ҳамин, бачем, акнун чироға хомӯш кунам, ту ҳам хоб рав.

— Не, бибиҷон— гуфт Равшан. — Чароға накушед, ман вая тамошо карда хоб меравам. Шумо боз ягон афсона гӯед, сонӣ хобам мебарад.

Холаи Нурбибӣ баъди андаке таваққуф нақл кард:

— Як воқеаи дигар ба хотирам расид. Вақте ки ман ту барин хурдсол будам, рӯзе падарам ба Норак рафтанӣ шуд. Аз рӯи ваъдаи додааш мана ҳам ҳамроҳ гирифт. Аз роҳу пайраҳаҳои борику морпеч, аз домани куллаҳои осмонрас мегузаштем. Дар сари ағба абрҳо паст меистоданд, ба дарачае, ки даст дароз кунӣ, ба чанг меорӣ. Аз зарби пои асп санге ба поён ғелад, ак-

си садояш ба кӯҳҳо бархӯрда, фиғону ғиреви дарьёи Вахш муддате пахш мешуд. Торикӣ фаро мерасид. Ба дилам ҳарос омад. Гӯё роҳи дарози каҷҷу килеб поён надошт. Мо пеш мерафтему кӯҳ аз пои кӯҳ мебаромад. Ман ба падарам ҷафстар шуда, бо чашми нимроғ роҳ мерафтам, ки ягон чиза набинам.

— Ҳой, чашмата кушо! — баногоҳ овози падарам баланд шуд. — Ана, ҳӯ ҳамон чироғака мебинӣ?

— Ҳа, дидам. Аз дур милтос мезанад.

— Ба ҳамон чироғак наздик шавем, ба манзил мерасем. Норак ҳамон ҷо! — гуфт падарам.

Ҳамин тариқ, бачем, пеш мусофирҳо бо милтоси чироғаки Норак ба манзил мерасиданд. Акнун чироғҳои Норак на танҳо ба роҳи мусофирон, ба рӯи тамоми мамлакат ҳам медурахшад...

Ин ҷо дар хулосаи ҳикояи холаи Нурбибӣ рамзе ҳаст. Нораки имрӯза дар шуури мардум ба тимсоли Ақл, Ирода, ва Дӯстии халқҳо, ба рамзи тавоноии тамоми мамлакати социалистиамон табдил ёфтааст. Ҳоло ин деҳаи назарногири дирӯзаро тамоми ҷаҳон мешиносад. Дар ин ҷо ГЭС-и муқтадире қомат афрохт, ки нӯҳ агрегаташ соле ёздаҳ-дувоздаҳ миллиард киловатт-соат қувваи арзони электр тавлид мекунад.

То ғалабаи Инқилоби Октябрь хонаи тоҷик мисли бахташ сиёҳ буд. Тоҷики нодор ҳатто шамъу пилтачароғро базӯр меёфт. Тамоми умр рӯшноиро орзу мекард ва бо ҳамин ниййат афсонаи чароғи сеҳрнокро бофта буд. Ӯ хушбахт аст, ки ба орзуи деринаи худ расид. Чароғи афсонавии сеҳрноки ӯ нури электрик аст, ки маҳз ба шарофати Ҳокимияти Советӣ омад ва ҷои чароғҳои сиёҳи дуньёи кӯҳнаро гирифт.

Барои пешрафти хоҷагии халқи республика барпо намудани заминаи бузурги энергетикӣ зарур буд. Сохтмони нахустин станцияҳои электрикӣ оғоз ёфт. Соли 1936 меҳнаткашон бо зӯри бозувон, бо белу зоғнӯл станцияи обии электрикии Варзобро сохтанд, ки барои ҳамон замон калонтарин буд. Вале ин ГЭС эҳтиёҷоти Душанбеи навбуньёдро ба душворӣ рафъ мекард. Онҳое, ки дар сохтмони ин манбаи нур ширкат доштанд, то кунун номи сардори сохтмони ВарзобГЭС Иван Трофимович Соснин, электромонтёри аввалин Виктор Иванович Трофимов, механик Юлис Андреевич Кузьма, инженер-электрик Татьяна Андреевна Никитина ва бисьёр

дигар вакилони халқи бузурги русро бо камоли эҳтиром ба забон меоранд. ГЭС-и Варзоб мактаби энергетикҳои ояндаи тоҷик гардид. Дар ин мактаб Татьяна Андреевна Никитина даҳҳо нафар ҷавонони маҳаллиро касбу ҳунар омӯхт. Аввалин электромонтёр В. И. Трофимов баъдтар директори сети электрикии Душанбе—Вахш гардид.

Нури Ильич кӯҳистони Бадахшонро, ки мардумаш асрҳо дар асорат мезист, низ мунаввар сохт. Маълум аст, ки Помир чун манбаи фаровони об шӯҳрати ҷаҳонӣ дорад. Пирьяхҳои ин ҷо аз якуним ҳазор мукааб километр ҳам бештар захираи об доранд. Сароби калонтарин дарьёҳои Осиёи Миёна — Зарафшон, Вахш, Ванҷ ва ғайра ҳамин пирьяхҳоянд. Охири солҳои бистум дар Помир аввалин ГЭС буньёд гардид, ки ба он номи В. И. Ленинро доданд. Соли 1974 дар Намангут ҳафтумин ва дар мамлакат баландтарин ГЭС ба кор даромад. Ин боргоҳи нур дар шаршараҳои дарьёи Панҷ якумин ва аз ҳама баландтарин аст. Дар ин ҷо ба туфайли ГЭС оби канал ба заминҳои домани кӯҳистон ҷорист.

Дар водии Вахш аз соли 1957 то соли 1965 ГЭС-ҳои Шаршара, Сарбанд ва Марказӣ ба кор даромаданд. Солҳои панҷоҳум истгоҳи барқи обии Қайроққум «Дӯстии халқҳо» низ дар республика — калонтарин буд. Имрӯз ГЭС-ҳои дар мамлакат баландтарини Оқсуи Мурғобу ба номи Ленини Хоруғ, ТЭЦ-и Ёвону ГЭС-и «Дӯстии халқҳо» чун шохобҳои дарьёи мӯҳташами ГОЭЛРО дар хизмати халқанд.

Қувваи электр дар завод оҳану пӯлод мегудозад, дар шахта ба синаи зуғоласангҳои азамат рахна меандозад, дар баҳру бар пармаҳои пӯлодии кашшофони нефту газро ба қаър-қаъри замин мефиристад, дар колхозу совхозҳо оби насосҳоро ба баландӣ кашида, кӯҳдоманҳоро ҷони тоза мебахшад, дар шаҳру деҳот чархи ҳазорон навъи мошинро мегардонад. Дар он ҷойҳое, ки асрҳои аср санглоху шиварзор буданду ба ҷуз хору бурган дигар гиёҳе намерӯид, дар он водиҳое, ки одамон аз дасткӯтоҳӣ «об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем» — гӯён афсӯс мехӯрданд, имрӯз аз файзи қувваи электр баҳрҳои сунъӣ мавҷ мезананд, накбҳо оби ҳаётбахшро аз замири кӯҳҳои хоро гузаронда, ба пахтазору боғу майдонҳо мефиристанд.

Хатҳои электр аз дарғоти ГЭС-ҳо гузашта, ба ҳар

хонадон гармию равшанӣ мебаранд. НоракГЭС бо иқтидори пуррааш 2,7 миллион киловатт кор карда, ҳар шабонарӯз 35—40 миллион киловатт соат қувваи электр медиҳад. Ин истгоҳи барқи обӣ дили саноати Тоҷикистон аст.

Тирамоҳи соли 1976 сохтмони ГЭС-и Роғун, ки иқтидораш 3,6 миллион киловатт мешавад, расман эълон гардид ва бинокорӣ дар ин азамати энергетикӣ вусъат ёфт. Охири соли 1979 буньёдгузории ГЭС-и Бойғозӣ (иқтидораш 600 ҳазор киловатт) низ сар шуд.

Ҳоло як худи оби Вахш агрегатҳои чаҳор истгоҳи бузурги электрикиро мегардонад. Дар дигар дарьёҳои мо ҳам истгоҳҳои электрикӣ сохта шудаанд. Сохтмони иншооти бузурги электрикии Даштиҷум дар дарьёи Панҷ низ ба нақша гирифта шудааст.

Ба худ тасаввур кунед, ки қувваи арзони электр дар тараққиёти комплексҳои саноатӣ ва корҳои доманадори обьёрӣ чӣ қимате дорад. Охир, бе қувваи электр сурат гирифтани иншооти обьёрии Ёвон, ки дар он нодиртарин корҳои инженерӣ истифода шудааст, амри муҳол мебуд; бе қувваи электр шояд обьёрии водиҳои Данғараву Бешкент ва Мирзочӯли тоҷику Ашти Калонро ба нақша намегирифтем; бе қувваи электр аз эҳтимол дур буд, ки ба сохтмони комбинати кимьёи Ёвон миён бандем; бе қувваи электр металлургҳои шаҳри Турсунзода аз баҳори соли 1975, ки он вақт металли нахустин ба даст оварда буданд, иқтидори заводи худро торафт афзуда, ҳоло дар саноати алюминии мамлакат яке аз ҷойҳои аввалро намегирифтанд ва ниҳоят, бе қувваи электр комбинатҳои маъдани Анзобу қолинбофии Қайроққум ба комьёбиҳои имрӯзаашон муваффақ шуда наметавонистанд.

Тоҷикистони мо аз ҷиҳати захираҳои энергетикӣ дар мамлакат баъди РСФСР ҷои дуюмро ишғол мекунад. Аз ин рӯ, мутахассисон дар дарьёҳои пуршӯру тезоби кӯҳистони мо сохтмони ГЭС-ҳоеро, ки харҷи худро зуд мебароранд, мувофиқи мақсад медонанд. Дар оянда танҳо дар рӯдхонаҳои Вахшу Панҷ чордаҳ ГЭС сохта мешавад, ки иқтидори умумиашон ба бистушаш миллион киловатт-соат мерасад. То охири панҷсолаи ёздаҳум станцияи электрикии обии Бойғозӣ ба кор медароянд.

ГЭС-и Роғун аз станцияи электрикии Норак азимтар хоҳад шуд. Шаш агрегати он, ки иқтидори ҳар кадоме

то ба шашсад ҳазор киловаттӣ мерасад, соле чордаҳ-понздаҳ миллиард киловатт-соат қувваи электр ҳосил мекунад. Оби ҳавзаи ин боргоҳи барқ имкон медиҳад, ки садҳо фарсах замини талу теппаи Тоҷикистон, ҳазорон гектар дашту доманҳои ташналаби Ӯзбекистон ва Туркманистон ҳосилхез шаванд.

Ба туфайли силсилаи станцияҳои электрикӣ дар Вахшу Панҷ ба равнаqу ривоҷи иқтисодиёти республикаҳои Осиёи Миёна тағйироти ҷиддӣ меояд; корхонаҳои боз ҳам бузург ба кор медароянд, истифодаи сарватҳои зеризаминӣ меафзояд, дашту даманҳо ба боғу бӯстон табдил меёбанд.

Одамони айёми мо бунёд кардани ГЭС-ҳои муқтадиру пуршаҳоматро чун кори муқаррарӣ қабул мекунанд. Ба ин васила инсон низ ҳамроҳи кораш тағйиру ташаккул меёбад.

Дар республикае, ки пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ иқтидори энергетикиаш ҳамагӣ дар ҳудуди 500 киловатт буд, ҳоло ин рақам аз се миллион киловатт ҳам гузаштааст. Дар давоми се даҳсолаи охир истеҳсоли қувваи электр қариб сад баробар афзуд.

Тоҷикистон аз чароғи сиёҳ то нури Ильич чунон роҳи дурахшонеро паймуд, ки ба садсолаҳо баробар аст.

## МУСАФЕДОН

Ҳастанд сӯҳбаторо, нури чароғи маҳфил,
Покизамағзу фозил, инсофҷӯву одил.

Дар иштиёқи сӯҳбат ҳамроҳашон нишинам,
Гулҳои зиндагонӣ аз ҳарфашон бичинам.

Панди ҳаёт бошад гуфтори мӯсафедон,
Дарси ҳаёт бахшад рафтори мӯсафедон.

Ин устоди санъат, он нуктадон адиб аст,
Ин пухтакор меъмор, он пурҳунар табиб аст.

Ин пири донишандӯз, он пахтакори моҳир,
Фазлу камоли худро бисьёр карда зоҳир.

Маҳбуби халқ гашта, чун қаҳрамони меҳнат,
Доранд рӯи сина рахшон нишони меҳнат.

Гарчи ба чашм айнак, бар каф асо бигиранд,
Аммо ҳама ҷавондил, мардони шергиранд.

Овардаанд онон имрӯз армуғоне;
Бар ворисон ҳарорат аз оташи ҷавонӣ.

Маҳбуб Тоҷикистон, бинам баҳори ҳуснат,
Дар ҳар қадам падидор авҷу барори ҳуснат.

Зодаст модари ту мардони некфарҷом,
Равшандиланду ориф, хуштинату накӯном.

Шуд аввалин биноят мактаб ба бесаводон,
Ҳар ӯқда шуд кушода аз дасти устодон.

То равшании дониш бар ҳар дарат равон шуд,
Қадди чу сарви онҳо аз кор чун камон шуд.

Шаъну шаҳомататро онҳо падид карданд,
Баҳри ту мӯи сарро онҳо сафед карданд.

Пасту баланддида сарбози инқилобанд,
Ҳар мушкиле, ки ояд, тадбиру чора ёбанд.

Аз ҳиммату шуҷоат, азми матини онҳо
Гӯяд ба мо ҳикоят чини ҷабини онҳо.

То ту ҷавон бимонӣ дар даҳр ҷовидонӣ,
Сарфи раҳи ту карданд умри хуши ҷавонӣ.

Эй сарзамини тоҷик, эй давлати амонӣ,
Бар фарқи мӯсафедон шодам, ки гулфишонӣ.

## ЕРОНИ ҶОНӢ

Дар яке аз рӯзҳои баҳор чаҳор тан марду зан рахти сафар бастанд. Онҳо ба водии зарбахши Вахш мерафтанд, ки шоирон онро «дарвозаи офтоб» номидаанд. Ҳар гоҳ, ки ба ин ҷо оянд, гӯё бо ҷавонии худ рӯ ба рӯ мешаванд. Барояшон ин ҷо водии ҷавонию муҳаббат ва бахту саодат аст. Онҳо чандин баҳор дамидани аввалин сабзаву шукуфтани нахустин гулҳоро дар ҳамин водӣ дидаву ҳаловат бурдаанд. Медонанд, ки баҳори кишвари тоҷикон аз ҳамин водӣ сар шуда, меваҷоти шакартаъм ҳам аввал дар ҳамин ҷо пухта мерасад. Чун тирамоҳи пурнеъмат фаро расад, нахусткорвони «тиллои сафед» низ аз ҳамин ҷо равон мешавад...

Инак, онҳо боз дар рӯзи истироҳат ба ин водии зарнисор азми сафар карданд. Биёед, бо онҳо ошно шавем: ветеранҳои ҷанг ва меҳнат, доктори илми филология, ходими Институти шарқшиносии шаҳри Москва Даниэль Семёнович Комиссаров, собиқ вазири алоқаи РСС Тоҷикистон, нафақахӯри дараҷаи умумииттифоқӣ Виктор Антонович Сайко, завҷаи ӯ Зинаида Петровна Давиденко, духтарашон Эдди Викторовна, ки муаррих аст.

Ду тарафи роҳи Душанбе—Қӯрғонтеппа манзараи дилфиребе дошт. Дар бағали кӯҳу кӯталҳои дуродур, бар рӯи қолини майсаҳои зумуррадгун анбӯҳ-анбӯҳ лолахасакҳо аз вазиши насими хушнафас маҳин-маҳин алвонҷ мехӯрданд. Аз паси насими сабуксайр сим-сим борони баҳорӣ меборад, дар ин ҳангом домони осмонро тирукамон мунаққаш месохт. Ҳусну таровати табиат завқбахши ҷону дил буд.

Роҳи кӯҳдоман чун кӯҳони шутур ноҳамвор аст. Ҳамсафарон аз тирезаи мошин манзараҳои табиатро тамошокунон, гузаштаи водию сокинони онро пеши назар меоварданд ва дар муқоисаи дирӯзу имрӯз равнақу пешрафт ва дигаргуниҳои куллӣ медиданд. Дар он ҷойҳое, ки солҳои бистуму сиюм пайраҳаҳои корвонгузар ва пиёдагард воқеъ буданду мардум дар як ҳафта аробасавор аз Душанбе ба Қӯрғонтеппа мерасиданд, ҳоло роҳҳои асфальтпӯш ва оҳан сохтаанд, самолётҳо парвоз мекунанд, дар оғӯши шаҳрҳои боҳашамат корхонаҳои бузург қомат афрохтаанд. Дар он ҷое, ки мардум гӯё дирӯзакак ба ҷуз белу каланд, зоғнӯлу мисрон, испору омоч ва досу теша дигар олоте надоштанд, имрӯз мошинҳои азамат мушкилоти деҳқонро осон мегардонанд. Дар он ҷое, ки дар кулбаҳои тиpаву тор сиёҳчароғ месӯхт, имрӯз зиндагии коргарону колхозчиёнро бе чароғи электрик, бе ҷевони китобу либос, магнитофону телевизор, плитаҳои газ, яхдону мошини ҷомашӯӣ ва дигар асбобу анҷоми маданӣ тасаввур наметавон кард.

— Духтарам, Эдди! — гуфт Комиссаров. — Оё медонӣ, ин водӣ солҳои сиюм чӣ манзарае дошт? Ту он вақт хурдакак будӣ...

— Қаму беш медонам,— ҷавоб дод Эдди ва аз маъхази таърихию ҷуғрофии чопи пеш аз Инқилоби Октябрь иқтибос овард: «Водии Вахш пуштаи кӯҳиест дар поёноби Вахш то ҷои ба ҳам васл шудани оби он бо рӯди Панҷ, заминаш ҳосилхез аст; иқлимаш мӯътадил; танҳо дар баъзе ҷойҳояш одамон маскан гирифтаанд, барои пурра обьёрӣ кардани заминҳои он имкон нест».

— Бале, духтарам, дуруст навиштаанд. Дар гузашта ин замини зархез макони мору каҷдум ва шеру палангон буд. Дар ин ҷо зиёдтар аз сад ҳазор гектар замин асрҳо бесамар мехобид. Фақат аз чаҳор як ҳиссаи онро истифода мебурданд. Ширкатҳои хориҷӣ ва саноатдорони подшоҳӣ мехостанд аз ҳисоби ганҷинаҳои ин водӣ хазинаҳои худро бой гардонанд. Вале мураккабии корҳо ва беҳад душвории обьёрӣ садди роҳашон буд.

— Ману амакат шоҳиди ҳамаи он табаддулот ҳастем,— сухани Комиссаровро қувват дод Виктор Антонович. — Ёд дорам, ки соли 1930 буд. Лоиҳаи сохтмони иншооти обьёрии Вахшро месохтанд, ба соҳилҳои Вахш аввалин тадқиқотчиён омаданд. Ҳама ҷо ботлоқу қа-

мишзор буд. Ҳаво то шаст дараҷа гарм мешуд. Водӣ дами гулхану танӯри тафсонро мемонд. Мо барои аз гармо андаке раҳоӣ ёфтан бо либосамон оббозӣ мекардем. Вале либос зуд хушк мешуд. Дар қиёми офтоби саратон ҳатто бо либоси тар ҳам кор кардан душвор буд. Дохили бараку чодарҳое, ки бинокорон мезистанд, ба бугхонаи ҳаммом монандӣ дошт.

— Ба заммн ин, шабона аз дасти хомӯшакҳо ба дод меомадем,— ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд Зинаида Петровна. — Илоҷи ягонаи халосӣ каҳдуд буд. Рӯз офтоби тамузу шаб каҳдуд мехӯрдем. Дар ана ҳамин гуна шароит мо туро калон мекардем, Эдди... Хусусан, тобистони соли 1931, ки нав ба аъзогии партия қабул шуда будам, ҳеҷ гоҳ аз хотирам намеравад. Замин аз беобию тафси ҳаво торс-торс кафида буд. Падарат дуруст мегӯянд: кас ба тафси ҳаво тоқат карда наметавонист. Мехчӯби аввалин хаймаҳоро зада, замонеро орзу мекардем, ки дар ин ҷо шаҳру деҳаҳо ва боғу роғҳо буньёд шаванд.

Дар ин суханон заррае муболиға набуд. Ибтидои кор дар ободонии Вахш муаммоҳои худро дошту гӯё иродаи инсонро санҷидан мехост. Одамон ваҷаб-ваҷаб замин кушода, чӯлу шиварзорҳои водиро ба замини зархез табдил медоданд. Аз рӯи лоиҳа мебоист ба масофаи бист ҳазор километр ҷӯю канал мекофтанд. Бисту ҳафт миллион мукааб метр заминро кандан ва майдони қариб 70 ҳазор мукааб метрро бо оҳану бетон пӯшондан лозим буд. Экскаватору трактор ва мошинҳои боркаш кам буданд. Аз ин рӯ, бештар аз сад ҳазор одам дар сохтмони Вахшстрой мусаллаҳ бо белу каланд араҷи ҷабин мерехтанд. Ин гуна корнамоии бузургро таърих надида буд.

Сохтмон авҷ гирифт. Ба Вахш аз шаҳрҳои бузурги саноатӣ мошин, асбобу анҷом, чӯбу тахта ва дигар масолеҳи бинокорӣ меомаданд. Ба соҳили Панҷи Поён экскаваторҳо омаданд. Мутахассисон мегуфтанд, ки ин мошинҳоро то сохтмон танҳо бо роҳи оҳан бурдан мумкин. Аммо роҳи оҳан набуд ва сохтмони он вақти зиёдеро мегирифт.

— Чӣ бояд кард? — ба экскаваторчиҳо рӯ овард сардори сохтмон.

— Илоҷашро меёбем! — ҷавоб дод ҷавоне ва мотори экскаваторро ба кор доварду пеш ронд.

Ин ҷавони далер узви партия аз соли 1927 Виктор

Сайко буд, ки ҷон дар хатар экскаваторро бо рафиқонаш аз байни кӯҳу камар ронда, ба манзил расонд. Вай аз райони Опостовский, вилояти Днепропетровскии Украина ба хизмати Армияи Сурх даъват шуд. Бо роҳхати партия ба Қӯрғонтеппа омад, то заминҳои нав кушояд. Ӯ дар ҳамин ҷо бахти худро ёфт. Баҳори соли 1930 ҳангоми дар округи комсомолии вилоят кор кардан ситорааш ба ситораи Зинаида Петровна Давиденко мувофиқ омад. Зинаида Петровна сарвари ташкилоти пионерони вилоят буд.

Рӯҳи одамонро кори умум, рафъи душвориҳо қавитар мегардонанд. Вакилони халқҳои гуногун бо амри дил ба имдоди дӯстони тоҷики худ шитофтанд. Намояндагони миллатҳои гуногун даст ба дасти ҳамдигар дода, оби дарьёи пурталотумро ба водӣ бурда, бар дӯшаш пулҳо сохтанд. Сездаҳуми сентябри соли 1933 деворе, ки каналро аз дарьёи Вахш ҷудо мекард, устувор гардид. Дар ин рӯз ба он ҷое, ки гармояш тоқатфарсо буду дар фазояш парранда маҷоли парвоз надошт, об омад, оби калон, оби равонбахши Вахш. Деҳқони кӯҳистонӣ Усмон Муродов дар митинги бахшида ба ин воқеаи таърихӣ гуфт: «Обу замин барои деҳқон аз тилло ҳам авлотар аст. Фақат дар афсонаҳо Фарҳод барин баҳодурон маҷрои дарьёро ба сӯи биёбонҳо гардонда метавонистанд. Он корҳое, ки имрӯз иҷро мешаванд, аз афсонаҳо ҳам ҳайратангезтаранд».

Бист ҳазор гектар замини ташналаб бори аввал шодоб шуд. Дар натиҷа водии Вахш яке аз манбаъҳои асосии пахтаи маҳиннах гардид. Ҳоло аз чор як ҳиссаи пахтаи маҳиннахи мамлакатро ҳамин водӣ медиҳад.

Дарьёи Вахш ба водӣ на танҳо ҳосили аъло, балки нур ҳам бахшид. Истгоҳҳои барқии Сарбанд, Марказӣ ва Шаршара Вахшро ғарқи нур карданд. Қад-қади дарьё роҳ паймуда, шаҳру деҳоти навро мебинед. Соли 1967 ҷавоншаҳри саноати химияи республика — Калининобод қомат афрохт. Қӯрғонтеппа ба яке аз шаҳрҳои саноатӣ табдил ёфт. Олимони шӯъбаи Институти зироати Тоҷикистон муҳимтарин масъалаҳои кишоварзиро тадқиқ ва ҳал мекунанд. Навъҳои нави пахтаи ихтироъкардаи онҳо дар баланд бардоштани ҳосил ва сифати зироат ёрӣ мерасонад. Олимон тарзу усули тамоми сол истифода бурдани замини обьёришавандаи водиро кор карда баромадаанд.

Сайко ва Комиссаров соли ташкил ёфтани Тоҷикистон дар ноҳияи Арал (ҳозира райони Куйбышев) бо ҳам шинос шуданд. Даставвал Комиссаров мудири шуъбаи маорифи вилояти Қурғонтеппа буд, Сайко котиби округи комсомолии вилоят. Ҳар дуро партия ба Арал фиристод, ки дар ташкили райони нав ва обод кардани даштҳо ширкат варзанд. Шодоб кардани водӣ, кушодани роҳу кандани каналҳои нав, равнақ додани пахтакорию боғдорӣ ба зиммаи онҳо барин коммунистони ҷавон афтода буд...

Ҳоло ин фотеҳони Вахш боз ба он ҷойҳое, ки ҷавониашон гузаштааст, сафар карда, баҳори умри худро ёд меоварданд. Чун аз ҳудуди Обикиик мебаромаданд, Комиссаров ба ронанда гуфт, ки мошинро фурсате нигоҳ дорад. Онҳо аз мошин баромаданд. Лола чиданд. Об нӯшиданд. Дам гирифтанд.

— Ана, дар ҳамин ҷо Усмонро аз дасти босмачиён халос карда будем,— гуфт Комиссаров.

— Ҳа, дар ёд дорам,— тасдиқ кард Сайко. — Ҳоло ба хонааш равем, ҳамон воқеаро боз аз забони худаш шунавем.

— Аз он айём аллакай панҷоҳ сол гузашт, вале ба назарам гӯё дирӯзакак буд,— гӯён Комиссаров шоҳбайти Бедили бузургро ба хотир овард:

Ғофил машав зи умр, ки чун киштии дар об
Истода менамояду чун тир меравад.

Панҷоҳ сол, албатта, ба гуфтан осон. Аммо хотироти ветеранҳо бисьёр воқеаҳоро ба хубӣ ҳифз кардаанд. Ёддошти онҳо аз ҳаводиси замон бой аст. Ёд меоваранд, ки чӣ хел он солҳо аспсавор деҳ ба деҳу маҳал ба маҳал мегаштанд. Мубориза бо босмачиён, ташкили колхозҳо, каналкобӣ, маҳви бесаводӣ, ба комсомол ҷалб намудани ҷавонон аз вазифаҳои рӯз буданд. Давлати ҷавони советӣ барои беҳбудии ҳаёти халқ ҳамаи корҳоро мекард. Вале зиндагӣ ҳанӯз ба як мароми мувофиқ надаромада буд. Халқ ҳукумат ва намояндагони онро ҳурмат мекард, аммо унсурҳои зараррасон низ кам набуданд. Комитетҳои партиявӣ лаҳзае оромӣ надоштанд.

...Вакте ки аз пули ҷӯи калони Қумсангир мегузаштанд, Виктор Антонович ба шофёр ишора кард, ки мо-

шинро ба ҷониби посёлкаи Қалинин ронад. Он ҷо дар колхози ба номи Максим Горький, райони Қолхозобод хонаи дӯсти ҷониашон Усмон-бобо воқест. Мошин дар назди дари Усмон-бобо қарор гирифт. Меҳмонҳо дари ҳавлиро кушода, бе пӯшт-пӯшт дарун даромаданд.

— Қанӣ, пойандоз андозед, меҳмон омад! — бо завқ хандида мегуфт Виктор Антонович.

Усмон-бобо Муродов лафзи ширини дӯсти деринашро шинохта, ба пешвозаш шитофт ва гуфт:

— Рафиқ райком! Офтоб аз куҷо баромад, ки ба хонаи мо омадед? Хуш омадед, нури дида, тоҷи сар!

Усмон Муродов ва завҷааш Сокина Виктор Антоновичро «рафиқ райком» мегуфтанд. Солҳои сиюм мардум ба котиби комитети партиявӣ «райком» гуфта муроҷиат мекарданд, дар шахсияти коркунони он намояндагони партияи Ленинро медиданд. Райком гуфта халқ дӯсти наздики худ — коммунист — ҳомиву наҷотбахш ва пуштибону дастгири ягонаи муздуронро мефаҳмид.

Соҳибхона Сокина Муродова меҳмононро дида, бе он ки саломуалейк кунад, зуд аз сандуқаш пойандоз баровард. Усмон-бобо бо Сайко ва Қомиссаров, холаи Сокина бо Зинаида Петровна ва Эдди Викторовна гаштаю баргашта вохӯрии бағалкаш ва бӯсобӯсӣ карданд. Ёрони куҳан, ки пазмони якдигар буданд, аз ин дидорбинӣ беҳад шод гардиданд. Фарзандон ва набераҳои холаи Сокина ҳамроҳи меҳмонон нишаста, шоҳиди вохӯрии аҷоибе шуданд.

— Инҳо куҷоиянд, оча? — оҳиста пурсид Ризвон, писари хурдии холаи Сокина.

— Якташон аз Москва, дигарашон аз Украина. Чӣ буд, бачем?

— Чӣ хел тоҷикия ёд гирифтаанд?

— Э, дар ҷонат садқа! Агар лафзамона ёд нагиранд, дар байни мардум чӣ хел кор мебурданд? То забони халқа надонӣ, дар дилаш роҳ намеёбӣ. Медонӣ, мана ин кас, рафиқ Қомиссаров — шарқшиноси машҳур, забони тоҷикия азману ту нағзтар медонанд.

Қадбону дастархон орост. Самовори мисине, ки солҳои сиюм дар хонаи Усмон-бобо меҷӯшид, боз ба кор даромад.

— Ин ҳамон самовори таърихӣ-а? — пурсид Виктор Антонович.

— Ҳа, ҳамон самовори қадрдонамон, дигар нашудаст.

— Самовори хотиравӣ. Инро барои корҳои хубатон аз колхоз мукофот гирифта будед. Он вақт дар қишлоқи Қатағаншоҳ, райони Арал раиси колхози «Якуми Май» будед-а?

— Ҳа, рафиқ райком! Шумо тарҷимаи ҳоламро аз худам беҳтар медонед,— гуфт бо чеҳраи пуртабассум Усмон-бобо ва ба саргаҳи боғ гузашту ҳамсояро чеғ зад ва чизе гуфта баргашт.

Дӯстон дар гирди дастархони пурнозу неъмат дафтари хотираашонро варақ мезаданд. Ризвон аз гармхона якчанд лиму канда баровард. Аз куҷое мусалласу шарбат ҳам пайдо шуд. Дар айни сӯҳбат Усмон-бобо боз ба саргаҳи боғ гузашт. Виктор Антонович аз пояш рафта ба пушти девор нигарист. Ҳамсоя аллакай гӯсфанд кушта, гӯшт майда мекард.

— Ташвиши зиёда чӣ лозим? — ба Усмон-бобо нигарист Виктор Антонович.

— Ҳеҷ ташвиш не, рафиқ райком. Дигар вақт шутур кушам ҳам, шумоя ёфта наметонам.

Холаи Сокина бо келинаш чанд хел хӯрок пухт.

Рӯзи дигар меҳмонон ҳамроҳи Усмон-бобо ва холаи Сокина ба райони Куйбышев омаданд.

Сайко ва Комиссаров ба хотир оварданд, ки баҳори соли 1930 дар Қизилқалъа як гурӯҳ фиристодагони партия — «бисту панҷҳазориҳо»-ро чӣ хел бо тантана пешвоз гирифта буданд. Он фиристодаҳо аҳли байт, хешу ақрабо ва зодгоҳи азизи худро монда, ба ёрии республикаи ҷавон омада буданд. Ҳамаашон одамони кордону ҷасоратманд ва сарбозони қавидил буданд, баробари ба манзил расидан ба душвортарин ҷои кор мешитофтанд. Баъди омадани онҳо кори райком як қадар сабук шуд. Рӯзе котиби якуми комитети партиявии район Мамаев ҳангоми сӯҳбат ба Сайко гуфта буд:

— Акнун дар райони мо шаш райком ҳаст, ин қувваи бузург аз ӯҳдаи ҳама гуна кор мебарояд.

Котиби якум «шаш райком» гуфта худаш, Сайко ва чаҳор нафар коммунистони «биступанҷҳазора»-ро дар назар дошт. Ҳоло дар райони Куйбышев садҳо нафар коммунистон ва ҳазорҳо нафар комсомолон кор мекунанд. Он вақт дар ин ҷо ғайр аз шаш нафар коммунист камтар аз бист нафар комсомолон буданду бас.

Ветеранҳо ба ҷойҳое, ки дар ободониашон саҳме гузоштаанд, бо меҳру самимият менигаристанд. Лавҳаҳои ёдгорӣ ба чашм мерасиданд. Нишони эҳтироми халқ ба ҳамнабардони онҳо. Дар бисьёр ҷойҳо ба сари қабри шаҳидони роҳи озодӣ гулдастаҳо гузоштанд.

Баъди саёҳати Қуйбышев ба Қурғон омада, дар чойхонаи болои теппа нишастанд. Комиссаров аз Усмон-бобо пурсид, ки воқеаи аъзои колхоз шуданашро нақл кунад.

— Соли 1931 колхоз ташкил кардем, аввал худам аъзои он шудам,— гуфт муйсафед. — Он вақт душманон аъзои колхоз шуданата фаҳманд, аз паи куштан меафтоданд. Ба ман ҳам ҳамин хел шуд. Рӯзе босмачиҳои дастаи Иброҳимбек мана таъқиб карданд. Аз поям тир хӯрдам. Лаънатиҳо хуб лағаткӯбам карданд, аз аъзои баданам хун мешорид. Ба бахтам Сайко ва Комиссаров бо дастаи фидоиён расида омаданду мана наҷот доданд. Дар ҳолати вазнин ба беморхона бурданд. Панҷ шабонарӯз духтурон мубориза бурданд. Вақте ки ба ман хун лозим шудааст, дар назди дари беморхона ҳамроҳи хешовандон рафиқ райком ҳам ба навбат истодааст. Ҳамин тариқ, мо бародарони ҳамхун шудем. Баъди босмачиёнро аз Арал зада пеш кардан оилаи моро бо ароба ба Тӯғаланг, ба маҳалли осоишта оварданд.

Виктор Антонович аз ҳамсари Усмон-бобо пурсид, ки аз як модар шир хӯрда калон шудани фарзандонашонро гӯяд.

— Сари соли 1930 мо дар Обигарм мезистем,— гуфт холаи Сокина. — Ҳамон вақт акаи Сайкоя барои кор ба Обигарм фиристоданд. Ман инструктори райком ба кори занҳо будам. Дар ҳамон ҷо Зинаида Петровна духтарча ёфт. Ба тифлак Эдди ном доданд. Мана ҳамин духтархондам, дар пою қадамат мурам! — холаи Сокина бо меҳр ба Эдди нигарист. — Банохост шири ту хушк шуд-а, Зина?

— Ҳа,— тасдиқ кард мусоҳибаш.

— Ман ҳам кӯдаки навзод доштам. Писаракам Ватан ширхора буд. Зина хоҳиш кард, ки ба кӯдакаш шир диҳам. Ҳафт моҳ ана ҳамин Эддибону шири маро хӯрдагӣ.

Фарзандон, келину набераҳо ва ҳамсояҳо суханони холаи Сокинаро шунида, аз меҳмонҳо чашм намеканданд.

— Ҳозир худи Эдди ҳам фарзанд дорад,— гуфт Зинаида Петровна. — Вай олима, доктори илми таърих аст. Чанд вақт дар Душанбе мудири кафедраи университет буд. Ҳоло дар Институти таърих, шаҳри Москва кор мекунад. Тадқиқоти доктории таърихи этнографияи тоҷик аст.

Комиссаров аз тақдири Ватан — писари калони Сокина, ки бо Эдди ҳамшир аст, пурсон шуд.

— Ватан дар Қалъаидашт, дар манзили аҷдодиамон Обигарм,— посух дод Усмон-бобо,— муаллимӣ мекунад, бачаю качадор. Духтарамон Олам дар Ҳисор зиндагӣ дорад. Ризвон ва келинамон мададгори мо. Ҳамаашон корҳои саркардаи моро давом медиҳанд.

— Ҷонам, садқаи ту, Эдди! — мегуфт холаи Сокина. — Ҳар вақт ба Душанбе биёӣ, маро ҳам ба ёд меорӣ.

— Ман-ку меоям, аммо шумо ҳам ба Москва биёед, пойтахтро тамошо медиҳам.

— Насиб бошад, ягон вақт, албатта, меравам. Ба ҳамин баҳона набераҳоямa ҳам дида меоям.

— Апаи Сокина, як ҳикоя кун, ки чӣ хел ҷаҳолатпарастон дар ҳаққи тую шавҳарат иғво мехезонданд?

— Ҳамааш дар хотирам ҳаст, акаи райком. Вақте ки ба Эдди шир медодам, муллоҳои ҷоҳил ба ҳамсарам гапҳои ношоям мегуфтанд.

— Исто, худам нақл кунам,— чилави гапро ба дасти худ гирифт Усмон-бобо. — Боре дар кӯча як нимчамулло пеши роҳама гирифта, дӯғ зад: «Ту дигар фарзанди мусулмон нестӣ. Билло, ки кофир шудӣ, занат кӯдаки кофира мемаконад. Мурданат беҳ, ки заната ба роҳ дароварда наметавонӣ!». Ман ба вай фаҳмонданӣ шуда гуфтам: «Кӯдак гуноҳ надорад, вай ҳам фарзанди инсон». Аммо он ҷоҳил як умр ба ман теғ кашида менигарист...

— Дар ин бора фикри занҳои тоҷик чӣ хел буд?

— Аксари онҳо тарафдорӣ мекарданд,— ҷавоб дод холаи Сокина. — Охир, қатъи назар аз ирқу нажот ва дину мазҳаб, фарзанди инсон шарифу азиз аст.

Зинаида Петровна ба соҳибхона таҳсин хонд:

— Мову шумо хешу ақрабоем. Ту, хоҳарам, ба фарзанди ман модарӣ кардӣ. Шавҳари ман ҳамсари туро аз марг халос кард, барои зинда монданаш хун дод. Мо дӯстони оддӣ не, ёрони ҷонием.

Суханони холаи Сокинаю Зинаида Петровна, садоқату қаробати Усмон-бобо бо Сайко ва Қомиссаров меҳру сурури дӯстиест, ки иттиҳоди бародарона ва халалнопазири моро саросар фаро гирифтааст. Онҳо дар хонаводае мезистанд, ки аз аллаи модари тоҷик тифли украин ором меёфт, созу навои тоҷикӣ украиндухтарро ба рақс мехезонд, суруди украинӣ фарзанди тоҷикро ба ваҷд меовард. Онҳо чи ба тоҷикиву украинӣ, чи ба русиву ӯзбекӣ озодона мубодилаи афкор мекарданд.

Алҳақ, аз шарофати ҳамин дӯстист, ки диёри Вахш тимсоли мардонагӣ, ҷавлонгоҳи ҷавонӣ, водии дӯстии халкҳо гардид ва дар даштҳои паҳно каналҳо, шаҳрҳо ва станцияҳои барқӣ сохта шуданд. Ба тавассути дӯстӣ Вахши куҳан дубора ҷавонӣ ёфт. Дар ин ҷо кор ва зиндагӣ ба кас ҳаловат мебахшад.

Мо калиди бахтро аз мутаффиқӣ ёфтем,
Давлати ҷовидро аз ҳамтариқӣ ёфтем.

Рӯзи шашуми сафар ба охир мерасид. Онҳо аз водӣ бо як ҷаҳон таассурот бармегаштанд. Ба манзилашон, ки расиданд, фарзандон як даста мактубро дароз мекунанд. Як-як мехонанд: «Рафиқ райком, саломатиатон хуб аст?», «Ассалом, устоди муҳтарам Д. Қомиссаров!», «Ба Зинаида Петровнаи азиз!» ...ба чашм мерасанд сатрҳои аввал. Дар чунин лаҳзаи фараҳбахш ветеранҳо худро ҳамроҳу ҳамдами халқ ва ҳамқадами корвони солҳои дигаргуниҳои беназир мебинанд, ки сорбони озмудашудаи вай Партияи Қоммунистии мо, роҳбари дурбину дурандеши мост.

## СУРУДИ РОҲСОЗ

Ватан, насли ту фирӯзу ҷасур аст,
Деҳу шаҳрат саропо ғарқи нур аст.
Шавад фардоят аз ин ҳам накӯтар,
Намуна шаҳраҳи Байкал — Амур аст.

Фароху беканор оғӯш дорӣ,
Ба ҷӯши ҳусн ҳамранги баҳорӣ.

Ҳавои бешаҳоят рӯҳпарвар,
Дилоро арчаву тӯсу санавбар.
Насими дашту саҳроят намояд
Машоми раҳкушоёнро муаттар.

Зи оби чашмасоронат бинӯшам,
Мисоли мавҷи анҳорат биҷӯшам.

Ба неруи ҷавонӣ роҳ созам,
Ҷаҳон аз азми худ огоҳ созам.
Раҳи дуру дарозатро зи ғайрат
Барои фатҳи нав кӯтоҳ созам.

Зи ту ҳар чиз, аммо бе ту ҳеҷам,
Зи фармони ту ҳаргиз сар напеҷам!

## РОҲИ ПӮЛОДИН

Дар яке аз рӯзҳои тобистони соли 1970 ман барои дидани корнамоии бинокорони роҳи оҳани Тирмиз—Қӯрғонтеппа—Ёвон ба Шаҳртуз омадам. Дар ин ҷо, дар қарибии Айваҷ ҳаёти аҷиби қаҳрамонони замони мо ҷӯш мезад.

Аввалин касе, ки ҳамсӯҳбаташ шудам, сардори поезди монтажу бинокорӣ Константин Павлович Черков буд. Вай марди хушчақчақи зиндадилест. Қас бо ӯ забони дили якдигарро ёфта, улфат пайдо мекунад. Вай солҳои дароз дар сохтмонҳои роҳи оҳани мамлакат иштирок дошта, таҷриба ва малакаи калон андӯхта, ба ин ҷо аз Қазоқистон омадааст. Натиҷаи меҳнати ин мутахассиси корозмуда дар бисьёр ҷойҳои харитаи Ватани мо нақши худро гузоштааст.

— Эҳтимол, дар ин ҷо, дар ҷануби Тоҷикистон сохтани роҳи оҳан душвор бошад? — роҳравон пурсидам аз ӯ.

— Дуруст мегӯед. Мо дар тайга, дар зимистонҳои қаҳратуни Сибирь синаи кӯҳҳоро шикофта, ботлоқҳои каснгузарро тай карда, роҳи оҳан сохтем. Вале дар кишвари гарми Ҷануб боз як душвории табиӣ пеш омад. Ин ҷо табиат гӯё қасдан ҳамаи мушкилиҳоро ба як ҷо фароҳам овардааст: дарьёҳои пурталотум ва регзор бисьёранд, то ба 45 дараҷа расидани ҳарорати ҳаво. Дар чунин гармои тоқатфарсо кор кардани одамоне, ки ба ин хел иқлим одат накардаанд, осон не...

Сӯҳбаткунон роҳ мепаймудем. Қад-қади роҳ таҳкурсии асосӣ — хоку сангрезаҳои роҳи оҳан тӯл кашидааст. Пеш-пеш тадқиқотчиёну инженерон дар даст ха-

рита, дафтар, сепояҳо охирин лоиҳа — тарҳи роҳи оҳанро мекашиданд.

Дар пешхатти сохтмон роҳсозони бригадаи Давлат Ёдгоров кӯпрук месозанд. Дар дили чӯл, дар як пастхамии калони селгузар понздаҳ-бист кас саргарми кор. Мошинҳои азими боркаш муттасил равуо доранд. Ғурроси онҳо тамоми рӯз қатъ намешавад. Аз масофаи дусе фарсах масолеҳи сохтмон — арматура, бетон, соруҷ, рег ва об мекашонанд. Қубурҳои бетонӣ месозанд. Дуртар аз ин ҷо экскаваторҳои азамат дандонаҳои зӯри худро ба замин хаста, тоннаҳои шағалу регро канда, ба самосвалҳои пуриқтидор мерезанд. Ин бинокорони қавидил мушкилтарин кори сохтмонро ба ӯҳда гирифтаанд. Онҳо ҷойҳои ноустувор, селраҳа, ҷариҳо ва даҳанаҳоро бетон карда, таҳкурсии роҳи оҳанро мегузоранд. Таҳкурсӣ бояд аз ҳар ҷиҳат мустаҳкам ва устувор бошад. Дар баъзе ҷариву чуқуриҳо то понздаҳбист метр хоку шағал рехта, аз баъзе ҷойҳо то даҳ-дувоздаҳ метр хокро канда, девори бетонӣ сохтан лозим меояд. Дигар мушкилии кор чуқур ва васеъ хобондани бетон аст. Агар ин кор бо камоли диққат карда нашавад, баҳорон сел таги бетонро шуста, роҳро вайрон мекунад. Роҳсозон ҳамаи ин мушкилиҳоро бартараф мекунанд. Дар бригадаи Давлат Ёдгоров мисли Иброҳим Давлатов экскаваторчиёни пешдаст, ки даҳҳо ҳазор метри мукааб хоку шағал канда, супориши худро барзиёд иҷро кардаанд, кам нестанд.

Константин Павлович маро бо бинокорони ҷавони яке аз бригадаҳои зарбдор, ки ба он Феликс Пясковский сарварӣ мекунад, шиносонда гуфт:

— Ин бригада аз «оилаи бинокорон» иборат аст. Ҳар як аъзои бригада зану шавҳари ҳамкасб буда, паҳлу ба паҳлу кор мекунанд.

Офтоб ба сар омада, ҳаво метафсид. Бо Константин Павлович ба сӯи хонавагонҳо равон шудем. Дар наздикии роҳ коргарон дар хонавагонҳо таом хӯрда, истироҳат мекарданд. Ба термосҳои калон яхпораҳо андохта мондаанд. Ҳар вақт, ки хоҳанд, оби хунук хӯрда метавонанд.

Қариби пешин ҳаво тағьир ёфт. Аз самти ҷануб шамоли сахт бархост. Баъд гармсел вазид. Пардаи ғафси чангу ғубор то домани фазо печида, имкони чашм кушода ба осмон нигаристан намедод. Гармсел оҳиста-

оҳиста ба тӯфон табдил ёфта, регу хокреза ва лашу-лушҳои дашти хушку холиро ба сар мебардошт. Вай бо ғурриши бадҳайбат гӯё гуфтан мехост, ки «ҳокими ин дашту ҳомун манам. Ман синаи ин дашти бегиёҳро бо нафаси сӯзонам бирьён кардаам. Дар ин ҷойҳо танҳо ман ҳукмронӣ хоҳам кард!»

Роҳсозҳо рӯ ба сӯи хонавагонҳо оварданд. Ронандагони самосвалҳо ва экскаваторҳо ба кабинаи мошини худ даромада, тирезаҳоро пӯшиданд. Занҳо сатили об ва косаю табақҳоро, мардҳо дегу примусҳоро гирифта, ба вагонҳо даромаданд.

Феликс аз тирезаи вагон ба берун чашм дӯхт. Тӯфони чангу ғубор анбӯҳи регро ба вагон оварда мезад. Офтоб дар паси пардаи ғубор монда буд. Рӯзи равшан ҷои худро ба торикӣ медод. Рафтуокунандагонро аз масофаи наздик ҳам шинохтан душвор шуд. Ана, тӯфону мана тӯфон!

Феликс ба курсии назди чароғ нишаста, сар ба гиребони андеша фурӯ бурд. Ҳамсари ӯ примусро даргиронда, деги хӯрокро ба болояш гузошт. Баъди фурсате дег боз ба ҷӯш даромад.

Ронандаи МАЗ Виктор Пясковский дари вагонро пӯшиду акнун ба курсӣ менишаст, ки экскаваторчӣ Павел Пархалюк ва ронандаи скрепер Василий Отливанов ҳам даромада омаданд. Табъи онҳо ҳам хира буд. Баъди андак гуфтугӯ, аз чӣ бошад, ки лаҳзае хомӯшӣ ба миён омад.

— Феликс, чаро хаёл карда мондӣ? — хомӯширо вайрон кард бародари ӯ Виктор.

— Ба берун нигоҳ карда дилам сиёҳ шуд. Агар ҳамин хел тӯфон шудан гирад...

— Чӣ илоҷ? Сабр кунем, басанда мешавад.

— Дирӯз ман бо баъзе сокинони таҳҷоӣ сӯҳбат кардам. Мегӯянд, ки тӯфон дар ин ҷойҳо ниҳоят сахт шуда, дер давом мекунад, дар ҳамаи фаслҳои сол ҳавои ин ҷо хушк ва тобистонаш беҳад гарм будааст.

— Санг борад ҳам, парво надорем,— ба гап ҳамроҳ шуд Василий. — Мо дар ин ҷо одамони навем. Иқлими ин ҷоро шунидаему акнун мебинем. Ягон сол кор кунем, омӯхта шуда меравем.

— Дар сармои Сибирь роҳ сохтем, акнун «лаззат»-и гармои ҷанубро ҳам чашида мебинем,— сухани Василийро қувват дод Павел Пархалюк.

— Офарин, оптимистҳо! — табассум намуд Феликс.

Хӯрок тайёр шуд. Рая ба рӯи миз дастархон густурда, таом овард. Чаҳор роҳсози ҷавон Павел Пархалюк, Василий Отливанов, Виктор Пясковский ва бародари ӯ Феликс, ки аъзоёни як бригадаанд, паҳлуи ҳам нишаста, машғули таомхӯрӣ шуданд. Шарҳи ҳол ва сарнавишти ин бинокорони ҷавон аҷиб аст. Ҳар чор тан дар як ҷо, дар вилояти Житомир, дар деҳаи бағали беша ба дунъё омада, дар як мактаб хонда, ба камол расидаанд ва имрӯз ҳам талху ширини ҳаётро бо ҳам дида, дар як ҷо даст ба даст дода, меҳнат мекунанд. Фикру мароми онҳо, роҳи интихобкардаашон низ як аст.

Боре Феликс бо ҳамсараш Рая аз рӯзнома доир ба сохтмони роҳи оҳани Сибирь эълонномаеро хонд.

— Биё, ба ҳамин сохтмон ба кор меравем,— гуфт Феликс.

— Шӯхӣ мекунӣ ё ҷиддӣ? — пурсид Рая.

— Рост мегӯям.

— Хайр... Ман ҳам розӣ, аммо боз дурустакак фикр кардан лозим.

Аҳли оила ва хешовандон низ фикри онҳоро писандиданд.

— Шумо ҷавонед, кӯҳро занед, талқон мекунед,— гуфтанд падару модарашон. — Ба ҳар ҷое, ки дилатон майли кор дошта бошад, рафтан гиред. Ба шумо кучо шабу кучо рӯз.

Ба ҳамин тариқ, онҳо ба қарори қатъӣ омаданд, ки бинокори роҳи оҳан шаванд. Аввал Феликс ба Сибирь омад, баъд бародараш Виктор. Дере нагузашта хоҳараш Галя, ҳамсараш Рая ва рафиқони ӯ Павел Пархалюк, Василий Отливанов ҳам ба сохтмон омаданд. Аз байн чанд сол гузашт. Бародарон рӯз кор карда, шаб дар мактаби бинокорони роҳи оҳан хонданд. Меҳри ҳунари дилхоҳ онҳоро аз як сохтмон ба дигар сохтмон мебурд. Онҳо ҳазорон фарсах роҳи оҳан сохтанд. Ҳоло дар ин ҷо, дар водии Вахш низ бо ҳамкорони гуногунмиллати худ корнамоӣ доранд.

...Дар вагон сӯҳбат хеле тафсид. Табъи бинокорон, ки аввал хира буд, оҳиста-оҳиста кушода шуд. Онҳо ҳазлу шӯхӣ карда, латифа гуфта, дафтари ёддоштаашонро варақ зада, бисьёр рӯзҳои фирӯзи ҳаёташонро ба хотир оварданд. Баъд Феликс хеста аз тиреза берун нигарист.

— Находь тамоми рӯз тӯфон хомӯш нашавад?

Ниҳоят, гашти рӯз шамол аз ғурриш монд, чангу ғубор ба оҳистагӣ аз байн рафт. Тӯфон фурӯ нишаст. Вақти кор қариб ба охир расида бошад ҳам, роҳсозон аз паи кор шитофтанд. Кор аз нав авҷ гирифт. Боз ғурриши мошинҳо, чун мусиқии меҳнат, дар дашту даман ғулғулаандоз шуд. Боз мотори экскаваторҳои азамат ба ҳаракат омада, хокандозҳои бузурги худро ба кор даровfarданд. Бульдозерҳои тавоно, ки ҳар қадом қувваи сад асп доранд, пуштаҳои санглох ва ҷинсҳои сари роҳро тела дода, ба роҳкушой сар карданд. Скреперҳои филҷусса ба ҳамвор кардани хатти роҳи оҳан омода шуданд. Кранҳои борбардор, монанди паҳлавонони афсонавӣ, тонна-тонна борҳои вазнинро бардошта, мушкили роҳсозонро осон мекарданд. Корвони самосвалҳои пур аз регу шағал ба роҳ даромад. Дар кӯҳтеппаҳои хатти пеши сохтмон таркишҳо ба амал омаданд. Пастию баландиҳои бисьёре ҳамвор карда шуданд.

Бинокорон бо вуҷуди дер сар кардани кор, супориши онрӯзаро барзиёд ба ҷо оварданд.

* * *

Баъди ду сол ман боз ба сохтмон омадам. Ин дафъа охири зимистон буд. Боз ҳамон инженери роҳиоҳансоз Константин Павлович Черковро суроғ кардам. Чун шиносҳои дерина гарму ҷӯшон сӯҳбат оростем. Баъд ба теппае, ки аз паҳлуяш роҳи оҳан мегузашт, баромадем. Дар фарози ин теппа лавҳае гузоштаанд: «Роҳи оҳани Тирмиз—Қӯрғонтеппа—Ёвон дар панҷсолаи нӯҳум ба истифода дода шавад». Ин иқтибос аз қарордодҳои съезди XXIV КПСС аст. Мо аз ин баландӣ ба дуродур назар андохтем. Дар ду тараф дашти фароҳи аҳьён-аҳьён гиёҳаш аз беобӣ хушкида доман паҳн карда буд. Ҷо-ҷо пайҳои чархи мошинҳо намоён.

— Акнун дар ин даштҳо ҳаёти нав сар мезанад,— гуфт Константин Павлович аз уфуқ чашм наканда.— Роҳи оҳан, ки сохта шуд, ба ин ҷо одамон ҳам меоянд. Одамон, ки омаданд, обу ободӣ ҳам меояд.

— Ман ба дурустии суханони шумо шак надорам, Константин Павлович. Аз замини ин даштҳо, агар об ояду корам шавад, ҳосили фаровон гирифтан мумкин. Дар Ёвон, Данғара ва Обикиик солҳои охир садҳо

гектар ҳамин хел даштҳоро ба кор андохтанд, ки ҳоло ҳосили фаровон дода истодаанд. Дар оянда, вақте ки аз ҳавзаи Норак ба даштҳои Данғара об ҷорӣ мешавад, қариб сад ҳазор гектар замини нав ба киштзор табдил меёбад. Ба теппакӯҳҳои Обикиик бо насосҳо об мебароранд.

— Бале, соли аввали ба истифода додани роҳи оҳан дар ин ҷоҳо канал, водопровод, киштзори сабзу хуррам, деҳаҳои нав пайдо шуданд.

Ҳангоми гуфтугӯи мо аз дур поезди пурбор намоён шуд. Вай, дар ҳақиқат, аввалин нишонаи ҳаёти нав дар ин даштҳои собиқ буд.

— Ин поезд аз Тирмиз меояд,— гуфт Константин Павлович. — Вай платформа мекашонад. Ҳар як платформа дусад метр роҳи тайёр дорад. Ба платформаҳо ҳашт қабат рельси ба ғӯлаҳо васлшударо бор кардаанд.

Тепловоз ба ҷои муқарраршуда истод. Мошинисти кран ҳамроҳи ёрдамчиаш, ки ҷавони навхати тоҷик буд, звеноҳои вазнинро аз платформа гирифта, ба роҳ мегузошт. Дарозии ҳар кадоми ин звено биступанҷ метр буда, вазнаш шашуним тонна аст. Ин рельсҳоро бригадаҳои монтажчиён дар база васл кардаанд. Вақте ки як бригада рельс васл мекунад, бригадаи дигар дар роҳ рельс мегузорад.

— Барои гузоштани ҳар як звено ҳамагӣ якчанд дақиқа вақт сарф мекунем,— ба саволам ҷавоб медиҳад Константин Павлович. — Ана, ба ин бригада усто Николай Александрович сардор аст. Вай понздаҳ сол боз роҳ месозад. Дар бригадааш ҷавонони серғайрат ва қобилиятнок кор мекунанд. Онҳо бо як ишора фикри якдигарро мефаҳманд. Аз пасашон коргузорони роҳ меоянд, ғӯлаҳои ҷунбонро мустаҳкам карда, рельсҳоро мепайванданд. Сонӣ барои маҳкам кардани шпалҳо балласт — шағал мерезанд.

Деги кор меҷӯшад. Ба роҳ яке аз паси дигаре рельс мегузоранд. Дар рӯи рельсҳои нав тепловоз ҳаракат мекунад. Аз ақиби тепловоз роҳи дуродур намоён аст.

— Ба роҳ гузоштани рельсҳои васлшуда ҳанӯз нисфи кор аст. Барои мо, роҳиоҳансозҳо, ҳамвор кардани роҳ кори аз ҳама асосист. Аз рӯи қоида рельсҳоро то биступанҷ сантиметр бардошта, ба зерашон шағал рехта, роҳро тахту ҳамвор мекунем. Баъд мутахассисон

дурустии роҳро санҷида, ба ҳаракати поезд иҷозат медиҳанд.

Дар аснои гуфтугӯи мо бонги кран баланд шуд. Як гурӯҳ ҷавонон ҳамдигарро ба оғӯш кашида, табрик мекарданд.

— Онҳо аз сохтани садусиюмин километри роҳи оҳан шодмонӣ мекунанд,— гуфт Черков. — Саду сӣ километр! Яъне, нисфи роҳи оҳани Тирмизу Ёвон сохта шуд.

Ман дасти Константин Павловичро фишурда, гуфтам, ки дар ин ғалаба ҳиссаи ӯ калон аст. Ӯ ба сӯи ҷавонон нигариста, ду даст ба ҳам фишурду боло бардошт ва бо ин ишора шогирдонашро бо фатҳи нав муборакбод кард. Дар ин лаҳза шодии дили ӯро интиҳое набуд. Шогирдонаш нидоҳои ғайриоддӣ бароварда, ба табрики устоди худ меомаданд.

Аз 265 километр роҳи оҳани Тирмиз—Ёвон нисфаш тайёр! Дар сари роҳ аввалин истгоҳи Хотинработ пайдо гардид. Дар ҳудуди Тоҷикистон, дар километри ҳафтодупанҷуми роҳ разъезди Айваҷ низ сохта шуд.

Дар пеш, дар доманаҳои кӯҳи Оқтой боз гулдурроси таркишҳо баланд шуд. Ин таркиши фараҳбахш Оқсои асрҳо хуфтаро ба ларза андохта, аз зафари нави бинокорон мужда мерасонд. Дар сари роҳ харсангҳои бадҳайбатро тарконда, дар бероҳаҳо роҳ мекушоянд.

Мардум роҳи оҳанро «рагу пайҳои кишвар» меноманд. Ин таъбири хуби шоиронаест. Роҳиоҳанчиён дар ҳама гуна шароит одамону борҳои муҳимро мекашонанд ва ба хизмати халқу диёр ҳамеша тайёранд. Бесабаб нест, ки роҳҳои оҳан дар Ватани мо ҳазорон-ҳазор фарсах тӯл кашидаанд. Чун ба харитаи мамлакат назар меандозем, онро пур аз хатҳои роҳи оҳан мебинем, ки ҳазорҳо шаҳру деҳот ва ноҳияву музофоти дуру наздикро, чун рагу пайҳои хунгузар, ба ҳам пайвастаанд. Ба пойтахти кишвари тоҷик аввалин хати роҳи оҳан ҳанӯз дар солҳои барқарор шудани Ҳокимияти Советӣ омада буд, ки чун дигар хатҳои роҳи оҳан аз Москва сар мешавад.

Пешрафти ҳаёт ва иқтисоди республика зарурати кушодани роҳи нави оҳанро ба миён овард. Роҳи оҳани Тирмиз—Ёвон аз сохтмонҳои азими Тоҷикистон аст. Пеш аз ҳама, ин роҳ ба кашфи сарватҳои табиии ҷануби республика мадад мерасонад. Кӯҳҳои ин мавзеъ

дар мағзи синаи худ ганҷинаҳои ниҳон доранд, ки барои истеҳсоли бисьёр навъҳои маҳсулоти кимьёи Ёвон нафъи калон меоранд. Бо ин роҳ аз Москваю Ленинград, аз шаҳрҳои Украинаю Белоруссия ва соҳилҳои Балтика ба диёри тоҷикон таҷҳизоти техникӣ, дастгоҳҳои нодир, мошинҳои пуриқтидор, самосвалу экскаватор ва даҳҳо навъи дигар асбобу анҷоми техникӣ меоянд. Бо ин роҳ корвони вагонҳои пахтаи водии Вахш ба ҳар кунҷу канори Иттифоқи Советӣ меравад, меваҷоти боғу роғҳои мо ба манзили дӯстони ҷонӣ фиристода мешавад. Зодгоҳи шоири классики тоҷик Адиб Собири Тирмизӣ, шаҳри қадимаи Тирмиз бо маскани кимьёгарони тоҷик Ёвон абадӣ пайваста, сокинони водиҳои Вахшу Ёвон бевосита аз шаҳру деҳоти худ ба ҷойҳои дилхоҳашон бо поезд рафтуо мекунанд.

Ҳангоми хӯроки пешин ман ба Константин Павлович гуфтам:

— Аз ростӣ, ин користони бузург ба мактаби касбу ҳунар табдил ёфтааст.

— Албатта,— тасдиқ кард ӯ,— дар ин ҷо намояндагони синфи коргари тоҷик бо бародарони гуногунмиллати худ кор карда, таҷриба ва касби нав меомӯзанд. Ин роҳи нав роҳи пӯлодини дӯстӣ хоҳад шуд.

Ман ба мӯи сафеду чашмони кабуди ин марди роҳ, ки нисфи умраш дар сохтмонҳои азим гузаштааст, менигаристаму дар дил ба саъю ғайрати ӯ ҳамду сано мегуфтам. Душвортарин корҳои сохтмони роҳи оҳани Тирмиз—Ёвон маҳз бо шуҷоати ҳамин Константин Павлович Черков барин коммунистони матинирода анҷом ёфт. Беихтиёр байти зерини Ҳофиз, ки гӯё дар ҳаққи ӯ гуфта бошад, ба ёдам меомад:

Зи мушкилоти тариқат инон матоб, эй дил,
Ки марди роҳ наяндешад аз нишебу фароз.

* * *

Дар охири панҷсолаи нӯҳум дар даштҳои қадимаи водӣ ба ҷои гармселу тӯфон насими форами ҳаёти нав вазида, ба заминҳои пири партов рӯҳи ҷавонӣ бахшид. Роҳи оҳани Тирмиз—Қӯрғонтеппа—Ёвон мувофиқи нақшаи пешбинишуда сари вақт ба кор даромад.

На фақат сокинони Ёвон, балки мардуми тамоми

водии Вахш интизори омадани роҳи оҳан буданд. Бинокорон аз кӯҳу даштҳо гузашта, дар болои дарьёҳо кӯпрукҳои бисьёре сохта, роҳро ба Ёвон наздик меоварданд. Дар Ёвон аз рӯи лоиҳа ду вокзали роҳи оҳан сохта шуд, ки яке барои мусофирон, дигаре барон борбандию борфарорӣ хизмат мекунад.

Роҳи оҳани Тирмиз—Қӯрғонтеппа—Ёвон боиси боз ҳам ободу зебо шудани шаҳри кимьёгарон гардид ва алоқаи онро бо водии зархези Вахш, колхозу совхозҳои поёноби Кофарниҳон, водии Данғара ва бо тамоми мамлакат пайваста, шӯҳрати қисмати ҷануби Тоҷикистонро баландтар бардошт.

## ДАР БОҒИ МАҲМУД ВОҲИДОВ

Эй, ки будӣ кошифи дуньёи шеър,
Ёфтӣ ганҷ аз дили дарьёи шеър.
Ҳамчу ровӣ, ҳамчу устоди сухан,
Медаройӣ ҳар замон бар хоби ман.
Санъатат умре ба ваҷд орад маро,
То кунун хомӯш нагзорад маро.
То кунун, ҳамчун нидои ҳуши ман,
Ояд овози хушат бар гӯши ман.
Гӯиё дар саҳна бо сад созу сӯз
«Гуфтугӯ бо хештан» дорӣ ҳанӯз.
Дар дилат пайдост «Ишқи зиндагӣ».
Зиндаву барҷост ишқи зиндагӣ.
Ёд кардӣ Ҳофизу Хайёмро,
Шод кардӣ хотири айёмро.
Шеръ хуш хондан ҷигар хун кардан аст,
Мухлисонро сеҳру афсун кардан аст.
Гарчи афзун шеърхонро дидаем,
Мисли ту кам шеърдонро дидаем.
Байни ёрон дар ҳунар танҳо будӣ,
Воҳиди бемислу беҳамто будӣ.
Шеър мехондиву медидам чӣ сон
Ашки соҳибзавқҳо мешуд равон.
Шеър мехондиву будӣ бехабар
З-он, ки худ як ҷавҳарӣ бар шеъри тар.
Боғи ту дидам ба Шайдон субҳи ид,
Боз симои ту бар ёдам расид.
Омад овози хушат бар гӯши дил,
Шеърхониҳои ту аз ҷӯши дил.
Сайр кардам бо ту дар гулзори Ашт,
Худ надонистам шаби ман чун гузашт.
Субҳ равшан буд ё дидори ту?

Шаҳд ширин буд ё гуфтори ту?
Охири ҳар кори ту маҳмуд буд,
Ҳамдами ту толеи масъуд буд.
Зуд рафтӣ гар зи маҳфилҳои мо,
Дер хоҳӣ монд дар дилҳои мо!

## ШОҲТИР

Одатан дар ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон ҳашари хонасозӣ ба рӯзҳои истироҳат мутобиқ кунонда мешавад. Мардуми ин ҷойҳо бештар бо роҳи ҳашар хона месозанд. Ҳамин ки дар ягон ҳавлӣ ҳашар эълон шуд, аз хешу табори дуру наздик то ҳамсояву ҳамгузарҳо, хурду калон ба ёриву мадад мешитобанд. Дар давраи иморатсозӣ ду бор ҳашари калон мегузаронанд, ки якеро ҳашари деворбардорӣ, дигареро ҳашари бомпӯшӣ меноманд.

Дар яке аз рӯзҳои истироҳат дар ҳавлии ҳамсоя ҳашари хонасозӣ давом мекард. Садоҳои мехкӯбӣ, ба чӯб бархӯрдани пайтеша, ба санг расидани дами белу каланд бо суруди кӯчабоғии баъзе ҳашарчиён даромехта, мусиқии мунтантани меҳнат, манзараи сохтмонҳои азим ва користонҳои ҳақиқиро ба хотир меоварданд.

Соҳиби ҳавлӣ, яке аз муаллимони обрӯманди деҳаи Пӯлодон бисьёр сокинони маҳалларо ба ҳашар хабар кардааст. Зоҳири навҷавон ҳам дар ин ҳашархона сертараддуд буд, гоҳ замбар мебардошт, гоҳ замбарғалтак меронд, гоҳ барои лой об мекашонд.

— Ҳой, писар, кората ба дигарҳо тею пеши ман биё,— гуфт усто Азимҷон ба Зоҳир. — Баччаи чаққон менамоӣ, ба ман кулӯх медиҳӣ. Кулӯхдиҳӣ ҳам кори қин, тезкорӣ ва ҳушьёрӣ мехоҳад.

Зоҳир ба пеши устокалон гузашт.

— Ҳа, канӣ, сар кардем...

Девори хонаву айвон қариб рост мешуд. Усто Азимҷони девкор якбора ду-се сатил лой мехобонду ба Зоҳир менигарист. Ин нигоҳи ӯ чунин маъно дошт, ки зуд-зуд кулӯх гирифта диҳад. Дар ҳақиқат, Зоҳир бо

як марому низом кулӯх медоду устокалон онро ба рӯи лой мегузошт.

— Акнун як дам ист,— мегуфт усто баъди се-чор кулӯх боло баровардани девор. — Ҳӯ, ана вай шоқула аз токча гирифта те, ростии девора санҷида бинам.

Зоҳир бори аввал номи ин асбоби бинокориро шунид. Ба токча нигариста, лӯндаи суфтаоҳанеро дид, ки ба як тарафаш ресмонеро бастаанд. «Ҳамин лӯндаоҳана «шоқул» мегуфтаанд-дия» аз дил гузаронд Зоҳир ва онро гирифта, ба устокалон доду худ ба амали ӯ нигариста истод. Устокалон ба сари шоҳтир баромада, шоқулро аз паҳлӯи девор то пеши сангҳои таҳкурсӣ партофта, ростии деворро муоина кард.

— Рост,— гуфт ӯ аз кораш қаноатмандона ва ба Зоҳир бо овози пасти ширадор таъкид кард: — Девор се-чор кулӯх, ки боло баромад, ҳатман ростияша шоқул партофта санҷидан даркор. Ин ҳам як сирри бинокорӣ, писарам. Бечиз нагуфтаанд, ки:

Хишти аввал чун ниҳад меъмор кач,
То ба охир меравад девор кач.

Зоҳир аз чӯби ғафсе, ки ба дарозии сақфи хонаи васеъ гузошта, аз ду тараф ба болои вай болорҳоро савор карда буданд, чашм наканда, аз устокалон пурсид:

— Амак, ана ҳамин чӯби ғафсе, ки ба болояш истода, ростии девора санҷидед, чӣ ном дорад?

— Боракалло, писарҷон! Ин чӯб ба гуфти наҷҷорҳо шоҳтир ва ба забони ом харӣ ном дорад. Бори асосии бома ҳамин шоҳтир мебардорад, фаҳмидӣ? Номи мана вай чӯби ғафсу дарози пешайвон, ки ба болояш болорҳоя мондем, медонӣ чӣ? Шоҳпул. Аз ёдат набарор. Мана ин сутуни оддӣ, ана вай — шоҳсутун. Ин хонаи кӯшсинҷдори мустаҳкам мешавад. Хонаи кӯшсинҷдор ва яккасинҷ ба заминҷунбиҳои сахт тобовар мешавад.

Зоҳир ҳамон рӯз дар ҳашархонаи ҳамсоя субҳ то шом кор карда, хеле чизҳоро ёд гирифт. Ба ӯ хусусан, муомилаи устокалони дильёб, амаки Азимҷон хуш омад. «Ҳа, писарам, канӣ, писарам» гуфта, ҳашарро тафсондан, бо ҳазлу шӯхӣ ва муомилаи хуш тамоми кори ҳашарчиёнро роҳбарӣ карданаш ба ӯ маъқул шуд. Бегоҳ ба хона беҳолу шалпар, вале хеле рӯҳбаланд омад.

— Ҳа, писарам, хуб монда шудӣ? Ҳеҷ гап не, чашми кора ёд мегирӣ,— гуфт падараш Маҳкамбой Тӯхта-

ев. — Хӯш, дар ҳашари имрӯза чӣ корҳо шуд? Имората қариб буд карданд?

— Чор девори хонаю айвон боло шуд. Ҳафтаи оянда ҳашари бомпӯшӣ.

— Қори усто Азимҷона ба чашмат дидӣ?

— Дидам. Тамоми рӯз ман дар паҳлуяшон будам.

— Хӯш, кораш ба ту маъқул шуд-мӣ?

— Бисьёр устои аҷоиб будиян. Аз кор монда шаванд-чӣ? Эҳ-ҳе, ин хел устоя надида будам. Ман аввал замбар мебардоштам, он кас чеғ зада, фармуданд, ки кулӯх диҳам. Аз афташ, ман ба ваё маъқул шудам-мӣ, бисьёр таъриф карданд.

— Боракалло. Ба усто Азимҷони сахтгир ҳар кас маъқул шуданаш душвор. Қадом рӯз ману вай аз ояндаи ту гапзанон карда будем. Имрӯз туя озмуда дидааст-дия. Агар ба ин хел усто маъқул шуда бошӣ, ман ҳам хурсанд. Дилам мехоҳад, ки ба ҳамин усто туя шогирд диҳам. Не нагуфта мегирифт, мувофиқи табъи дили ман мешуд.

Баъди якчанд соли ин гуфтугӯ, вақте ки Зоҳир ба балоғат расида, акнун ба муаммоҳои зиндагӣ сарфаҳм мерафтагӣ шуд, падару модараш пасу пеш аз олам даргузаштанд. Навҷавони ятим дар солҳои баъдиҷангӣ маҷбур шуд, ки мактабро муваққатан тарк карда, ба кори колхоз барояд. Вай дар заминҳои колхози «Москва» тамоми рӯз каланд мезад. Аммо орзуи падар ва меҳри худи ӯ ба касби бинокорӣ дилашро ором намегузошт.

Вақти ба ҷо овардани хизмати ҳарбӣ ҳам расид. Соли 1955 дар батальони бинокорӣ ӯро ба яке аз сохтмонҳо фиристоданд. Гилкор шуда кор кард. Албатта, аввал мушкилӣ кашид, аммо оҳиста-оҳиста низоми бинокориро дар хизмати ҳарбӣ омӯхт. Аз байн ду се моҳ гузашту ҳар рӯз то ҳафт ҳазор дона хиштро девор мезадагӣ шуд. Ин ҳаҷми кор аз нормаи муқаррарӣ ҳафт маротиба зиёд буд. Дар зарби кор ҳеҷ кас ба ӯ наздик шуда ҳам наметавонист.

Баъдтар ӯро ба сохтмони боғчаи кӯдакон сафарбар намуданд. Ӯ девори бинои кӯдакистонро ҳам рост кард. Хиштҳои аввалину охирини хонаи серқабатаро низ ӯ гузошт. Дар буньёдгузории поликлиника ҳам фаъолият нишон дод. Аз сохтмон ба сохтмон мерафту аз ҷиҳати ҳарбию сиёсӣ ҳам обутоб меёфт. Зоҳир он солҳоро як-

умрӣ фаромӯш намекунад. Ёд дорад, прорабашон, сарвари гурӯҳи калони аскарон зани сахтгиру ғамхори рус Валентина Лебедова буд. Зоҳир ӯро, чун прораби касбии чашмикордон, ки бисьёр аскарони гуногунмиллатро касбу ҳунар омӯхтааст, ҳамеша ба некӣ ёд мекунад.

Хизмати ҳарбӣ ба охир расид. Зоҳир чун монтажчии разряди панҷум, бо такдирномаҳо ба зодгоҳаш баргашт. Даставвал дар яке аз ташкилотҳои бинокории Ленинобод кор кард.

Соли 1960, вакте ки Вазорати сохтмони қишлоқи республика дар Қонибодом колоннаи сайёри механиконидашудаи рақами 18-ро таъсис кард, Зоҳир ба он ҷо ба кор гузашт. Ба бистудусолагӣ қадам мемонд. Айни камолот ва ҷӯшу хурӯши ҷавониаш буд. Хастагиро намедонист. Аз таҳти дил, базарба кор мекард. Бо ғайратмандию суботкорӣ рафиқонашро аз паи худ мебурд. Дере нагузашта қобилияти ташкилотчигии ӯ зоҳир шуд. Роҳбарон ба кордониаш эътимод карданд.

Ин буд, ки Зоҳир Маҳкамов сардори бригадаи бинокорон таъин гардид. «Нағз шуд, ки сардор аз байни худамон шуд,— мегуфтанд ҳамкорон. — Зоҳирҷони мо устои ҳақиқӣ аст, бо ҳалолкорию зиракиаш ба ҳама таъсир мерасонад.

Ҳама дар атрофи сардори нав чун як ҷону тан муттаҳид гаштанд.

Ташвишу тараддудҳои сардори нав якбора зиёд шуданд. Ба як бригадаи калони комплексии бинокорон сарварӣ кардан кори осон набудааст. Акнун ӯро гоҳ дар байни бетонрезҳо медиданд, гоҳ дар иҳотаи хиштчинҳо, гоҳ ҳангоми кашондани масолеҳи бинокорӣ, ё дар сари мизи маслиҳати пардозчиён. Ҳар пагоҳ баъди гузарондани маҷлисчаи рӯзмарраи бинокорон аз паи таҳияи маҳсулоти бинокорон мешуд. Сари вақт таҳия кардани чӯбу тахта, регу шағал, цементу блокҳои тайёр ва махсусан техникаи бинокорӣ гарави асосии дар мӯҳлати муқаррарӣ супурдани бино аст. Аз ин рӯ, баъзан тамоми рӯз дар тресги бинокорӣ, муассисаҳои пудратӣ, дар комитети райони партия, дар правленияи колхозҳо мегашт, то маҳсулоти бинокорӣ руёнад, пешравии кори колоннаро таъмин намояд. Зоҳир-саркор дили одамонро ёфта, корро пеш бурда тавонист. Аввалин муваффақиятҳо ба даст омаданд. Ба туфайли сардори нав колонна дар трест обрӯю эътибор пайдо кард.

Ба Зоҳир Маҳкамов дар ташкили бригада, ҷобаҷогузории коргарон интизоми аскарӣ, таҷрибаи хизмати ҳарбӣ кор доданд. Худи ӯ эътироф мекунад, ки таъсири мусбати хизмати ҳарбӣ аз аввалин рӯзҳои ташкили бригада дар услуби кораш аён буд. Вай ҳангоми ба кор қабул кардан бештар онҳоеро интихоб мекард, ки дар хизмати ҳарбӣ бинокор буданд ё дастпарвари омӯзишгоҳи ҳунари техникӣ ҳастанд, ки дар бригадаи хӯдаш таҷриба гузарондаанд. Ҳар як коргари нав бояд ҳаттман ҳунарашро нишон дода, аз санҷиши аҳли бригада гузарад. Дар ин роҳ худи Зоҳир Маҳкамов ва рафиқи ҳамкораш Раҳим Сангинов, ки дар сафи Армияи Советӣ якҷоя хизмат кардаанд, ба дигарон ибратнамоянд. Ҳар ду ҳам дар аскарӣ соҳиби чанд ихтисоси бинокорӣ — бетонрез, гилкор, кафшергар, пудратӣ ва дуредгар шудаанд.

Зоҳир Маҳкамов сару сарвари ҳақиқии бинокорон, шахси табиатан эҷодкору навовар аст.

— Як дегдони оддии мумобкунаке доштем,— мегӯяд прораб Муҳиддинов. — Ҳамкорҳо пай бурданд, ки Зоҳирҷон борҳо аз пеши ин дегдон гузашта, ангушт газида, чизеро андеша дошт. Баъди чанд рӯз вай таклифи ихтироъкоронае пешниҳод кард. Ба ҳамин дегдон баки дизель, лӯлаҳои гуногун васл карданд. Солҳост, ки ин дегдони сафарӣ бо харҷи кам мум об мекунад. «Ба кордон кор осон» гуфтаанд. Қори ин деги мумобкуниро дида, кас ҳамин масалро ба хотир меорад.

— Хартуми андовакуниро намегӯед,— илова мекунад сардори звенои андовагарон Усмон Қосимов,— ҳамту мурваташро тоб медиҳеду лойро ба девор кашида мегиред. Лой ба ҳеҷ ҷо намеолад, чарахса ҳам намекунад. Ана, ин маданияти истеҳсолот. Сарфаи зиёде ҳам дорад.

Садоқат ба касбу кор, рафоқат ба ҳампешагон, шикастнафасию фурӯтанӣ барин фазилатҳо Маҳкамовро соҳибэътибор кардаанд. Навоварӣ хислати хоси ӯст. Ҳамеша ҷустуҷӯ дорад, навигарие меёбаду дар амал ҷорӣ мекунад. Дар ҳамин ҷост яке аз сирҳои пешрафти кораш.

Бригадаи Маҳкамов биноҳои гуногун месозад. Ҳар як аъзои бригада соҳиби ду-се касбу ҳунар аст. Ибтидои солҳои шастум дар ҳудуди колхози «Ленинград» бинои мактаби «Коммунист»-ро, ки аввалин кори бри-

гада аст, ба истифода доданд. Солҳои охир дар деҳоти Маҳрам ва Қаракчикум биноҳои нави мактаб, сохтанд.

Дар шафати пахтазаводи Конибодом сохтмони цехи навро ба нақша гирифтанд, ки барои сари вақт хушконидан, тоза намудан ва аз нав кор кардани пахтаи маҳиннах зарур буд. Ин цехи нав ба коркунони саноати пахтатозакунӣ ёрӣ мерасонад, ки пахтаи маҳиннахи вилояти Ленинободро хушсифат нигоҳ доранд, ба талафи он роҳ надиҳанд, кори мураттабу мунтазами тамоми конвейерҳоро хубтар ба роҳ монанд. Бинокорони бригадаи Зоҳир Маҳкамов сохтмони цехи мазкурро сари вақт ва бо баҳои аъло супурда, ба пешрафти истеҳсолоти пахтатозакунӣ саҳми зиёд гузоштанд.

Дар совхози паррандапарварӣ, ки ҳамсари Зоҳир Саломат ва духтараш Заҳрочон кор мекунанд, низ дувоздаҳ корпуси истеҳсолиро ба истифода додаанд.

Зоҳир Маҳкамов ҳангоми аз як сохтмон ба сохтмони дигар гузаштан дар сари роҳ биноҳоеро мебинад, ки басе воқеаҳои ҳаёташ ба онҳо алоқамандананд. Дар маркази шаҳр бинои назаррабои банки давлатӣ қад кашидааст. Ҳар вақте ки чашми Маҳкамов ба ин бинои сафеди хуштарҳ афтад, дилаш аз фараҳ меболад. Ин бино яке аз сохтмонҳои муҳими шаҳр буд. Дар ин чо ӯ ҳунари ба бригада роҳбарӣ карданро омӯхтааст.

Пӯшида нест, ки дар сохтмон баъзан ҳолатҳои ногувор ҳам рӯй медиҳанд. Барои пешгирии онҳо бинокори машҳури мамлакат Басов ташаббус нишон дода буд. Аъзоёни бригадаи Маҳкамов аз аввалинҳо шуда, ба ин ташаббус пайравӣ намуданд ва солҳоест, ки бе шикасту рехт кор мекунанд. Онҳо ҳанӯз аз ибтидои солҳои шастум ба усули нави кор аз рӯи ҳисоби пудратӣ гузашта буданд. Ин имкон дод, ки биноҳо тезтар ба кор андохта шаванд ва ҳосилнокии меҳнат хеле баланд гардад.

Медонед, Зоҳир Маҳкамов кай хиратабъу димоғсӯхта мешавад? Ҳамон вақте ки бинои нав кайҳо буд шуда, бе дару тиреза, бе фаршу таҷҳизот истодааст. Барои ӯ аз ин дигар манзараи нохуштар нест. Корҳои вазнинро асосан анҷом додаанд, вале биноро супурда наметавонанд, зеро субпудратчиёну заказчиён ваъдахилофӣ намудаанд.

Оё бригадаи Маҳкамов ягон бор корро кашол дода, мӯҳлати ба истифода супурдани биноеро ба таъхир гу-

зоштааст? Не! Ҳамеша биноро пеш аз мӯҳлат ба истифода медиҳад.

Дар назди заводи равғанкашӣ барои саду чил кӯдак боғча сохта, пеш аз мӯҳлат ба истифода супурданд. Сохтани биноро бригадаи Маҳкамов ба ӯҳда гирифт. Аммо, азбаски мӯҳлат хеле кам буд, баъзеҳо ба иҷрои кор шубҳа карданд, дилашон гувоҳӣ медод, ки бригада ин супоришро сари вақт иҷро карда наметавонад. Роҳбарони «Сельстрой-4» қарор доданд, ки ба ёрии бригадаи Зоҳир Маҳкамов аз дигар соҳаҳо ҷавонҳоро фиристанд. Чун мудири трест С. М. Мкртичев ин матлабро гуфт, Зоҳир ҳамон рӯз аз ӯ ранҷидагӣ барин шуд. Маҳкамов рӯзи дигар дар бригада маҷлис гузаронда, баъд шиореро ба ҷои намоён зад: «Аъзоёни бригада ӯҳдадорӣ гирифтаанд, ки биноро ним сол пеш аз мӯҳлат ба истифода диҳанд».

Онҳо ваъда доданду вафо карданд. Ягон бор касе надидааст, ки Зоҳир Маҳкамов ваъдахилофӣ карда бошад.

Барои бинокорон усули кори пудрати бригадавӣ яке аз омилҳои равнақи кор шуд. Гузаштан ба ин усул имкон дод, ки солҳои охир даҳҳо ҳазор сӯм пул ва садҳо рӯзи корӣ сарфа карда шавад.

Соли 1970 ташаббуси бинокори номӣ, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ Николай Злобин дар бобати тезу хушсифат ва арзон сохтани биноҳо дар саросари мамлакат паҳн шуд. Бисьёр бинокорон ба кори пудратӣ, ки услуби Злобин аст, гузаштанд. Вале дар республикаи мо, гӯё дар сохтмони қишлоқ чизе садди роҳ шуда бошад, ҳанӯз ба ин усули кор нагузашта буданд. Дар ибтидои ҳамин роҳ Зоҳир Маҳкамов машъали фурӯзон шуд. Аъзоёни бригадаи ӯ аз соли 1975 бо усули Злобин — дар асоси пудрати бригадавӣ кор карданд. Маҳорати баланди кордонии ҳар як аъзои бригада ба зуҳур омад. Натиҷаи кор зуд ба чашм расид. Аз байни соле нагузашта аввалин злобинчиёни тоҷик дар деҳаи Қушкак бинои мактаби миёнаро се моҳ пеш аз мӯҳлат ба бахрабардорӣ доданд.

Зоҳир мехост бо Николай Злобин шахсан вохӯрад ва корашро бо чашми худ бинад. Ин фикрашро ба роҳбарон гӯшрас кард. Ниҳоят, ӯ соли 1976 ба Москва, ба Зеленограде машҳур, ки коргоҳи бинокори забардаст Николай Злобин аст, азми сафар намуд. Бо қаҳрамон

вохӯрда, дасташро фишурд. Дар коргоҳи ӯ гаштугузор карда, бо аъзоёни бригадааш шинос шуд, сӯҳбат кард, унс гирифт. Ба сифати биноҳои сохтаи онҳо, ба сохтмонворӣ, ки злобинчиён оқилонаю сарфакорона истифода мебурданд, диққат дод. Ҳар чизи қобили қабулро таги чашм карда, усули кори онҳоро омӯхт. Бо Злобин дӯстӣ пайдо кард.

Зоҳир аз Зеленоград, аз ҳузури дӯсти нави худ Николай Злобин баргашта, дар кораш боз баъзе навигариҳо даровард. Дар натиҷаи ҷорӣ кардани усулҳои наву таҷрибаи пешқадам, ба ҳисоби хоҷагӣ гузарондани бригада дар пешрафти кор комьёбиҳои калон ба даст омад. Аъзоёни бригада ба туфайли тезу хушсифат ва арзону зебо сохтани биноҳо даҳҳо ҳазор сӯм мукофотпулӣ гирифтанд.

Дар як вохӯрӣ рӯзноманигоре аз Зоҳир Маҳкамов пурсид:

— Бинокороне, ки бо Злобин вохӯрдаанд, мегӯянд, ки аз ӯ доир ба ташкилу услуби кор, ҷобаҷогузории коргарон, сарфаи масолеҳ бисьёр чизҳоро омӯхтаанд. Шумо аз ӯ чиҳо омӯхтед?

— Аз мактаби Злобин ҳар кас ба қадри ҳиммати худ сабақ гирифтааст,— ҷавоб дод Зоҳирҷон. — Ман бо у дӯстӣ пайдо карда, аз таҷрибаҳояш хулоса баровардам, ки роҳбари бригада ба ғайр аз сифатҳои муқаррарӣ боз эҷодкор буданаш ҳам ҳатмист. Бе навигарию эҷодкорӣ пешрафти кор аз имкон берун аст.

Сонӣ дар республика оид ба ҷорӣ кардани пудрати бригадавӣ тадбирҳо ба амал баровард шуданд. Ташаббускори он Николай Злобин аввали соли 1977 ба Тоҷикистон омада, бинокорони моро бо усули кори худ шинос кард. КМ ПК Тоҷикистон барои дар ҳамаи корхонаҳои индустрияи бинокории республика ҷорӣ кардани усули Злобинро тавсия дод. Ҳамон вақт Зоҳир Маҳкамов дар Душанбе дубора бо Злобин вохӯрд. Онҳо ҳангоми съезди бинокорон дар Москва боз якдигарро диданд. Якҷоя сурат ҳам гирונданд. Злобин Зоҳирро рафиқ меномад, дар асл устоди маънавии ӯст.

Ҳоло садҳо бригадаи бинокорони республика дар асоси усули Николай Злобин кор мекунанд.

Зоҳир Маҳкамов дар Москва вакили съезди ҳаштуми Умумиттифоқии бинокорон буд. Вақти танаффус вазири бинокории СССР ӯро ба наздаш хонду пурсид:

— Ту кадом мактаби бинокориро хондай?

— Ҳеҷ кадомашро. Дар батальони бинокорӣ хизмат мекардам. Ќасбамро дар ҳамон ҷо омӯхтам.

— Барои кори хубат чӣ мукофот диҳем?

Зоҳир аз ин саволи ғайриоддӣ ҳайрон шуда, чӣ гуфтанашро надониста монд. Вазир боз пурсид:

— Мотоцикл? Мошин? Ё ки...

— Трактор! — якбора ҷавоб дод Зоҳир.

Акнун навбати ҳайрон шудани вазир буд:

— Тракторро чӣ кор мекунӣ?

— Мӯҳтарам, вазир! Трактор шахсан барои худам не, барои колоннаамон лозим. Дар сохтмонҳои хурд аз набудани трактори универсал дар пешбурди бисьёр корҳои фаръӣ мушкилӣ мекашем.

Вақте ки Зоҳир аз Москва бо иҷозатномаи трактори «Белорусь» баргашт, ӯро ҳамкорон аз шодӣ ба рӯи дасташон бардоштанд.

Агар аз хусуси мошин пурсед, дар бригадаи ӯ ёздаҳ кас мошини сабукрав дорад.

Қолоннаи сайёри механиконидашуда дар солҳои мавҷудияти худ даҳҳо нафар бинокори соҳибтаҷриба тайёр кардааст. Зоҳир аз ҷумлаи дастпарварони бригадаи худ се бригадаи дигар тарбия карда расонд. Ин аст, ки ӯро дар колонна чун мураббии сахтгиру меҳрубон эҳтиром мекунанд. Вай бештар аз чиҳил нафар шогирд ба камол расондааст. Набиҷон Шукурови гилкор, Николай Ломови дуредгару монтажчӣ, Усмон Қосимови ҳамакор, Аъзам Қобилов, Раҳим Сангинов, Шукур Аҳмадов барин бетонрезу кафшергар ва хиштчинҳо дар гузашта шогирд, ҳоло устоҳои забардаст ҳастанд.

Дар панҷсолаи даҳум дар республика қариб се миллион метри мураббаъ манзилгоҳ, бисьёр мактабу беморхона, муассисаҳои томактабии кӯдакон ва биноҳои таъминоти социалию маданӣ сохта шуданд. Дар ин муваффақиятҳо ҳиссаи аъзоёни бригадаи Зоҳир Маҳкамов низ ҳаст. Онҳо супориши панҷсолаи даҳумро шаш моҳ пеш аз мӯҳлат ба иҷро расонда, зиёдтар аз план дусад ҳазор сӯмина корҳои сохтмону монтажкуниро ба ҷо овардаанд.

Ҳангоме ки дар колонна ташаббуси бинокорони Уралро дар хусуси бо қувваи ками корӣ иҷро кардани супоришҳои бисьёр шуниданд, бригадаи Зоҳир аввалин шуда ин таклифро тарафдорӣ намуд. Саркор аз

таҷриба медонист, ки на ҳамаи бинокорон бо тамоми қувва кор мекунанд. Дар панҷсола бригадааш ба ҳисоби миёна 37 аъзо дошт, вале дар натиҷаи пайравӣ ба ташаббуси бинокорони пешдаст кори 43 нафарро иҷро кард. Кам шудани қувва ҳатто боиси афзоиши ҳосилнокии меҳнат гардид. Чунончи, ҳар як аъзои бригада мебоист дар панҷсола ба маблағи 50 ҳазор сӯм бино созаду монтаж кунад. Дар амал ҳар яки онҳо беш аз 64 ҳазор сӯмина корҳоро иҷро карданд. Бригада дар ҳамин муддат 2,3 миллион сӯмина бино сохт.

Бинокорон медонистанд, ки Зоҳир Маҳкамов орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат дараҷаи III, медалу грамотаҳо ва унвони фахрии Бинокори Хизматнишондодаи РСС Тоҷикистон барин мукофотҳо дорад. Бисьёриҳо аз ҷамъбасти кори бригада дар панҷсолаи даҳум ба чунин хулоса меомаданд, ки саркорро мукофоти дигаре дар пеш аст.

Дар яке аз рӯзҳои тирамоҳи соли 1981 аъзоёни бригадаи Зоҳир Маҳкамов дар колхози ба номи Карл Маркс дар пахтачинӣ ба деҳқонон ёрмандӣ мерасонданд. Ҳамин вақт прораб Ғиёсиддин Муҳиддинов ва кафшерчии бригада Баҳром Мансуров низ ба ёрӣ омаданд. Онҳо дасти Зоҳир Маҳкамовро фишурданд.

— Муждагониро баоред! Мукофоти нав муборак!

Ҳама ба як ҷо ҷамъ омаданд. Ғиёсиддин аз газета карори Комитети Марказии КПСС ва Совети Вазирони СССР-ро хонд. Аввалин злобинчии тоҷик Зоҳир Маҳкамов дар қатори як гурӯҳ бинокорони мумтози мамлакат барои комьёбиҳои барҷастаи меҳнатӣ, самараи калон ва сифати хуби кор дар сохтмон ба Мукофоти Давлатии СССР мушарраф шуда буд. Вай аз байни ҳамкасбони худ дар Тоҷикистон нахустин касест, ки соҳиби чунин мукофоти олӣ шудааст.

Зоҳир бегоҳ ба хона омада, дар паҳлуи фарзандонаш бо усто Азимҷон рӯ ба рӯ шуд.

— Мукофот муборак шавад, писарам! — гуфт пирамард. — Омадам, ки табрик кунам. Кам нашав. Одамон ба биноҳои сохтаи ту бо ҳавас менигаранд. Ба ёдат ҳаст, дар бачагиат аввалин бор шоҳтири имората дида, пурсида будӣ, ки чӣ ном дорад. Ман ба ту «ҳамаи бори иморат дар китфи ҳамин шоҳтир меистад» гуфта будам. Акнун ту ҳам дар сохтмон шоҳтир барин хизмат дорӣ, писарам.

— Саломат бошед, усто! Хеле муҳобот кардед.

— Гапам ҳақ, муҳобот надорад...

— Ин ҳама хизмати шербачаҳон бригадаамон.

— Дуруст мегӯй. Охир, ту сардори ҳамон шербачаҳо-дия.

* * *

...Аъзоёни бригадаи комплексии Зоҳир Маҳкамов қарор додаанд, ки супоришоти панҷсолаи ёздаҳумро дар чаҳор сол иҷро кунанд. Онҳо ду плани соли аввали панҷсоларо аз рӯи қавли худ ба ҷо оварданд. Дар Конибодом ёздаҳ бинои боғчаи кӯдакон, мактаб, цехи чӯҷабарорӣ дар совхози мурғпарварӣ, дар Исфара парки мошину трактор сохтанд.

Шоҳтир ҳамеша шоҳкор аст.

# ДИЁРИ ДОМАНИ ХУРШЕД

Тоҷикистон, эй диёри кӯҳсор,
Ҷо гирифтӣ дар канори офтоб.
Мефиристӣ сӯи водии баҳор
Пирьяхро аз ҳарорат карда об.

Бар сари ҳар кӯҳсорат субҳу шом
Тоқии зардӯхт пӯшонад шафақ.
Чун китоби зарҳалии Шашмақом,
Дил занад девони ҳуснатро варақ.

Ҳар кучо дар домани кӯҳу дара
Дастранҷи марди деҳқон дидаем.
Аз Бадахшон то Хуҷанду Исфара
Боғҳоятро шукуфон дидаем.

Осмонат дур фишонад аз сафо,
Осмонат соф чун баҳри зулол.
Эй басо аллома зери ин само
Офарида шоҳкори безавол.

Гашта аз гулҳои боғат файзьёб
Марқади Айниву Бобоҷон Ғафур.
Ҳур-ҳури боди сабукхези Луҷоб
Рӯҳи Турсунзодаро бахшад ҳузур.

ГЭС-и Норак дар ҷаҳон овозадор,
Пойдевораш матин асту қавӣ,
Мисли ин сарбанд бошад устувор
Иттиҳоди халқҳои шӯравӣ.

Шуд зи файзи иттиҳоди халқҳо
Махзани сад ганҷ саҳроҳои Вахш.
Менамояд кӯҳсон бар чашми мо
Пурбаҳо ҳар хирмани тиллои Вахш.

Ҳар кӣ хоҳад дидани фатҳи навин,
Марҳабо, ояд ба мулки тоҷикон.
Бинад эъҷози заводи алюмин,
Бинад анвори фаровони замон.

Тоҷикистон, қудрати бозуи ту
Шуд фузунтар аз ҳисоби дӯстӣ.
Бахт хандад доимо бар рӯи ту
Дар мадори офтоби дӯстӣ.

# ТОҶИКИСТОНИ МАН

Дар назди харитаи Тоҷикистон истодаам. Хаёлан дар саросари республикаи худ, ки масоҳаташ 143 ҳазор километри мураббаъ буда, шумораи аҳолиаш кайҳо аз чаҳор миллион гузаштааст, саёҳат мекунам. Нигоҳам ба сарҳадҳои республика мелағжад.

Аз Душанбе чашмам ба Норак меафтад, аз Норак ба Ёвон, аз Ёвон ба шаҳри Турсунзода. Дар ҷануби республикаи ман бузургтарин иншооти панҷсолаҳои охир дар ҳамин ҷойҳо арзи вуҷуд карданд. Дар нӯҳ агрегати ГЭС-и Норак ба номи Л. И. Брежнев кувваи беамсоли электр, дар Ёвон бештар аз даҳ намуди маҳсулоти кимьёвӣ, дар заводи алюминии шаҳри Турсунзода металли болдори аср — анодҳои пухта тавлид мешаванд.

Дар назди ин харита ба худ тасаввур мекунам, ки республика дар давоми солҳои охир ба ҷӣ комьёбиҳо муваффақ шуд. Ҳама ҷоро ғарқи нуру сурур, замину замонро ободу маъмур мебинам. Хаёлан ба ҳавзаи Норак меравам. Буньёд кардани ин гуна обанбори азимро мардуми кӯҳистони ман кайҳо ёд гирифтааст. Ба шарофати ГЭС-ҳо обанборҳое ба арсаи вуҷуд омадаанд, ки на танҳо ба саҳроҳои Тоҷикистони ман, балки ба республикаҳои ҳамсоя низ об медиҳанд.

Ба шимоли республика менигарам. Лаҳзае гилемҳои рангоранги қолинкомбинати Қайроққумро пеши назар меорам. Дар панҷсолаи даҳум навбати дуюми ин иттиҳодияро сохтанд. Истеҳсоли гилем аз 3,5 миллион ба 10 миллион метри мураббаъ расид. Имрӯз қариб дар ҳар хонадони тоҷик гилеми Қайроққумро мебинед. Тоҷик аз рӯи анъана ба фарзандаш дар тӯи арӯсӣ гилем

ҳадья мекунад. Мувофиқи русуми мо гилем рамзи хонаободиву беҳрузии ҷавонон аст. Тоҷикистони ман ба аълотарин гилеми пурнақшу нигори Қайроққум, ки ба чаманистони пурсафо мемонад, шабоҳат дорад. Мо дар нақшҳои назаррабои ин гилем муъҷизаи ҳунари беҳамторо мебинем.

Боғу роғҳои сабзу хуррами диёри қадима ва ҷавонгаштаи ман аз зардолузорони Исфараю Хуҷанд то боғоти набототи Хоруғ, аз бодомзори Қонибодому токзори Уротеппа то нокзору себистони Ғарму Дарвоз, аз лемузори Вахшу Қолхозобод то хурмозори Ҳисор, аз анорзори Нораку Ёвон то тутзори Шуғнону Рушон дар канори дарьёҳои шухобу морпеч, дар домани кӯҳҳои осмонбус ҳазорон фарсах тӯл кашидаанд. Гарчи 93 фоизи ҳудуди республикаи моро кӯҳҳо иҳота кардаанд, вале дар оғӯши водиҳову теппаҳои сарсабз дарахтони мева ва гиёҳу бутта фаровонанд. Ҳосили ҳамин боғу майдонҳо ва гиёҳҳои кӯҳистон солҳои ҷанг мардумони сарзамини моро аз офати гуруснагиву қаҳтӣ наҷот дод. Аз файзи ҳамин боғистони пурнеъмат дар хонадони халқи ман сериву пурӣ пойдор аст. Рӯи дастархони мо пур аз хӯрданиҳост. Ҳамаи ин неъматҳои дастони матину арақи ҷабини деҳқонон, чорводорон ва боғбононанд. Беҷиз нест, ки аҷдоди мо деҳқониро аз қадимулайём касби муқаддас медонистанд. Дар китоби бобоёнамон — «Авесто», ки дар замони тоисломӣ ба забони паҳлавӣ таълиф ёфтааст, чунин суханон буданд: «...касе, ки ғалла мекорад, кори муқаддасеро ба ҷо меорад».

Сарватҳои сарзаминам бешуморанд.

Ман дар ҳама ҷо бо фахру сарбаландӣ корвонҳои «тиллои сафед»-и Тоҷикистонамро ба хотир меорам, ки ҳар оғози тирамоҳ аз сари хирманҷойҳо ба сӯи пункти қабули пахта мешитобанд ва корвонсолорҳо пешопеши онҳо ливои сурх мебаранд. Ман ба дастони шахшӯлу кордидаи деҳқонони тоҷик чашм медӯзаму файзу шукӯҳи пахтазоронро пеши назар меорам. Маҳз ба туфайли ҳамин дастҳо замини кӯҳнаи мо ҳаёти нав ёфт. Дар он ҷое, ки дашти хушку холӣ буду найзор, дар он ҷое, ки ба ҷуз хору шӯра дигар гиёҳе намесабзид, ҳамин дастҳо мева, ғалла, гул ва пахта руёнда, шуҳрати диёри моро оламгир карданд.

Деҳқонони Тоҷикистони ман ҳоло Қаҳрамонони Меҳнати Социалистӣ, депутатҳои Совети Олии СССР ва

республика, лауреатҳои мукофотҳои Давлатии СССР ва ба номи Абӯалӣ ибни Синои Тоҷикистон, Комсомоли ленинии умумииттифоқ ва республика, шахсони обрӯманд мебошанд. Деҳқонзодаи асил, ифтихори ташкилоти пионерии мо, директори совхози «60-солагии ВЛКСМ» Турсуналӣ Матқосимов аввалин пионери Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ дар мамлакат аст.

Раиси колхози ба номи Ленин, райони Пролетар, депутати Совети Олии СССР Абдуғаффор Самадов ба туфайли заҳматҳои худ ба пояи баланди шӯҳрат расида, дукарат Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ шудааст. Дар колхозе, ки ӯ роҳбарӣ менамояд, се нафар Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ, чордаҳ Устоди пахта, сездаҳ нафар мутахассисони хизматнишондода кор мекунанд. Ин хоҷагӣ ҳар сол беш аз 30 ҳазор тонна, яъне ба ҳамон миқдори пахта меруёнад, ки дар тамоми Тоҷикистони тореволюционӣ истеҳсол мекарданд.

Дар райони Коммунистӣ бригадаи механиконидаи комплексии совхоз-техникуми ба номи Куйбышев Қурбонмурод Холовро «бригадаи ордендорон» меноманд. Дар ин ҷо номи диловарони ордендор Файзалӣ Ғаниев, Нормурод Хидиров, Ашурқул Холовро бо ифтихормандӣ ба забон мегиранд. Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ Сафар Солиев дар панҷсолаи даҳум лауреати Мукофоти давлатии СССР шуд. Ин бригада ҳосилнокии ҳар гектар замини навкорамро ба 45—46 центнерӣ расонда, ҳосили рекордӣ гирифт. Барои ин комьёбӣ Қурбонмурод Холов сазовори унвони олии Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ гардид. Рӯзи дар матбуот чоп шудани указ ӯ соҳиби аввалин набера шуд. Ба навзод Қаҳрамон ном доданд, ки вориси сазовори мероси падару бобоён, давомдиҳандаи кору анъанаҳои нек шавад.

Бале, пайванди наслҳои мо ногусастанист!

Ҷавонони зираку донои мо касби аҷдодӣ — деҳқониро дӯст медоранд, аз хурдсолӣ ба замин ва киштукор меҳр мебанданд. Самараи меҳнати онҳо калонсолонро шод мегардонад. Соли 1981 аъзоёни бригадаи истеҳсолии мактаби рақами 81, райони Ленин ҳосили 47 центнерӣ пахта рӯёнданд. Колхоз барои ин комьёбӣ ба бригада мошини «Жигулӣ»» мукофот дод. Ё худ деҳқонбачагони мактаби 34, райони Хуҷанд аз 73 гектар 43,5 центнерӣ пахта ғундошта, ғолиби конкурси умумииттифоқии «Тимирязевкаи хурд» шуданд. Ба мактаб

телевизор мукофот доданд ва Грамотаи фахрии Вазорати Хоҷагии Қишлоқи СССР супурданд.

Дар ибтидои асри мо дар Бухорои Шарқӣ, яъне Тоҷикистони имрӯза истилоҳи «клиника» набуд. Халқе, ки Абӯалӣ ибни Сино барин алломаҳоро ба олами тамаддун додааст, аз вабо, нағзак, табларза, домана барин бисьёр бемориҳо азият мекашид. «Доруву давоҳо»-и асосии муқобили бемориҳо дуохонӣ, тӯмору бозубанд ва муолиҷаи табибони халқӣ буд. Имрӯз республикаи ман садҳо беморхонаи клиникӣ дорад. Бештар аз ҳафт ҳазор нафар духтурон дар посбонии саломатии аҳолианд. Танҳо дар як вилояти Қӯрғонтеппа, ки аҳолиаш ба миллион нафар намерасад, дар 58 беморхонаи дорои ҳазор кат 1000 нафар духтур ва 3500 нафар ҳамшираи шафқат машғули муолиҷаву табобатанд.

Дар байни ҳакимони ҳозиқ, олимони номдори республика мисли гинекологи мӯъҷизакор, аъзо-корреспонденти Академияи Фанҳои тиббии СССР Саъдинисо Ҳакимова, донишманди дилшинос, доктори илми тиб Муҳаммадхоҷа Бобохоҷаев бисьёр ворисони сазовори Ибни Сино ҳастанд, ки рӯзгорашонро ба саломатии инсон пайвастаанд.

Тоҷикистони ман диёри аҳли ҳунар аст.

Зодагони деҳаи Чоркӯҳ, аъзоёни Иттифоқи рассомони СССР, бародарони кулол Сафар ва Сайфиддин Соҳибовҳо аз обу гил мӯъҷизаҳое офаридаанд, ки бинандаро мафтун мекунанд. Вақте ки рӯзномаи «Сельская жизнь» расми зарфҳои ин ҳунармандонро ба лавҳаи рангине ба табъ расонд, ба Соҳибовҳо даста-даста номаҳои самимӣ омаданд. Мухлисони санъати халқӣ маҳсули кори онҳоро дида, беихтиёр ангушти ҳайрат газиданд.

«Ман пештар китоби «Бо роҳҳои Тоҷикистон»-ро хонда, бо санъати кулолони диёри шумо камубеш ошно гардида будам, вале ҳунари шумо, бародарон, тамом дигар хел аст.— навиштааст аз кишвари Краснодар Л. Горбенко. — Зарфҳои офаридаи дасти шумо маҳсули кори ҳамдиёрони доғистониамро ба хотир оварданд. Вале азони шумо, бешубҳа, авлотаранд. Санъати шумо меҳри маро ба Тоҷикистони офтобӣ дучанд афзуд. Ҳоло тамоми кишвари бостонии шумо, аз Исфара то Мурғоб чун Қафқоз барои ман азизу муқаддас аст».

Алҳақ, дастранҷи ин офарандагони зебоӣ на фақат

дамони советиро ба ҳайрат овардааст, балки таваҷҷӯҳи аҳли Парижу Токио, Монреальу Нью-Йорк, Копенгагену Осло, Берлину Варшава ва Прагаро ҳам ба худ кашидааст. Қосаву табақ, кӯзаву гулдон ва пиёлаву қаламдон барин зарфҳои пурнақшу нигоре, ки Соҳибовҳо сохтаанд, мисли чинии асил латифу нафис ва дилкашу ҷаззобанд.

Хоса кӯзаву табақҳое, ки нақши пахтаи шукуфта доранд, гули офаридаҳои кулолони мост.

Ба рӯяш нақш нақши пахтаи мост,
Нишони кишвари зарофарин аст.
Ба ҳар ҷое баранд онро, бигӯяд:
Диёри ман ҳамин асту ҳамин аст!

Кулолони тоҷик ҳунари аҷдодии худро аз насл ба насл дода, кори наҷиберо ба сомон мерасонанд. Онҳо мардуми кушодадилу кушодадастанд. Чун фаҳманд, ки дилдодаи касбашон ҳастӣ ва лаёқате дорӣ, тайёранд ҳунарашонро ба ту омӯзанд.

Ҷаҳон номи Тоҷикистонро ба шарофати фарзандони заковатмандаш шинохт.

Ман дар хонаи чандин нафар зиёиёни тоҷик дар чорчӯбаҳои гуногун суратҳои устод Айнӣ, академик Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзодаро дидаам. Симои гарми ин шахсиятҳои бузург ба дили инсон ҳарорат мебахшад. Чун мусаввирони ин суратҳоро мепурсидам, чанд тан узви Иттифоқи рассомони республика ва дастпарварони омӯзишгоҳи рассомии Душанберо ном мебурданд. Ин суратҳо, гарчи баъзеашон амали навкорҳоянд, вале як олам эҳсоси меҳру ихлоси тоҷиконро нисбат ба фарзандони вафодори миллат ифода мекунанд.

Як вақтҳо дар хонаи ҳунарпешаи нотакрор Маҳмуд Воҳидов сурати калони Артисти Халқии СССР Муҳаммадҷон Қосимов меистод, имрӯз сурати худи Маҳмудҷонро дар утоқи бисьёр мухлисону ҳаводоронаш мебинем. Чандин омӯзгори забон ва адабиёти тоҷикро медонам, ки дар утоқи худ сурати адибони маҳбуб ва олимони мӯътабар Сотим Улуғзода, Боқӣ Раҳимзода, Шарифҷон Ҳусейнзода ва Носирҷон Маъсумиро нигоҳ медоранд.

Китоби академики АФ Тоҷикистон Пӯлод Бобоҷонов

«Тадқиқи радиометрии циркуляцияи қабатҳои болои атмосфера» дар Америка ва Англия нашр шудааст. Ин мунаҷҷими номӣ мадори бештар аз 400 шиҳобро муайян кардааст, ки ҳам муҳаққиқони советӣ, ҳам хориҷӣ дар тадқиқоташон васеъ истифода мебаранд. Таҳти роҳбарии ӯ солҳои 1963—1967 дар Ҳисор расадхонаи астрофизикӣ буньёд гардида, бо доираи мушоҳида ва тадқиқоти васеаш ба астрофизикҳои тоҷик шӯҳрати ҷаҳонӣ овард, Институти астрофизикаи АФ Тоҷикистон дар миқьёси ҷаҳон ба яке аз калонтарин марказҳои илмӣ дар соҳаи тадқиқи метеорҳо табдил ёфт.

Яке аз олимони дақиқназари тоҷик, ки бо ҷилои ҳаррангаи истеъдоди худ дар дили аҳли фазлу دониш роҳ ёфтааст, доктори илми фалсафа Акбар Турсунов мебошад. Асарҳои илмӣ, очеркҳои ҳуҷҷатӣ ва мақолаҳои публицистии ин файласуфи зуллисонайн ҳаводорони бисьёре дорад. Китоби ӯ «Фалсафа ва космологияи муосир», ки нашриёти адабиёти сиёсии Москва ба табъ расонда буд, дар мамлакатҳои хориҷӣ ҳам нашр шудааст. Муаллиф проблемаҳои ҷаҳонбинӣ ва методологии космологияро (илми кайҳоншиносӣ) тадқиқ кардааст. Диққати ӯро масъалаҳои то ҳол дар адабиёти фалсафӣ ҳалнашуда ё кам тадқиқёфта, аз қабили мавқеи кайҳоншиносӣ дар маҷмӯи илмҳо, муносибати вай ҳам ба фалсафаи куҳан ва ҳам ба фалсафаи муосир, фаҳмиши фазо ва вақт, абадият ва монанди онҳо бештар ба худ кашидаанд. Муаллиф мундариҷаи ҷаҳонбинии кашфиёти космологиро аз нуқтаи назари материализми диаалектикӣ ба маҳаки тадқиқ гирифта, маънидодкунии метафизикӣ ва динии онро ба таври танқидӣ дида баромадааст. Кошонаи муаллифи чунин китобҳои гаронбаҳоро сурати академики марҳум Султон Умаров зеб медиҳад.

Боз бисьёр адибону олимон ва мутахассисони илму ҳунарҳои гуногунро медонам, ки утоқи кориашонро сурати устодону ҳаммаслакони азизашон зинат медиҳад. Ҳамаи ин эътиқоду муҳаббат аз дилҳои пурҳарорат ғизо гирифтаанд. Халқ дар ҳамаи замонҳо ба фарзандони садоқатманди худ ихлоси хос дошт ва имрӯз ҳам чунин аст. Танҳо бо кору амали нек метавон ба дили халқ роҳ ёфт!

Аз қадимулайём маъданҳои камьёфти Тоҷикистон боиси ба ин кишвар чашми ҳасад дӯхтани аҷнабиён мегардид. Сайёҳи машҳур Марк Поло аз сарватҳои сар-

замини мо — сангҳои рангоранги гаронбаҳо ба ҳайратмонда буд. Маъданҳои дар табақаи аввали хок маҳфузбуда ҳамаро ба вачд меоварданд. Яке аз кашшофонии ганчинаҳои диёри мо, лауреати Мукофоти давлатии ба номи Абуалӣ ибни Сино Рауф Боротов дар китоби худ «Лаъли Бадахшон» дар хусуси аксари сарватҳои зеризаминии республика маълумоти ҳаматарафа дода, аз чумла навиштааст... «...Омӯзиш ва коркарди ашьёи хоми сарзамини мо танҳо дар замони советӣ имконпазир гардид. Холо конҳои сесаду панчоҳ номгӯй маъдан омӯхта ва ба ҳисоб гирифта шудаанд. Тақрибан дар дусад кон истеҳсоли вольфрам, стронций, сурма, симоб, тилло, оҳан, суроб ва ғайра идома дорад.»

Кишвари офтобрӯяи ман, кишваре, ки дар гузаштаи наздик ҳатто меху сипорро аз дигар чой мегирифту аҳолиашро ба чароғи карасинӣ ҳам пурра таъмин карда наметавонист, ҳоло наздик ба панчоҳ мамолики хоричӣ маҳсулоти худро медиҳад. Тақрибан сад хел корхонаи саноатӣ бештар аз ҳазор номгӯй маҳсулот истеҳсол мекунанд.

Магар ин рақамҳо шоҳиди раднопазири пешрафти иқтисодӣ ва ичтимоии халқи мо нестанд?! Агар бигӯям, ки саноати Точикистони ман дар чои холӣ буньёд ёфтааст, ин санаду рақамҳо боз гӯётар садо медиҳанд. Дар зимни ҳар яки ин рақам ёриву мадади халқу миллатҳои гуногун тачассум ёфтааст.

Ҳар гоҳ аз майдони ба номи Ленини пойтахти республика гузарам, чашмам ба манорае меафтад, ки бар фарқи он Герби давлатии РСС Точикистон истодааст. Чун дигарон ман ҳам ба ин нишони расмии давлатии худ, ба ин ифтихору эътибори диёри маҳбуб бо меҳру эътимод менигарам. Шоирони мо дар ситоиши ин нишони сарзамини мо беҳтарин абьёти худро бахшидаанд.

Кист, ки имрӯз герби моро нашиносад? Ин герб ба образҳои рамзӣ хусусиятҳои хоси республикаро ифода мекунад. Ситораи сурхи мобайни чанбар рамзи умеду эътимод ба ояндаи хушбахтона буда, досу болға иттифоқи синфи коргар ва деҳқонро тачассум месозад. Офтоб ва шӯълаҳои он рамзи ҳаёти човидон, тимсоли равшаниву хирад ва давраи нави рӯзгори халқро мефаҳмонад. Хӯшаҳои гандум ва пахта, ки чанбарро ташкил медиҳанд, сарвати асосӣ, фаровонии неъматҳои замин

ва маҳсули меҳнати буньёдкоронаи одамонро ифода мекунанд. Ранги заррини хӯшаи гандум саховат ва шараф ранги сурх инқилоб, пойдории ҳаёт, мардонагӣ, матонату шуҷоатро, ранги сабз олами наботот, умеду орзу ва дилпурию эътимодро ба бахти безавол инъикос менамоянд.

Аҳли олам Тоҷикистони маро мисли ҳамаи дигар республикаҳо маҳз бо нишонҳои расмии герб, байрақ, гимн ва пойтахташ мешиносанд.

Республикаи ман дар солҳои Ҳокимияти Советӣ роҳи пуршарафи мубориза ву ғалабаҳоро паймуд. Ин роҳ аз якчанд устохонаи нимкосибӣ, аз дӯконҳои ҳунармандӣ то корхонаҳои азими мошинсозӣ, аз дастгоҳҳои хурди дастӣ, аз чарху дук то комбинатҳои азамати бофандагӣ, аз омочу испор то трактору комбайнҳои гуногунтамға, аз чароғи сиёҳ то станцияҳои пуриқтидори электрикӣ, аз қорихонаву мадрасаҳо то мактабҳои олию Академияи фанҳо иборат аст. Фарзандони аҳли заҳмат имрӯз илму техникаи ватаниро инкишоф медиҳанд, асрори фалакро кушода, бозьёфтҳои аҷиберо мушарраф мешаванд, ҳамчун олимони мӯътабар, дар соҳаҳои мухталифи илми муосир; геофизика ва астрофизика, геология ва химия, биология ва тиб, иқтисодиёт ва фалсафа, таърих ва археология, филология ва шарқшиносӣ тадқиқоти пурсамар бурда, дар қатори олимони республикаҳои иттифоқӣ дар революцияи илмию техникӣ саҳми босазое мегузоранд, ҳамчун ходимони барҷастаи адабиёт ва санъат дар Иттифоқ шӯҳрат ёфтаанд.

Ин ҳама дигаргуниҳои азим чун афсона ба назар менамояд. Вале ин ҳаргиз афсона не, балки ҳақиқатест, ки дар амал пойдору устувор шуданашро Ленини муаззам таманно дошт.

Хулласи калом, симои кишвари ман чунон ба куллӣ тағьир ёфт, чунон дигаргун гашт, ки шинохтанаш мушкил аст. Шахси шаст-ҳафтодсолае, ки солҳои тӯлонӣ аз Тоҷикистон дур афтода, баргашта боз ба зодгоҳаш ояд, сарзамини худро бо дидани якчанд чинори азамат ва ҳамшаҳронашро танҳо аз рӯи як нишона — забони тоҷикӣ шинохта метавонаду бас. Бубин, тафовути роҳ аз куҷост то ба куҷо!

## МУНДАРИЧА


Байраки республика . . . . . . . . . . . . . 5
Ливои Октябрь . . . . . . . . . . . . . . 7
Суруди миллат . . . . . . . . . . . . . . 14
Қиматтарин ёддошт . . . . . . . . . . . . 15
Гулбоғи тоҷик . . . . . . . . . . . . . . 21
Галстуки табаррук . . . . . . . . . . . . 23
Герби Тоҷикистон . . . . . . . . . . . . 28
Пионери ордендор . . . . . . . . . . . . 30
Партияи бахтовар . . . . . . . . . . . . 37
Занҷири гусаста . . . . . . . . . . . . . 38
Омӯзгори мо . . . . . . . . . . . . . . 48
Номаҳои муҳаббат . . . . . . . . . . . . 49
Забони модарӣ . . . . . . . . . . . . . 55
Китоби китобҳо . . . . . . . . . . . . . 56
Шаҳидони Ватан . . . . . . . . . . . . . 64
Муҳофизи шаҳри Ленин . . . . . . . . . . 65
Эъҷози деҳқон . . . . . . . . . . . . . 70
Тиллои сафед . . . . . . . . . . . . . . 72
Гули гулҳо . . . . . . . . . . . . . . . 79
Достони Ашти Қалон . . . . . . . . . . . 81
Фидой . . . . . . . . . . . . . . . . . 88
Қудрати нур . . . . . . . . . . . . . . 90
Мӯйсафедон . . . . . . . . . . . . . . . 96
Ёрони ҷонӣ . . . . . . . . . . . . . . . 98
Суруди роҳсоз . . . . . . . . . . . . . 108
Роҳи пӯлодин . . . . . . . . . . . . . . 109
Дар боғи Маҳмуд Воҳидов . . . . . . . . . 118
Шоҳтир . . . . . . . . . . . . . . . . . 120
Диёри домани хуршед . . . . . . . . . . . 131
Тоҷикистони ман . . . . . . . . . . . . . 133

ХОНАНДАГОНИ АЗИЗ!

Фикру мулоҳизаҳои худро доир ба ин китоб ба адреси зерин:

шаҳри Душанбе, кӯчаи ба номи Айнӣ, 126, шӯъбаи адабиёти бачагона навишта фиристед!

Барои бачагони синни миёна ва калони мактабӣ

**АЛИ БОБОДЖАН**

# Мой Таджикистан

*(на таджикском языке)*

Муқарриз *А. Баҳорӣ*
Муҳаррир *Баҳром Фирӯз*
Рассом *Г. Красовский*
Муҳаррири расмҳо *В. Безушко*
Муҳаррири техникӣ *Т. Любицкая*
Мусаҳҳеҳ *Ҳ. Имомова*